**Раёсати Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон**

---

**Шуъбаи таҳқиқоти стратегии назди Раёсати Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон**

# Илм ва Ҷомеа

**Маҷаллаи академии илмию оммавӣ**

**№ 2 (40), 2025**

Маҷалла 08 июни соли 2023 аз тарафи Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шудааст.

**Муассис:** Раёсати Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон
**Сармуҳаррир:** Нозим Нурзода
**Котиби масъул:** Фирдавс Ниёзӣ
**Саҳифабанд ва тарроҳ:** Бозор Ибодов

**Ҳайати мушовара:** Қобилҷон Хушвахтзода, Фарҳод Раҳимӣ, Талбак Назаров, Саидмурод Фаттоҳзода, Собит Неъматуллоев, Комил Бекзода, Маҳмадалӣ Музаффарӣ,.

www.ravshanfikr.tj

# ФЕҲРИСТИ МАВЗУЪҲО

## ДАВЛАТДОРИИ МИЛЛӢ ВА ЧОЛИШҲОИ ИМРӮЗӢ

***Ятимов С.*** *Садриддин Айнӣ ва инқилоби маданӣ*................................ 5

***Саидзода Ҷамолиддин***. *Таассуб чашми бино кур созад*....................... 30

**Шарифзода Исомиддин.** *Илммеҳварӣ, саноатикунонӣ ва навгирой – абзори асосии мубориза бо таассубу хурофоти мазҳабӣ*.......................................................................................... 49

**Асадзода Назрӣ.** *Робитаи мутақобила ва диалектикии падидаҳои миллат ва давлат. Нақши ҷаҳонбинии миллат дар пойдорӣ ва рушди давлати миллӣ*........................................................................ 63

## ХАТАРҲОИ МУҲИТЗИСТӢ, СИРОЯТПАЗИРӢ ВА ДИПЛОМАТИЯИ ЧАНДСАМТӢ

**Қурбонов Номвар** *Гармшавии глобалии иқлим ва таъсири он ба Ҷумҳурии Тоҷикистон*.................................................................... 101

**Назирӣ Хубон.** *Раванди обшавии пиряххо ва алоқамандии он бо тағйирёбии иқлим*........................................................................ 113

**Иматова Рамзия**. *Аҳамияти сиёсӣ ва иҷтимоии дипломатияи бисёрсамта дар равобити хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон*................. 121

**Аминова Идона**. *Вируси тавхол ва паҳншавии он миёни кӯдакон*.................................................................................... 134

## СИМОҲОИ ФАРҲАНГӢ ДАР РАВЗАНАИ ОШНОӢ

**Нурзода Нозим.** *Шинохти як шахсият дар қолиби як суҳбат*........................................................................................... 142

## ТАҚРИЗ ВА ТАҲИЯ

**Собириён Мехр.** *Илму навоварӣ - заминаи рушди иқтисодиву иҷтимоӣ дар кишварҳо (бардоштҳо аз китоби Марк Закари Тейлор зери унвони "Сиёсатгузориҳои навоварӣ: чаро дар илму технология баъзе кишварҳо аз дигарон беҳтаранд")*.............................. 153

**Сафарзода Нурмуҳаммад.** *Шеъру шоирӣ дар коргоҳи эҷодии устод Боқӣ Раҳимзода*........................................................................... 195

# ДАВЛАТДОРИИ МИЛЛӢ ВА ЧОЛИШҲОИ ИМРӮЗӢ

**С.ЯТИМОВ**
*профессор*

## САДРИДДИН АЙНӢ ВА ИНҚИЛОБИ МАДАНӢ

### МУҚАДДИМА

Муҳимтарин масъалае, ки устод Садриддин Айнӣ ҳаёти худро ба ҳаллу фасли он сарф намудааст, тарғиби зарурати донишандӯзӣ, маърифаткунонии саросарӣ, ташвиқи оммаи мардум барои расидан ба истиқлоли руҳиву равонӣ ҷиҳати ноил гаштан ба пирӯзии инқилоби маданӣ, таъсис, рушд ва пойдории давлати миллии тоҷикон буд.

Мутаассифона, дар шароити кунунӣ, агар бо такя ба принсипи таърихии дарки воқияти ҳастӣ муҳокимаронӣ кунем, раванди ташаккули мафкураи қисме аз насли ҷавон самти диалектикии ***инкори баръакс*** – бухрони хавфноктар аз замони Айниро касб кардааст.

Ҷаҳонбинӣ ва идеологияи хурофотӣ сабаб гашт, созмонҳои экстремистиву террористӣ давра ба давра шакл бигиранд. Ҳалқаҳои махфии он тамоюл ва имконоти барои давлати миллӣ хатарзои афзояндаро аз худ нишон диҳанд.

**Ин ҷараёнҳои махлут бо ифроттарой дар ягон давр чунин вусъати паҳншавӣ надоштанд, агар даҳшати замони ҷанги шаҳрвандиро истисно кунем.**

Омилҳои аслии фоҷиа аз камбуди тарбия дар шароити оила (1), нотавонии мактаб (2), заифии муҳити маънавӣ (3) ва инфрасохтори ташаккули ҳисси ватандории баробарвазн ба ҷаҳонбинии таассубгароёна (4), адами масунияти

(***иммунитети***) ақидавӣ дар муқобили таҳрики ғояҳои зиддимиллӣ (5) сарчашма мегиранд.

Маълум аст, ***ҷаҳонбинӣ маҷмуи систематикунонидашудаи муҳтавои руҳи инсон – ангезандаи вокуниши амалии ӯ нисбат ба муҳити атроф аст. Маҳз ҳамин ҷавҳар воқеиятро ба тарзи идеалӣ дар худ инъикос мекунад. Баҳогузорӣ, ҳамзамон нақшаи тағйири онро тарҳрезӣ менамояд. Тимсоли*** *(образи)* ***вазъ ва намунаиояндаи чунин дигаргуниро дар ақли худ ҷой медиҳад. "Мебинад". Роҳу восита ва усули бамақсадрасиро интихоб мекунад.***

Бидуни шак, тафсири мазкур ифодаи классикии таърифи шинохти табиат, ҷамъият ва тафаккур аст. ***Муҳим ба назар мерасад, ки ҳангоми арзёбии инкишофи ҷаҳонбинии узви ҷомеа, дар маҷмуъ, шуури ҷамъиятӣ, формулаи ёдшуда мадди назар гирифта шавад.*** Махсусан, вақте сухан дар бораи ҷараёни ифротишавии ҷомеа, оқибатҳои на чандон дур ва агар пешгирӣ нашавад, фоҷиабори он равад.

Адабиёт муҳимтарин воситаи ташаккули руҳ, ҷаҳонбинии воқеӣ – муассиртарин василаи сохтани давлати миллӣ аст. Агар ин амал ***бо дарки интихоби мавзуи рӯз,*** ҳамчун ниёзи иҷтимоӣ – таърихӣ, мақсаднок, устодона, нишонрас, ***ба умеди ноил гардидан ба натиҷаи меҳнати нависанда тарҳрезӣ ва анҷом шавад.*** Чуноне ки мо онро дар эҷодиёти устод Садриддин Айнӣ мебинем.

Мавзуи баҳси мо, тавассути хотиррасон кардани заҳматҳои эҷодии  ин нобиғаи илм ва каломи бадеӣ, ***кӯшиши наздик кардани  адибон ва адабиёти муосир ба дарки ҳолати буҳронии руҳиву равонӣ ва воқеияти вазъи маънавии қисме аз аъзои ҷомеаи имрӯза мебошад.*** Зеро муътақид ҳастем: ***"Суханҳо ҳеҷ арзише надоранд, агар идеяҳоро ифода намуда, бо далелҳо зарурат ва ҳақиқати онҳо исбот нагарданд"*** *(В.Г. Белинский. Собрание сочинений. Т.8. – М.: 1982. – С.107).*

## ЗАРУРАТИ ИҶТИМОИИ АЙНИШИНОСӢ

Аз давраи ба истиқлоли давлатӣ расидани миллати тоҷик чанд даҳсола сипарӣ гашт.

Таърихи навтарин бори дигар исбот кард, халқ замоне соҳибдавлат мегардад, ки зарурати ногузир ва бебозгашти аз кашмакашҳои дохилии ҷомеа раҳо шудани хешро ба куллӣ эҳсос намояд (1), рух, маънавиёт ва соҳибиродагии сиёсӣ нишон диҳад (2), шароити таърихӣ ба он созгор ояд (3) ва сарвари қудратманди дорои сифатҳои фавқулода дошта бошад, ки таъсис, ташкил ва раҳбарии давлатро ба уҳда бигирад (4), дар фаъолияти сиёсӣ нақша ва ормонҳои тамаддунии миллатро собитқадамона амалӣ созад (5).

Ба бахти таърихии халқи тоҷик дар вазъи фоҷиабор, ки Тоҷикистон ***на ҳамчун мафҳуми ҳуқуқии давлат,*** балки дар доираи ***истилоҳи ҷуғрофиёии мамлакат*** ҳанӯз ҳам арзи ҳастӣ менамуд, Пешво, саробон ва роҳнамои худро пайдо кард.

Ӯ тавонист шароит, захираҳои маънавӣ ва моддии мардуми хешро ба хотири барқарории давлат, таъмини сулҳу субот, рушду тараққии он хирадмандона сафарбар кунад. Давлати мустақили барои таъмини ниёзҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва маданӣ комгор ва дар муносиботи байналхалқӣ соҳибихтиёр барпо намояд. Ба тарзи дигар, бунёди муассисаи ҷавобгӯ ба манфиатҳои миллиро, бо назардошти шароити рақобатҳои пешгӯинашавандаи геополитикӣ, асос гузорад ва устувор созад.

Дуруст аст, ***"ёдоварии давлат набояд чизи дигаре бошад, ғайр аз рӯйдодҳои муассир. Давлат муҳокимаронӣ намекунад. Ҳарф намезанад. Аз худ фаъолияти натиҷаманд нишон медиҳад".*** *(В.Г. Белинский. Т.4. – М.: 1954. – С.7).* Ин аст табиати таъйиноти принсипалӣ ва императивии давлат.

Аммо яке аз классикони фалсафаи эмпиризм меомӯзад: ***"Инъикоси табиатро дар тафаккури инсон бояд на ба тарзи***

***“шахшудамонда”, на ба тарзи “номуайян”, на бидуни ҳаракат, на бидуни зиддият, балки дар шакли абадии ҳаракат, рух додани зиддиятҳо ва ҳаллу фасли онҳо фаҳмидан лозим аст”*** *(Иқтибос аз асари Л. Живкович. Теория социального отражения. –М.: Прогресс, 1969. – С. 49).*

Собиқ давлати пуриқтидори дар шашяки рӯйи замин истиқрор, ин ***қонунмандии диалектикиро сарфи назар кард. Шикаст хӯрд.*** Аз харитаи сиёсии олам нопадид гашт.

Дар алоқамандӣ бо чунин воқеият, дар шароити кунунӣ масъалаи ***ҳифз ва афзун гардонидани дастовардҳои муҳимми замони Истиқлол*** аз мавзуъҳои марказии давлатдорӣ ба ҳисоб меравад.

Аммо дарки ҳақиқати воқеӣ ва тибқи он ноил гаштан ба пешрафт ва муваффақият, дар раҳи рост муяссар намегардад. Тибқи ифодаи мантиқии Аристотел дар асари машҳураш “Сиёсат”, ***давлат мебояд раванди ташаккули мафкураи сиёсии аҳли ҷомеаро мадди назар бигирад. Ба он таъсиргузор бошад.***

Дар ин маврид, **формулаи ҳолати муайянкунандагӣ доштани ҳастӣ нисбат ба руҳ ва ҷаҳонбинӣ, зуҳуротеро касб кардааст, ки мутаассифона, дараҷаи донишу хиради қисме аз аъзои ҷомеаи мамлакатҳои мусулмоннишин ба фаҳми муҳтавои найрангҳои геополитикӣ намерасад. Ба осонӣ, дар кӯтоҳмуддат онҳоро раҳгумзада мекунонад.** Аз манзалати истифодабаранда ва ҳимоякунандаи манфиатҳои миллӣ, ***“дарегу дард, ки ғофил зи кори хештан”*** *(Ҳофиз),* ***ба унсури истифода ва роҳбаришаванда ҳамчун усулу восита*** мубаддал мегардад.

Ба ин мантиқ, сухани Уинстон Черчил шоистаи ёдоварист. Ӯ дар оғози ***Ҷанги дуюми ҷаҳон,*** дар хусуси нафари ташаббускори он, бо таассуфу нафрат, изҳор дошта буд: ***“Бубинед, як ефрейтор тамоми дунёро ба даҳшат овард”.***

Сухан сари муаммоест, ки ҳамагӣ чанд ашхоси ҷаҳолатпешаи аз ***мантиқи миллат ва манфиатҳои миллӣ, давлат ва давлатдорӣ*** ноогоҳ, бар болои **"ҷумҳурии мардумаш саросар босавод"**, чунон мушкил эҷод карданд, ки ҳазорон назариётчӣ, олим, мутафаккир ва сиёсатмадору давлатдор дар посухгӯйӣ ба он суолот лол монданд.

Сабаби ҷанги шаҳрвандии Тоҷикистон низ, аз ҳамин ҳақиқат иборат буд.

Боиси таассуф аст: ***"Таърих ба инсон меомӯзад, ки инсон аз таърих чизеро намеомӯзад"*** *(Г.В.Ф. Гегель. Лекции по философии. – Санкт-Петербург, 2000. – С. 55).*

***Акнун ҳамарӯза шоҳиди он муаммое ҳастем, ки ҷаҳолат, таассуб, торикӣ, бефарҳангӣ, нодонӣ, чорагарӣ, бедонишиву носипосӣ, осоиш аз омӯхтан, илмситезӣ ва натиҷаи он оҳарманӣ –ҳанӯз ҳам дар ҳазор шакли хурофот дар муқобили сохти давлатдорӣ, донишситоӣ, ақлгароӣ, нексиголӣ, додгарӣ, ватанпарварӣ, хидматгузорӣ ба халқу миллат, рисолатшиносӣ, ҳушмандӣ, балоғатсолорӣ, номусгароии аҳли Аҷам мубориза и ошкору пинҳон мебаранд***. Дар олами ғаразпарвар растагор меҷӯянд. Пуштибон меёбанд. Гоҳе муваффақ ва дастболо мешаванд.

Тули асрҳо мушкили аслӣ ва фоҷиабори миллати тоҷик ҳамин буд ва ҳаст.

Ба ҳамаи ин суолҳо дар осори ҷовидонаи Садриддин Айнӣ посух ёфтан мумкин аст. Онҳо дастур ва роҳнамои маорифи халқ мебошанд, на танҳо барои Вазорати маориф.

## САДРИДДИН АЙНӢ – САРЧАШМАИ МАЪНАВИИ ТАЪСИС ВА ТАҲКИМИ СОХТИ ДАВЛАТДОРӢ

Масъалаи ***муҳтаво, руҳ, мантиқ, мундариҷа*** ва ***маънавиёти миллӣ*** истилоҳоти мураккаб ҳастанд. Агар мо онҳоро ҳамчун ***мафҳум, категория ё дефинитсия*** истифода

карданӣ бошем. Агар мо бо ин ***“силоҳ”*** вориди баҳс шуданӣ бошем.

Дар яке аз мусоҳибаҳои охирин, узви вобастаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, мунаққиди барҷаста Соҳиб Табаров коромад, сифат, мундариҷаи адабиёти пешин ва муосирро бо ҳам муқоиса карда, аз ҷумла, мегӯяд:

***“...бо вуҷуди ин мани 23-соларо соли 1947 ба аъзогии Иттифоқи нависандагон пазируфтанд. Он вақт иттифоқ 33 аъзо дошт. Ҳоло 400-500. Он вақт ҳар сол, аққалан, 10-15 асари нағз ба дасти хонанда мерасид. Аммо имрӯз дар 10-15 сол як асари хуб ҳам ба майдон намеояд. Имрӯз ҳама узви Иттифоқ...***

***Канӣ шумо ду се адиби замони Истиқлолро ба ман гӯед, ё китобашро ба ман оред... ман кӯру кар. Асарашро баланд – баланд хонед. Ман фаҳмам. Ана баъд мебинем. Наметавонед! Зеро нест!”*** *(Ҳафтаномаи “Тоҷикистон”, №15. 15.04.2015)*

Ба гуфти В.Г. Белинский, асар ҳамон аст, ки хонанда онро на кам аз ду бор, батакрор, бо иштиёқ хонад. Ва ба дигарон бо завқи баланд қисса намояд.

Дар муддати сад соли мавҷудияти Тоҷикистон ҳамчун истилоҳи сиёсӣ, ***муҳтаво ва ҷараёни ташаккулёбии шуури миллӣ*** аз мавзуъҳои марказии қаламбадастони ватанпараст маҳсуб мегардид.

Сарфи назар аз камбудиҳо, адабиёти бадеӣ, матбуот, васоити ахбори умум, дар маҷмуъ, дар ин ҷараёни масъулиятноки таърихӣ нақши мусбат доштанд.

Албатта, иҷрои муваффақонаи ин вазифа кори саҳл нест.

Қудрати нависанда, тавоноии ӯ дар истеъдод (1), донишу хирад ва фазилати (2) ӯст. Асоснокии ин фарзияро академик будани нависандагони бузург Садриддин Айнӣ, Мирзо Турсунзода, Чингиз Айтматов ва баъзе аз қаламкашони сатҳи ҷаҳонӣ тасдиқ мекунад.

Адабиёт илм аст. Нависандаи ҳақиқӣ олим. Ӯ медонад, ки адабиёт ҳам шакли фаъолияти пурмуҳтавои ҷомеаи инсонист. Мақсад аз он омӯхтан, тадқиқи оламу одам, тафаккур, равандҳои ҷомеа, ҷараёнҳои табиат ва қонунмандиҳои тараққиёти онҳост. ***Баръакс, ба адабиёти воқеънигорӣ ҳеҷ зарурат намемонд, агар байни зуҳурот ва моҳияти раванди ҳастии ҷамъиятӣ номуайянӣ, нофаҳмӣ, мавҳум ва тазод вуҷуд намедошт.***

Шарт нест, ки адиб аз доираи салоҳияти худ берун ва ба илм машғул шавад. Не. Аммо ӯ бояд донишманд, то дараҷае энсиклопедист бошад. Дар ин маврид, дониш ба сифати ***тасаввуроти илмӣ*** мадди назар аст. Агар хоҳад, ки асари хотирмон ва барои ҷомеа судманд эҷод намояд, то ***"аз боду борон, наёбад газанд"***.

Бартарии Садриддин Айнӣ дар кори эҷодӣ, дар замири як шахс ***тавъам омадани хотироти таърихӣ, истеъдоди камназири нависандагӣ бо донишманди бузурги илмҳои таърих, мардумшиносӣ, забоншиносӣ, адабиётшиносӣ ва руҳшиносист.*** Баркамолӣ ва безаволии асарҳои бадеии ӯро низ сабаб ҳамин аст. Ин хосиятро дар ҳар шакл нависандагони машҳури олам, аз ҷумла, **Уилям Шекспир (1564 -1616), Иоган Волфанг Гёте (1749 – 1832), Оноре де Балзак (1799 – 1850), Лев Толстой (1828 -1910), Робендранат Такур (1861 - 1941)** нишон дода буданд.

Бидуни шак, Садриддин Айнӣ аз ҷумлаи онҳост. Ҳамзамон, ***афзалияти ин абармард нисбат ба дигарон дар матонат, ҷасорат, аз худ гузаштанҳо, мубориз будан ва руҳияи инқилобӣ*** доштани ӯст.

Садриддин Айнӣ медонист, ки натиҷаи муборизаи ҳазорсолаи миллати тоҷик ба муқобили нимғуломдорӣ тавассути Инқилоби Бухоро, мисли ҳадяи таърих ба орзуву омол ва фаъолияти ҷоннисоронаи халқи ӯ амалӣ гардид.

Мутафаккир, ҳамчун фарзанди намаксипос, ки аз хислатҳои ҳамидаи халқи бузургаш аст, ин инқилобро бо ташбеҳи ***“машъали рахшони адолат” ва “мурғи ҳумо”*** васф кард. Ҷавонмардона, бе дудилагӣ дар олами ақибмондаи хатарнок, пешгӯинашавандаи сиёсӣ ва иҷтимоии асримиёнагии Шарқ, худро шогирди чилсолаи Инқилоб эълон намуд. Инқилобе, ки асли онро дунявият ташкил мекард.

Худи Айнӣ, вобаста ба замон ва муҳити ба камол расиданаш, имкони даст ёфтан ба адабиёти илмӣ, ки ***инқилоби иҷтимоиро ҳамчун дигаргун кардан, барҳам задан, шикаст додани форматсияи иҷтимоӣ-иқтисодии кӯҳна, ба минбар нишондани низоми пешбар, мутараққӣ ва инсонмеҳвар тафсир мекард,*** надошт. Дар шароити Бухорои асримиёнагӣ чунин табақаи иҷтимоӣ, назарияи илмӣ ва шуури инқилобӣ аз худ дарак ҳам намедод.

Дар чунин ҳолат, Айнӣ ҳама гуна дигаргуниҳои иҷтимоиро дар натиҷаи амалҳои фаъол ва таъсирбахши маорифпарварона – инқилоби маданӣ тасаввур мекард ва медид.

Аз лиҳози дигар, агар Айнӣ Аҳмад – махдуми Донишро “доҳии модарзод” номида бошад, худи ӯ низ аз ҷумлаи нобиғагони банӣ башар буд, ки қобилияти ирсӣ, табиӣ ва фавқулодаи дарки воқеияти ҳастиро дошт. Бидуни инқилоб ҳам, то дами марг рисолати худро мисли Гомер, Шекспир, Гёте, Байрон, Мартин Лютер ва дигар қаҳрамонони миллатсоз иҷро мекард. Як шахсияти одӣ набуд.

Дар шароити хатари марговар ба ӯ ва ҷигарбандонаш, ду сол қабл аз Инқилоби Бухоро, ҳанӯз соли 1918, бидуни такягоҳу пуштибон сохти амириро рӯирост чун ***“хонаи бедоду ситам”, “маҳкамаи ҷабр” маҳкум, “он қозиву муфтиву он шоҳу вазир”-ро орзуи сарнагун кардан дошт.*** Ҳамчун инқилобчӣ мардонавор қад барафрохт. То охири умр ба

муқобили ***ҷаҳонбинӣ, руҳу маънавиёти миллаткуш ва урфу одати боқимондаи замони куҳан*** мубориза бурд.

Бидуни шак, ***"Ҳар як инсон таърих дорад. Шахсро дар ин таърих лаҳзаҳои хатарнок ҳамраҳӣ мекунанд: дар бораи одам бошад, фақат ҳамон вақт бехато муҳокимаронӣ кардан мумкин аст, ки ӯ дар он асно чӣ тавр фаъолият кард, чӣ гуна рафтор нишон дод, вақте ки дар ду паллаи тарозу ҳаёту мамот, шаъну шараф ва хушбахтии ӯ меистоданд.***

***Чӣ қадар инсон баландмоя бошад, ҳамон қадар таърихи вай пуршукӯҳтар, лаҳзаҳои хатаровар барояш даҳшатбортаранд. Ҳамзамон, берун гаштан аз чунин ҳолати фалокатбор барои ӯ ҳамон қадар тантанавор ва ба дараҷаи баланд муассир ҳастанд. Ҳаёти чунин шахс ба ҳаёти халқаш тавъам меафтад"*** *(В. Г. Белинский. Собрание сочинений. Т. 2. – М.: Художественная литература, 1977. – С. 138-139).*

*Садриддин Айнӣ фақат баъди инқилоб ҳамсони худро дар шахсияти Абулқосим Лоҳутӣ пайдо кард. Аз рӯйи дарку қобилият ва ҷавонмардиву матонат, сарсупурдагиву садоқат, дӯсти дар парешонҳоливу дармондагии худро дарёфт.*

*Руҳи инқилобии Лоҳутӣ ҳам ба Айнӣ бетаъсир намонд.*

Садриддин Айнӣ, ба ғайр ***аз ҷаҳонбинии динӣ – схоластикӣ,*** боз ба вуҷуд доштани назарияи дигар – ***нақши инсони донишманд дар дигаргунсозии ҳаёти ҷомеа ниёз дошт. Ва аз адабиёти дастрас ба ҳамин суолҳои худ посух меҷуст.***

Албатта, баъдан ин дастоварди маънавӣ дар суханони Садриддин Айнӣ иброз гаштааст.

Аммо раванд ва воқеияти ташаккули шахсияти худи мутафаккирро ҳам бояд ба инобат гирифт. Ҳамчун ҷавонмарди ташнаи дониш, то замони шиносоӣ бо эҷодиёти Аҳмади Дониш, Айнӣ бо маъхазҳои асосии инсонпарваронаи адабиёти классикии тоҷик оғоз аз Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, Абулқосими Фирдавсӣ, Абуалӣ ибни Сино, Умари Хайём,

Носири Хусрав, Низомии Ганҷавӣ, Абдурраҳмони Ҷомӣ, Саъдии Шерозӣ, Ҳофизи Шерозӣ, Камоли Хуҷандӣ, Сайидои Насафӣ, Мирзо Абдулқодири Бедил ва даҳҳо мутафаккирони бузурги таърихи ҳазорсолаи адабиёти тоҷик шиносоии баркамол дошт. Ва баҳраварии эҷодкорона аз мафкураи таърихӣ – ҷоннисориҳои абармардони майдони сиёсат ва ақидаҳои маорифпарваронаи адабиёти классикӣ – тамаддуну фарҳанги ниёгон, оқибат ҳимоя кардан ва ба истиқлол расидани миллатро тавассути ин нависандаи баркамол ва дигар ҷавонмардони муборизу фидоӣ сабаб шуд.

Ҳамзамон бо ин, асарҳои равшангаронаи Аҳмади Дониш, ҳамчун дидгоҳи бозбинии замони истибдоди амирӣ, ҷамъбасти мантиқӣ ва ифодакунандаи вазъи ҷаҳонбинӣ ва фазошиносии давр, такони ҷиддӣ барои дарк ва инъикоси воқияти замони Айнӣ маҳсуб мегарданд.

***Таърихи таҳаввули ҷаҳонбинӣ ва афкори миллати тоҷик дар тули ҳазор сол, бори дигар исбот кард, ки руҳ, маънавиёт, дидгоҳ, нуқтаи назари сиёсӣ, ки онро дар маҷмуъ, идеология ном мебаранд, хосияти иманентии диалектикӣ надоранд. Он аз воқеият, ки амали мақсаднок ва бошууронаи инсон, аз муҳимтарин ҷузъи он мебошад, вобаста аст.***

Оғоз аз ҳамин **нуқтаи дарк ва камоли андеша,** муборизаи ақидавӣ ва инқилобии Айнӣ муҳтавои баробарвазн ба воқеият гирифт.

Дар ин маврид, Айнӣ ***муносибати худро ба ҳукумати амирӣ аз лиҳози мавқеъгирии сиёсӣ комилан тағйир дод*** (1). ***Хурофотро ҳамчун усул, восита, ҳамсафар ва ҳимоятгари аслии маънавӣ ва ҷисмонии ҷиноятҳои амирӣ бар зидди оммаи мардуми ноогоҳу бесарпаноҳ шинохт*** (2). ***Донист, ки идеологизми таҳмилӣ ва урфу одати аҷнабиён, дар ягон ҳолат наметавонад созгори имрӯзу ояндаи босубот ва умедбахши халқи азияткашидаи тоҷик бошад (3). Ба хулосае***

*омад, ки ягона роҳи озодӣ, аввалан, дар тағйири моҳият ва мундариҷаи ҷаҳонбинӣ, руҳиву равонӣ – дар истиқлоли зеҳни инсон аст. Бидуни он озодии воқеӣ ва ояндасоз хобу хаёлу шиору орзуе беш нест (4). Ва ин дастовард, танҳо тавассути рӯ овардан ба илм, босавод кардани оммаи мардум (5) ва баҳраварӣ аз нуқтаи бунёдӣ, такягоҳӣ – таърих ва тамаддуни миллати ӯст. На афсона ва тахайюли дигар (6).*

Ин ақидаҳои барои миллат ҳаётбахшро Садриддин Айнӣ дар тули умри бобаракати худ ҳам бо сухан, ҳам бо қалам ва ҳам бо қадам исбот кард.

## АЙНӢ – ДОҲИИ АДАБИЁТИ НАВИНИ ТОҶИК

Садриддин Айнӣ дар таърихи тоҷикон, аз ҷумла, дар мураттабсозӣ, муаррифӣ, рушди адабиёти он сармашқ, абармард, воломақом, соҳибдафтар, баландҳиммат, Рустами таърихсози миллат, муҳандис ва бозофарандаи забони адабии ҳозираи тоҷик, масъулиятшинос, инқилобчии матин, озодихоҳ, муҷассамаи бузурги ҳувияти миллӣ буд, ҳаст ва мемонад.

**Дар давраи навини Истиқлоли давлатӣ, ки худшиносии миллӣ аз муҳимтарин масъалаи суботи давлатдорист, ҷойи Айнӣ ҳамчун олим ва адиби мубориз холист.**

Дар оғози асри гузашта, Айнӣ бо вуҷуди маҳдудияти зимом ва тангии замон, дар байни обу оташ роҳи зиндагии худро интихоб кард.

Аммо дар ин маънӣ Айнӣ мисли худ ҳамфикру ҳамақидаи якдилу рӯинтан надошт.

Ба дарбор ҳамчун шоир даъват гардид. Онро рад кард. Нахост қаҳрамони ягонаи ба миллати худ бегона бошад. Дар сахтиҳо дилшикаста нашуд. Муборизаашро идома дод. Ба оммаи мардуми бесаводи азияткашида, маҳкум ба бадбахтӣ ва "тири фалак" хӯрда муроҷиат намуд. Онро омӯхт. Қаҳрамон

интихоб кард. Хост мардумро ба худи мардум шиносонад. Онҳоро оинаи якдигар қарор бидиҳад. То фаҳманд, ки ҳазор соли бандагӣ, адами истиқлол онҳоро ба чӣ аҳвол рӯ ба рӯ кардааст. Хост адабиёти миллии бошахсият, анъана ва урфу одати тоҷикиро асос гузорад. Ба истилоҳҳои **"халқ", "миллат", "манфиатҳои миллӣ"** ҷон бахшад.

Айнӣ аз аввалин адибони миллии воқеиятшинос буд. Кӯшид, ба одамони одӣ сабаб ва воситаи раҳоӣ аз мушкилоти фоҷиабори иҷтимоиашро фаҳмонад. Онҳоро ба бесуботии тафаккури афсонавии "**малакутӣ"** (*олами фариштаҳо*), дом ва доди бедоди гиряолуди идеологияи шикоятомези нотавонӣ, оҷизӣ, ночорӣ, дармондагии дастҳо сӯйи "**фалак"** *(осмон, тақдир, гардише, ки инсон дигар наметавонад дар он нақш дошта бошад, маҷбур аст ба чунин қисмат тан диҳад)* муътақид созад. Фаҳмонад, ки озодӣ ва шоистасолории инсон фақат аз Ақл, Хирад, Илму Дониш ва рафторҳои заминии ӯ вобастагӣ доранд.

Нобиғагӣ ва заковатмандии ***толибилми мадрасаи Бухорои асримиёнагӣ*** дар он буд, ки дарк кард, ***арзиши дониш дар муносибат ва муқоиса ба воқеияти ҳаёт санҷида мешавад.*** Ва дараҷаи муҳиммияти ҳама гуна назария дар алоқамандӣ бо таҷрибаи зиндагист.

**Шогирди солманди Инқилоби навини иҷтимоӣ нисбат ба худ ва пайравон ниҳоят серталаб буд. Таъкид менамуд, сухани бадеӣ ҳеҷ чизеро ифода намекунад, агар он ормону орзу ва афкори пешқадамеро тафсир ва тасвир нанамояд. Муътақид накунонад. Одамро ба шахсият мубаддал насозад. Посухгӯи ниёзҳои иҷтимоии давр набошад.**

Чунин эътиқодмандӣ на танҳо дар асарҳои бадеӣ, илмӣ ва илмӣ–таърихии Айнӣ, балки дар мукотибаҳои ӯ бо аҳли илму

адаб ҳам ба назар мерасад. ***Ин мактаби нави адабиёт ва адабиётшиносии тоҷик буд.***

Барои мисол, таваҷҷуҳ карда шавад, ба як номаи ватандӯсти беамсол, ниҳоят пуркору масруфу гирифтору масъулиятшиносу фаъол, ки умре ба хурдтарин зуҳуроти ҷаҳонбинии миллӣ бетарафӣ накарда, аҳаммият додааст. Фурсат пайдо карда, онро баҳогузорӣ ва хулосабарорӣ намудааст. Мутаносибан, бароиислоҳи вазъи тарбия дар мактабҳо, мундариҷа ва муҳтавои ҷаҳонбинии муаллимон тавсияҳо манзур сохтааст:

**"Ман дар бораи аз ҳама ҷо дар Ленинобод зиёд будани хурофоти динӣ ба шумо як мисол нишон медиҳам. Дар тобистони соли 1946 ба Самарқанд як студенти ленинободӣ, ки дар Москва таҳсил мекунад, омад. Аз рӯйи шуниди ман, он студент бародари хурдтараки худро, ки «кокулаш ба Шоҳи Зинда назр будааст», гирифта овардааст, то ки гӯсфанде харида, ба сари мазори мазкур бурда кокули бародарашро тарошонад.**

**Ин корро ягон касе аз аҳолии ҳозираи Самарқанд ва Бухоро намекунад. Ин факт ҳаминро нишон медиҳад, ки агар шумо бинои сари мазори шайх Маслаҳатро вайрон карда партоед ҳам, хурофотпарастон аз ҷоҳои дур ҳам бошад, барои қонеъ кунонидани орзуи хурофотпарастии худ, мазоре меёбанд ва инчунин ин факт ҳаминро ҳам нишон медиҳад, ки дар Ленинобод – дар мактабҳо ҳанӯз тарбияи советӣ–коммунистӣ дуруст ба амал монда нашудааст, вагарна як студент ин корро намекард.**

**Бинобар ин, аз ҳама пештар ба воситаи мактабҳо муборизаро ташкил кардан лозим аст ва аз ҳама пештар муаллимонро аз назари тавфиқ гузаронидан даркор аст"** (*С. Айнӣ. Мактубҳо. –Душанбе: Дониш, 2024. – С. 449*).

Дар олам инсони бешахсият буда наметавонад. Агар мо ин истилоҳро ҳам аз лиҳози маънавӣ, ҳам аз лиҳози ҷисмонӣ ва ҳам аз лиҳози иҷтимоӣ баррасӣ намоем. **Аммо наметавон инкор кардан ҳақиқатеро, ки баҳогузорӣ ва қимати шахсият ҳам дараҷабандӣ дорад**. Гарчанде дар ин арҷгузорӣ сифр ҳам меъёр аст.

Шахсияти гениалӣ дараҷаи олии сифати инсон аст, ки дар соҳаи муайян шуурнокӣ, ақл, хирад, дониш, касбият, тахассус, тавон, истеъдод, иродатмандӣ, ҷавонмардӣ ва масъулиятшиносии фавқулодаеро аз худ ба намоиш мегузорад. Аз замони худ чанд зина пештар меистад. Дар илму адаб ва паймону пайкор намунаи афзалияти бебаҳси иҷтимоӣ нишон медиҳад. Ин хосият ва дастовардҳои ба мерос мондааш барои аҳли башар чанд аср хизмат мекунанд.

Як аломати гениалии нависанда он аст, ки ӯ ***вазъият*ро** меомӯзад. ***Қисмати ҳассоси*** ба талаботи иҷтимоӣ нигаронидашудаи онро ҳамчун ***ҷузъ аз кулл*** тасаввур ва интихоб мекунад. Дар тасвир мегирад. Нуқтаи калидиашро пайдо намуда, ин вазъро мутобиқ ба манфиати ҷомеа ***саҳнасозӣ, роҳбарӣ*** ва ***роҳнамоӣ*** мекунад.

Чунин эҳсоси баланди ***миллатдӯстӣ ва ватанпарварии*** Айнӣ дар очеркҳои таърихӣ – бадеии «Исёни Муқаннаъ" ва "Қаҳрамони халқи тоҷик Темурмалик" боз ҳам аниқтар ба назар мерасад.

Маълум аст, ки ин ду асар дар замони Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ навишта шудаанд. Қаҳрамониву фидокории миллати тоҷикро ҳини асрҳои VIII ва XIII, дар мудҳиштарин лаҳзаҳое, ки мардуми мо ба муқобили фашизм муборизаи беамон мебурд, бо далелҳо, ***чун мафкураи таърихии ҳифзи Ватан ва нангу номуси миллӣ,*** на танҳо ба оммаи тоҷик, балки дар назди оламиён тафсир ва исбот менамояд. Дар ин ҳамосаҳо нависанда характери миллӣ, моҳияти маънавии миллати

тоҷик, корномаҳои воқеӣ–таърихии фарзандони ӯ, ки маънан ба рафти мубоamизаи башарият ба муқобили вабои аср тавъам афтода буданд, ҳамчун арзиши умумибашарӣ тафсир ва ба оламиён манзур кард.

Яъне "Исёни Муқаннаъ" ва "Қаҳрамони халқи тоҷик Темурмалик", ки ҳамосаҳои ҷовидонаи қаҳрамонҳои миллати тоҷик ҳастанд, дар баробари ***идеалҳои бузурги маънавии умумибашарӣ*** гузошта шуданд. Шакл ва воситаи ***муаррифии миллати куҳанбунёди муаллифи асарҳои ҷовидона ба ҷаҳониён мебошанд.***

Нависанда намунаҳои тавонмандии фитрии хешро ҳанӯз дар аввалин шеърҳои худ "Дар фоҷиаи шиаву суннӣ", "Бомдоди баҳорон", "Саҳаргоҳон", "Заминро мафрӯш", "Марсия", "Суруди озодӣ" ва дигар ашъораш тахассусмандона нишон дода буд. Яъне нишонаҳои нобиғагии нависанда то замони эълони принсипҳои *синфият, ҳизбият ва халқият,* ки гоҳо Айниро мехоҳанд ба онҳо пойбанд кунанд, арзи ҳастӣ доштанд.

Албатта, метавон, тавре имрӯз барои иддае ҳукми анъана касб кардааст, худро шоиру нависандаву олим номид ё номаълумакак соҳибунвон гашт.

Аммо табиат дар тақсими истеъдоду қобилият ниҳоят хасис аст. Ва мардум баҳогузори сахтгир.

Агар Садриддин Айнӣ дар алоқамандӣ ба ҳар як зуҳуроти муҳимми сиёсӣ ва иҷтимоӣ ***ҳамқадам будани худро бо дарди ҷомеа ва ватандорӣ*** нишон дода бошад, дар маҷмуъ, ӯ тули ҳаёти эҷодии худ фақат асарҳое офаридааст ва оммаи мардумро бо дарк, фаҳм, инъикоси равонӣ ва вокуниши баробарвазн ба он даъват кардааст, ки ***барои таъмини суботи сохти давлатдорӣ ва рушди миллӣ*** ҳаётан муҳим аст. Яъне воқеан, дар амал суварнигори ҳадис будани худро исбот намудааст.

Доҳии адабиёти навини тоҷик муътақид буд: ***“Маданият, агар он ба тарзи стихиявӣ инкишоф ёбад, на бошурона мудирият шавад, инкишоф ёбад, рушд намояд, баъди худ биёбонро мемонад”*** *(Иқтибос аз асари В.Н. Сагатовский. Вселенная философа. – М.: 2013. – С. 15).*

Ҳақиқат доштани ин назарияро мо дар таърихи на чандон дури инсоният ва замони муосир дар ҳама кунҷу канори олам дидем ва баръало дида истодаем.

Масъулиятшиносии меъмори бузурги руҳи миллӣ тули фаъолияти эҷодӣ, сарфи назар аз маҳрумият ва мушкилоти даҳр, вазъи сангини иҷтимоӣ, гоҳо дар ҳолати ногувори руҳиву ҷисмонӣ ҳам, собитқадамона эҳсос мегардад.

Таҳлили характер, рафтор, сифатҳои шахсӣ ва тақдири қаҳрамонҳои Айнӣ дар қисса, повест, роман ва ёддоштҳо, аз ҷумла Муқаннаъ, Темурмалик, Одина, Ёдгор, Абдуллоҳхоҷа, Сафар, авлоди Раҳимдод, Гулбибӣ, Гулнор, падараш Сайид Муродхоҷа, Тутапошшо, Муҳаммадсиддиқи Ҳайрат, Аҳмади Дониш, Шарифҷон – махдуми Садри Зиё ва садҳо персонажҳои мусбату манфии офаридаи ӯ ҳамагӣ образҳои типӣ ҳастанд.

Нависанда қаҳрамонҳои офаридаашро аз маъхазҳои таърихӣ, таърихӣ – бадеӣ омӯхтааст. Бо чашми худ дидааст. Ба гӯши худ шунидааст. Дар рӯзгор санҷидааст. Онҳо бо дарки илмӣ, бадеӣ ва воқеъбинона дар тасаввур ва қалами нависанда инъикос ёфтаанд.

Баъзе мунаққидҳо Айниро дар сустирода будани Одина мазаммат кардаанд. Баръакс, Одинаро чунин тасвир намудани нависанда аз афзалиятҳои эҷодии ӯст.

Адиб дар кӯҳистони ақибмондаи тоҷик ҳамин симоро дарёфт ва нишон додааст. Субъекти намунаи умумияти иҷтимоӣ офаридааст. Бадбахтӣ ва камҳавсалагии ӯро сабаби фоҷиаи шахсиаш ва ҳамчун намунаи фоҷиаи миллӣ, дар

маҷмуъ, тасвир кардааст. Аммо Ятим, Ёдгор, Сафар, Абдуллоҳхоҷа ва насли дуюму сеюми Раҳимдодро пайдо намуда, аз онҳо шахсони воқеан фаъол, мубориз, сафшикан, дар муборизаи ҳаёт пирӯз тарбия карда, ба воя расонида, қаламдод намудааст. Дар муқобили Одинаҳои азияткашида, таҳқирдида, дар азоби хурофот ва урфу одатҳои ақибмонда танида гузоштааст.

**Адибони имрӯза, ҳамасрони замони Истиқлоли моро чӣ мушкил домангир аст, ки чунин андешаву маҳсули эҷодро ба намоиш гузоранд. Аз тоҷики раҳгумзадаи замони ҷанги шаҳрвандии ба ном "демократ", "муҷоҳид", "муборизи роҳи исломи ноб", муаллимбадбини пойбанди ҷаҳолату торикӣ, "зиёӣ" – профессорону журналистони** *(дар ҳоли ҳозир забондарози пушаймоннагаштаи)* **думрави муллоҳои ташаббускори ҷанги хонумонсӯзи шаҳрвандӣ ва акнун, дар даҳаи чоруми замони Истиқлол – ҷавонони гумроҳи узви созмонҳои террористии байналхалқӣ, зархаридони бозигарони геополитикӣ, соҳибунвонҳову мансабдорони хурофотзадаи бетарафи дампову хомӯши розӣ ба авҷи ҷаҳолату бегонапарастӣ қаҳрамонони воқеан табдилгаштаи бошууру муборизи роҳи эъмори давлати миллӣ офаранд.** Тарзе ишора шуд, ***вазъи фоҷиаборро "бигиранд"*** ва аз он ***фазои маънавии шахсияти бунёдкор "созанд"***. Дар амал **"фалакро сақф бишкофанду тарҳи нав дарандозанд"**. Ба **"фатвои хирад хилофомади одат талабанд"**, **"субҳхезиву саломатталабӣ"**-ро *(маъниҳо аз Ҳофиз)* ба хотири суботу гул-гулшукуфоии Ватан – модари азиз, Тоҷикистон кунанд. ***Шанси фавқулодаи таърихро аз даст надиҳанд.*** *"*__Типҳое офаранд, ки дар он муҳри нишони муаллиф насб шуда бошад. Барои коғаз, барои як шумораи маҷалла нанависанд. Китоб не, асар офаранд. Эҷодашон аломати расмиятчигӣ, намоишӣ, ҳисоботдиҳӣ__

**ва рӯякӣ надошта бошад. Ва адиб қаҳрамони парварида, комил ва пирӯзи худро дар зиндагиаш бо чашми худ бинад. Ифтихор намояд. Агар қаҳрамон, персонажи барои нависанда тип бошад, хонанда онро дар ҷомеа эҳсос намояд, бишиносад. Аз ӯ омӯзад. Пайрави ӯ бошад** (*В.Г. Белинский).* Ин аст асари зинда, коромӯз, коргар ва тавре дар боло ишора шуд, офаридае, ки масъули нақди сухан ҳам аз набудани он эҳсоси таассуф наварзад.

***Агар Айнӣ ҳозир ҳам зинда мебуд, ҳамин масъулият ва нақшу мартаба барҳақ моли ӯ буданд. Баъди сад соли дигар ҳам, ин афзалият мансуби ӯ мемонд.***

Қаламкаши бузургро тақдир ва таъйин ҳамин аст, чуноне ки нишонаҳои барҷастаи онро мо баъдтар дар эҷодиёти Мирзо Турсунзода, Сотим Улуғзода, Ҳабиб Юсуфӣ, Ғаффор Мирзо, Ҷалол Икромӣ ва Фазлиддин Муҳаммадиев медидем.

## АЙНӢ – АСОСГУЗОРИ МАЪНАВИЁТИ МИЛЛӢ

Садриддин Айнӣ дар чандин лаҳза худро, барҳақ, инқилобчӣ номидааст. Албатта, ин хулосаро, замоне ки нависандаро ***ҷабри рӯзгор ва аъмоли ҳасудони фурӯмояи дурӯяи чоплуси замонасози носозгор*** ба ҷон расонидаанд, иброз доштааст. Аммо ***чашми воқеъбин ва гӯши ҳақшунав*** ниёз ба изҳори чунин мавқеъ надошт.

***Аз лиҳози дигар, ҷаҳонбинӣ маҷмуи дидгоҳи инсон аст, ки он муносиботи назариявии ӯро ба табиат, ҷамъият ва худи инсон муайян мекунад. Муҳтавои фаъолияташиро мақсадгузорӣ ва роҳнамоӣ месозад. Фаъолияти ӯро ба танзим медарорад.***

**Бидуни шак, ҳама шахс ҷаҳонбинӣ дорад. Аммо агар дар як нафар он ба тарзи номуназзам, ғайриихтиёрӣ, механикӣ, таҳти омилҳои ғайриинтизор ташаккул ёбад, нафари дигар мекӯшад, тавассути аз худ кардани илму**

**маърифат, донишҳои баробарвазн ба воқеият ва таҷрибаи рӯзгор зиндагиро дарк намояд, фаҳмад, ба он ворид гардад.**

Фарзияи охирин дар ҳаёти Айнӣ бо омили фавқулодаи генетикӣ, табиӣ, чун зуҳуроти муайянкунандагии ҳаёти ӯ тавъам омада буд.

Мубориза барои инқилоби маънавӣ ва тавассути он расидан ба таҳаввулоти иҷтимоӣ аз мақсадҳои Айнӣ ба шумор мерафт. Агар инқилоб ӯро раҳоӣ намебахшид, Айнӣ дар ҷодаи интихобкардааш ҷоннисорӣ мекард, чунончӣ режими зиддимиллии асримиёнагии амирӣ барои қасдгирӣ аз ин ҷавонмарди акнун дар роҳи инқилоб қадамҳои устувормонда, бо палидии хабисона бародари ҷигарбанди маъсуми ӯро ба қатл расонд.

Муборизаҳои таърихӣ ва тақдирсози Садриддин Айнӣ ***барои исбот кардани тоҷикон ҳамчун миллати тамаддунофари бумӣ, бо таърихи зиёда аз шашҳазорсола*** (1), ***забони тоҷикӣ – воқеияти мустақили ҷамъиятӣ*** ва ***далели барҷастаи шуури таърихӣ, зеҳниятсоз, воситаи акумулятсия ва инкишофи илм, адабиёт ва яке аз намунаҳои бузурги тамаддуни ҷаҳонӣ*** (2), аслияти руҳ, анъана, урфу одат, фарҳангу маданият ва характери миллӣ, ки дар муборизаҳои шадиди сафшикан ***"зи баҳри бару буму фарзанди хеш"*** ба муқобили истилогарони аҷнабӣ зуҳур ёфтаанд (3), қобилияти пазируфтан, таҳаввул дидан, рушд ёфтан, ғанӣ гардонидан, мутобиқ кардан ва ҳамқадам буда тавонистани миллати тоҷик ба ҳама гуна дастовардҳои пешқадами тамаддуни ҷаҳонӣ, ки инқилоби иҷтимоии даҳаи дуюми асри ХХ (4), аз зумраи онҳо маҳсуб мегарданд, равона шуда буданд.

Таърихи тафаккури инсониро аз нигоҳи фалсафӣ, адабӣ, ҳуқуқ, ахлоқ ва маънавиёт асрҳо боз ду раванди ба ҳам зид ҳамроҳӣ мекунанд. **Яке иртиҷоӣ**, *(хурофотии асримиёнагӣ,*

*бегонапарастӣ, рукуди зеҳнӣ ва ҷаҳолат*) ва **дигаре пешқадам** (*миллатдӯстӣ, меҳанпарастӣ, хештаншиносӣ, тарғиби идеяҳои маорифпарварӣ, илму хирад, ростиву растагорӣ, пайкор ба беадолативу дурӯғ, тороҷу горати мардуми бесарпаноҳ).*

Ҳардуи ин ҷараёнро ***манфиат*** ҳамчун категорияи фалсафӣ, иқтисоди сиёсӣ, идеологӣ, ахлоқиву маънавӣ муҳтаво мебахшад. Шакл меофарад. Ба намоиш мегузорад.

Дар як масъала ду ҳақиқати мухолиф вуҷуд дошта наметавонад.

Ҷаҳонбиние, ки аз исёни Муқаннаъ сарчашма мегирифт, барои Садриддин Айнӣ ҳамчун манбаи ғоявии эҷодиёт ва ҳақиқати оштинопазир боқӣ монд.

Минбаъд на дар тарҷумаи ҳол, на дар асарҳои бадеӣ, илмӣ, бадеӣ – таърихӣ, публитсистика, мукотибаҳо ва на дар гуфтору рафтор, муколама ва муносиботи рафиқона ҳаргиз дудилагӣ, замонасозӣ ва расмиятчигии ноҷо, ки шахсият, роҳи интихобкарда ва бузургвории ин доҳии модарзоди илму адаби миллати тоҷикро зери шубҳа гузошта бошад, дида намешавад.

***Садриддин Айнӣ Қаҳрамони барҳақи миллати тоҷик аст, ки Пешвои муаззам муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ӯро ба ин унвон сазовор донистааст.***

## ДАЛЕЛИ АҚИБМОНДАГИИ ШУУРНОКӢ АЗ ВОҚЕИЯТИ ҲАСТӢ

Бо шарофати Истиқлол орзу ва нияту мақсадҳои Садриддин Айнӣ амалӣ гардиданд. Миллати тоҷик соҳибдавлат шуд. Аммо тавассути прототипҳои персонажҳои манфии таърихии Айнӣ, давлати тозабунёд ба хоку хун оғушта ва ҳукумат сарнагун гардид.

Ҷанги хонумонсӯзи шаҳрвандӣ аланга зад.

Бо шарофати тақдир ва ба бахти мардуми ҷафокашида, шахсияте сари қудрат омад, ҳаракати озодихоҳонаи миллатро

раҳбарӣ кард, ки устоди забардасти илму маърифат ва адабиёту маданият Садриддин Айнӣ сифоташро дар замири хеш мепарварид. Дар асарҳои бадеӣ ва илмию таърихӣ образи қаҳрамононаи ӯро тасвир ва тафсир мекард. Ба хотири тантанаи пирӯзӣ ва адолат қасидаҳои ҳамсони "Ҷанг ва зафар" менавишт. Онеро инъикос мекард, ки баъди ҳазор сол давлати миллӣ сохт. Анъана, урфу одат, фарҳанг ва маданияти миллиро эҳё намуд. Тамаддуни беш аз шашҳазорсолаи ӯро аз нав ҷон бахшид. Тасдиқ кунонд. Муҳру васиқа кард. Эътиқодмандона ҳамчун сарвати поённопазир ва шиносномаи беназир ба ҷаҳониён муаррифӣ сохт.

Иқтисодиёт ва иҷтимоиёти мардуми кишварашро тарзе ташкил кард, инкишоф дод ва рушд бахшид, ки миллати тоҷик ҳазорсолаҳо орзуи онро мекард.

Ҳамзамон хотирнишони кардани он нукта зарур аст – рисолати адабиёт, театр, кино, ки онҳоро классикони илм ва адабиёти ҷаҳон меъмору созандаи руҳи инсон номидаанд, баробари масъулияти давлатсозист.

Мо аз ғарази бадхоҳони миллат ва руҳияи таърихии бегонапарастии онон огаҳӣ дорем. Ва медонем, **"фаъолияти мақсадгузорӣ** *(дар муносибат ба руҳ, андеша, идея, образ, мафкурасозӣ* – С. Я.) **ба худи он** (*ташаббускор – С. Я.*) **равона нагардидааст. Баръакс, ба он нигаронида шудааст, ки тавассути *нобуд кардани* хосият, аломат ва зуҳурот – ҳадафҳои ҷаҳони беруна** *(дидгоҳ, ҷаҳонбинӣ, маънавиёт – С. Я.),* **воқеят доштани фаъолияти худро дар муҳити атроф бубинад, тасдиқ кунонад.** *(Г.В.Ф. Гегель. Илми мантиқ. – М.: 2013. – С. 8).*

***Вобаста ба ин ҳар вақте мо зуҳуроту рӯйдодро аз паси худ набарем, аёну ноаён зуҳуроту рӯйдод моро аз паси худ мебаранд.***

Чунин муносибат зуҳуроти нобахшиданист.

Воқеияти имрӯзаи ҷомеаи Тоҷикистон, ***дар масъалаи вазъи ҷаҳонбинии миллӣ,*** сарфи назар аз дастовардҳое, ки дар кулли соҳаҳои замони истиқлол рух доданд, ниёз ба бознигарӣ дорад. Гап сари он аст, ки маънавиёти (*дидгоҳ, арзишҳои ҷамъиятӣ*) хештаншиносии қисме аз аъзои ҷомеа, аз дараҷаи суръати тараққиёти иқтисодӣ – иҷтимоии мамлакат, таҳаввулоти инқилобие, ки ҳукумати кишвар ба тарзи пешгӯинашаванда рушди онро таъмин кард, фарсаххо қафо монд.

Аз як тараф, ин камбуди ҷиддии дастгоҳи идеологӣ ва маорифи халқ (*на Вазорати маориф дар танҳоӣ)* – падару модар, муҳити оилавӣ, маҳал, деҳа, мактабҳои миёна, олӣ, иттифоқҳо ва иттиҳодияҳои эҷодии мафкурасози ҷомеа, васоити ахбори умум, муассисаҳои фарҳангӣ, коргоҳҳо – дар маҷмуъ, ниҳодҳои масъули ташаккули муносиботи ҷамъиятӣ мебошад.

Аз лиҳози дигар, ин падида хосияти қонунмандӣ ҳам дорад.

***Гурӯҳҳои ифротӣ ҳаргиз рӯшод намегӯянд, ки ҳукумат мехоҳанд. Онҳо амалҳои террористӣ ва мақсаду мароми худро бо шиору суханҳои муқаддас пӯшонида, зебу зинат ва обу ранг медиҳанд.*** Нигаред ба ҳодисаҳои солҳои навадуми Тоҷикистон, воқеаҳои тули таърихи на чандон дуру наздики кишварҳои Шарқи Наздику Миёна, ба ***ҳамсоякишвари*** мо.

Далел ва зуҳуроти фоҷиаабори ***ақиб мондани шуурнокӣ аз воқеияти зиндагиро*** мо дар таърихи бисёр кишварҳо, аз ҷумла Тоҷикистон, ҳамчун падидаи хатарнок, баръало мебинем.

***Вазъи бамаломада мебояд ҳамчун ҳадаф ва мавзуи тадқиқоти илмӣ, таърихӣ – бадеӣ ва бадеӣ интихоб шавад. Омӯзиш бинад. амалан татбиқ гардад.***

Дар ин маврид, дониста бошем, ҷаҳонбинӣ ва идеологияҳое, ки ҳамакнун мардумро ба раҳгумӣ андохтаанд, аз нигоҳи назарӣ ва таҷрибаи таърихӣ ***нисбат ба идеяҳои эҳёгарии миллӣ, ҳувиятсозӣ, худшиносӣ, давлатдории миллӣ,***

***ватанпарварӣ, равшангароӣ, таърихофаринӣ, ҷамъияти маданӣ, дунявият ва халлоқияту додхоҳӣ*** ҳазор сол ва зиёда аз он собиқаи бештар доранд. Ба қавли мардуми англис: ***"Devil is very wise, because He is very old"***.

Аз лиҳози дигар, омили этногенетизм наметавонад, рефлексия ва ё инъикоси хотираи таърихии ирсиятро дар рафторҳои иҷтимоӣ сарфи назар кунад.

Ин воқеят масъулияти зиёиёни миллиро, ки ба тақдири мардуми хеш бетараф нестанд, боз ҳам зиёдтар мекунад.

Акнун майдони адабӣ нависандаеро тақозо дорад, ки айнивор қудрати кушодан ва фош кардани муаммои сарбастаи раҳгумии фоҷиаи иддае аз намояндагони ҳамин миллатро дошта бошад, ки ӯро бо шиорҳои дурӯғини хурофотӣ назди оламиён дар хиҷолат монда ва садҳои дигарро, ки барои як порча нон дар талошанд, дар вазъи бозгардониву сарсониву ҳайронӣ гузоштааст. Гарчанде мо медонем, ки ***ҳозира натиҷаи гузашта ва ишора ба оянда аст***. Ва сухани ёдшудаи он абармарди Ғарб: ***"як ефрейтор дунёро ба таҳлука даровардааст"***, аз ҳар гӯшае акси садо медиҳад.

Дарк ва тафсири вазъи рӯз ба рӯз мушкилшудаиситодаи ҷаҳонбинии як қисми фаъоли ҷомеа навъи ҳушдор аст, ки раванди онро аз нигоҳи методологӣ, ҳазор сол қабл Абуалӣ ибни Сино пешбинӣ ва хотирнишон мекунад: ***"Валекин ҳар он чӣ ба чизи ҳозирбуда далолат намояд, инчунин ба чизи интизорбудаамон низ далолат мекунад"*** *(Абӯалӣ Сино. Осори мунтахаб. Ҷ.2. –Душанбе: Ирфон, 1980. – С. 270).*

Аз Шимолу Ҷанубу Шарқу Ғарб акси садои ҷаҳолат, ифротгароӣ в терроризми идорашавандаи маҳсули адами адабу фарҳангу масъулияти ватандорӣ баланд мешавад. Ана ҳамин аст, ба назари мо, суоли матраҳ ба ***"пайравони*** (имрӯзаи) ***Айниву Турсунзода"***, масъалаи коҳилии баҳсбарангези муҳандисони руҳ ва самтгирии маънавӣ дар

мавзуи рӯз – фанатизми динӣ ва тантанаи шабаҳи фарогири бадбахтӣ.

## ХУЛОСА

Чун Инқилоби соли 1917 ва 1920 мардуми тоҷикро аз ғуломӣ озод кард, ба ӯ ихтиёр, шароит ва раванди давлатсозӣ ато намуд, фарде доно ва нигорандае тавоно, зиндакунандаи руҳи Муқаннаъу Темурмалику Рӯдакиву Фирдавсӣ Саъдиву Ҷомӣ, Восифиву Аҳмади Дониш ва даҳҳо дигар бузургони ҷодаи набарди руҳу ҷисми миллат – Садриддин Айнӣ ба ҳайси ҳимоятгари ин лаҳзаи мусоиди гардиши бузурги таърихӣ, лаҳзаи бедорию бедорсозӣ ба майдон бархост.

Дар шароити зарурати бозсозии руҳ, эҳтиром гузоштан ва афзалият бахшидан ба арзишҳои миллӣ, дар муқобили ҳама гуна ***равияҳои хурофотӣ, бегонапарастӣ ва ифротгароӣ, ки авҷи он рӯз ба рӯз нигаронкунанда ва харобиовар мегардад, адабиёту фарҳанг ниёз ба Рустами дунёи сухан, додгару додҷӯву хирадманд ва сафшикани руҳи Оҳарман доранд.***

Мақсад – бо эҷоди асарҳои синну солӣ, публитсистика, очерк, қисса, ҳикоя, повест, роман, драматургия, саҳнасозӣ, филмҳои ҳуҷҷативу бадеӣ бо қаҳрамон, персонаж – образҳои бадеӣ ***бархостан, қад афрохтан ва қотеона ҳимоя кардани сохти давлатдории дунявӣ – давлатдории миллӣ аз бузургтарин вазифаи адабиёти имрӯз ба ҳисоб меравад***.

Муҳим ба назар мерасад, мисли ҷонфидоиҳои устод Садриддин Айнӣ, ки раҳбарии инқилоби мадании тоҷикро сад сол қабл ба уҳда гирифта, дар он пирӯз гашта буд, тавонем, то бори дигар ***"ҷаҳонро ба бад наспарем"***. Ангуштнамои таърих нагардем.

Мавзуи рӯзмарра ҳамин аст.

Ахиран, ягона аз ҳамасроне, ки Садриддин Айнӣ ӯро дар номаҳои худ, бо арзи эҳтиром ва истифода аз мартабаи

***"устод"*** *(С. Айнӣ. Мактубҳо. –Душанбе: Дониш, 2024. – С. 242, 276, 294)* ва ***"рафиқи шафиқ"*** ном мебарад, Абулқосими Лоҳутӣ мебошад. Ва доҳии адабиёти давр як шеъри бузургворонаи дӯсти ҷонии худро борҳо, эҳтиромона, ҳамчун шиор, рамзи дилсӯзиву масъулияти ватандории ӯ ва ҷавобгӯи талаботи замон ёдоварӣ кардааст, ки ин аст:

Бо ҳама нуқсу мавонеъ кор мебоист кард,
Тӯдаи тоҷикро бедор мебоист кард...
Сустию навмедӣ андар роҳи заҳматкаш хатост,
То нафас боқист дар тан, кор мебоист кард.

**Ҷамолиддин САИДЗОДА**
*адабиётшинос*

# ТААССУБ ЧАШМИ БИНО КУР СОЗАД

*Сахтгирию таассуб хомӣ аст,*
*То ҷанинӣ, кор хуношомӣ аст.*
*Мавлавӣ*

Бояд донист, ки кишваргирон, яъне атрок на танҳо Эронзамин, ҷашнҳои миллӣ, аз ҷумла ҷашни Наврӯз, балки олимону адибони моро низ имрӯз ғасб менамоянд, аз худ мекунанд, мисли Сино, Берунӣ, Низомӣ ва ғайра. Ҳол он ки атрок, ки дар асри Х1 Эронзаминро истило карданд, то асри ХУ танҳо шамшерро дар ихтиёр доштанд, қалам, асосан, барои эшон бегона буд. Тамоми адибони Ғазна ва дарбори Маҳмуд тоҷикон ва форсҳо буданд. Унсурӣ, Фаррухӣ, Манучеҳрӣ, Берунӣ ва дигарон, зеро атрок меҷангиданд, аммо корҳои давлатдорӣ, адабӣ, илмиро тоҷикон анҷом медоданд. Ҳатто бархе аз вазирон низ тоҷик буданд, мисли Низомулмулк, зеро атрок аз пешинаи давлатдорӣ, илмӣ, адабӣ бархурдор набуданд. Эшон як Рӯдакӣ, як Абушакур, як Фирдавсӣ, як Асадӣ, як Фахриддини Гургонӣ, як Масъуди Саъд, як Хоқонӣ, як Низомӣ, як Қатрон, як Саъдӣ, як Ҳофиз, як Камол, як Салмон, як Форобӣ, як Закариёи Розӣ, як Сино, як Насируддини Тусӣ дар қаламрави илму адаб надоштанд, то меросбарӣ намоянд. Танҳо лашкаркашоне чун Маҳмуд, Қарахон, Буғрохон, Салҷуқ, Эр-Туғрул, Усмон, Темур ва ғайраро доштанд. Лиҳозо, атрок метавонанд имрӯзу фардо (албатта, то асри ХУ) танҳо бо лашкаркашонашон ифтихор намоянд, аммо тоҷикон бо қаламкашонашон, ки шумурдани

онҳо аз ҳад берун аст, мисли шумурдани ситораҳои осмон. Воқеан, дар кутуб ва тазкираҳои то асри ХУ номе аз атрок ба дида намерасад. Ҳама тоҷику форсанд. Танҳо баъди аз асри ХУ ба саҳна омадани олимону адибони турк шуруъ мешавад. Бино бар ин, мо на танҳо ба номи олимону адибони турк рӯ ба рӯ мешавем, балки ба ҳузури онҳо дар тазкираҳо ва дар бахши алоҳида ҷой додану зикр шудани онҳоро мушоҳида менамоем. Ба ин «Туҳфаи Сомӣ»-и Соммирзои Сафавӣ, «Музаккири аҳбоб»-и Хоҷа Ҳасани Нисории Бухороӣ ва китобҳои дигар далел шуда метавонанд. Бад-ин маънӣ, илму адаби атрок, ба таври расмӣ, аз асри ХУ, албатта, зери ҳидояти тоҷикон (форсҳо) оғоз мешавад ва бунёдгузорону поягузорони онҳо дар бахши адабиёт Алишери Навоӣ ва дар бахши илм Улуғбек маҳсуб мешаванд. Аз ин рӯ, даъвоҳои атрок бо доштани адибону олимоне чун Синову Берунию Низомию Мавлавию дигарон як кори беҳуда, беасос ва ғайриилмӣ, зидди таърих ва ҳақиқат маҳсуб мешавад, зеро то ин дам шиори зиндагии эшон танҳо шамшер, ҷанг, истило буд. Ба хотир биёред лашкаркашиву табадуллоти Маҳмуду Қарахону Салҷуқу дигар ақвоми туркро, ки имрӯз худи онҳо тавассути филмҳои туркӣ ба намоиш мегузоранд. Аз Эр-Туғрул сар карда то Усмону соири лашкаркашону султонҳову амирони онҳо шамшерро ҳамчун рамзи ҳаёти нажоду қавми худ дар хонадони хеш нигоҳ медоштанд ва аз хурдӣ ба дасти фарзандони худ, яъне шоҳзодагон шамшер медоданд, на қалам ё китоб, аммо тоҷикон (форсҳо), баръакс, на танҳо дар дасти фарзандонашон, балки дар зери сари эшон, дар гаҳвораашон низ китоб мегузоштанд. Ба ҳарфи дигар, туркнажодону туркзабонҳо ҳамчун нажод ва миллати ҷанг, кишваркушой бо қалам, ба илму адаб билкул сару кор надоштанд, дар фикри ҷанг, истило, ташкили ҳукуматҳо дар паҳнаи Эронзамин буданд, меҷангиданду меҷангиданд, бад-ин маънӣ, вақти мутолиа, сару

кор гирифтан бо китобу қаламро надоштанд, ҳама ҷангҷӯ, ҷасур, далер, ҳукуматсоз буданд, ба қавли Мавлоно, «туркию чустӣ» мекарданд, яъне, аҳли шамшер буданд, шамшере, ки ба эшон қудрат, ҳукумат, ризқу рузиашонро таъмин мекард, соҳиби сарзамину давлат менамуд, зеро туркҳо наку дарёфта буданд, ки шамшер асбоби қудрат аст, бе қудрат мавҷудияти нажоду миллатро наметавон таъмин кард, қавми беқудрат, бешамшер, бедавлат, белашкар маҳкуми завол аст. Ба ин абёт мутаваҷҷеҳ шавед.

*Мард зи бедавлатӣ афтад ба хок*
*Давлатиёнро ба ҷаҳон-дар чӣ бок?* [1]
*Низомӣ*

*Асли лашкар, бегумон, сарвар бувад,*
*Қавми белашкар тани бесар бувад.*[2]
*Мавлавӣ*

*Қудрат чу нест, мурдан аз зиндагист хуштар,*
*Сад бор сарбурида, беҳтар зи парбурида.* [3]
*Калим*

Агарчи дар ҳамон рӯзгорон Мавлоно дастуре мушаххас ҳам ба тоҷикон дар ин боб дода буд, аммо, бо сабабҳои айниву зеҳнӣ, амалӣ намешуд, ки намешуд:

*Як ҳамлаву як ҳамла, к-омад шабу торикӣ,*
*Чусти куну туркӣ кун, не нармию тоҷикӣ.*[4]

---

[1] Низомии Ганҷавӣ. Куллиёт. – Ҷ.5. – Д.:Ирфон, 1984. – С.375.
[2] Гулчини «Маснавии маънавӣ»-и Мавлавӣ. – Душанбе, 2007. – С.93.
[3] Девони Калими Кошонӣ. – Теҳрон, 1369. – С.305.
[4] Мавлоно Ҷалолуддини Румӣ. Девони Кабир. – Ҷ.3. – Душанбе: Дониш, 2008. – С. 317.

Дар китоби «Зайн-ул-ахбор»-и Гардезӣ ба ин нуктаи омузанда рӯ ба рӯ мешавем, ки ба хониш гирифтани он дар нигориши мо бесуд нест, зеро мутолиаи он нишон медиҳад, ки русҳо низ мисли атрок ҳамеша дар холати ҷанг қарор доштаанд, яъне аҳли шамшер будаанд. Аз ин рӯ, эшон имрӯз чун атрок, ки нажоду қавми шамшер маҳсуб мешаванд, соҳиби императорӣ ва сарзаминҳои васеъ мебошанд: «Аммо Рус. Ҷазираест, ки андар баҳр ниҳода аст… Ва эшонро маликест, ки уро хоқони рус гӯянд… Ва ҳамеша ин мардумон ба ғазви Сақлоб раванд андар киштӣ ва аз сақлобиён бигиранду барда кунанд ва суйи Хазарону Булкар баранду бифурушанд. Ва эшонро кишту барз набошад ва кишти эшон ғорати Сақлоб бошад. Ва чун фарзанде оядашон шамшери охта пеши ӯ биниҳанд ва падар гӯяд: «Маро аз зару сим моле нест, ки аз баҳри ту мерос монам, ин мероси туст, худ биялхаф ва худ бихур».[5]

Зимнан, дар филми туркии «Эр-Туғрул» як саҳнае ҳаст, ки гуфтори моро тасдиқ менамояд. Амир Саъдуддин султон Кайқубодро ба воситаи яке аз фарзандонаш аз байн мебарад ва худ ҷойгузини ӯ мешавад. Вай як нафарро ба ҷои Туғрал, ки учбий буд, ба унвони геналбий таъйин мекунад ва ду лашкаркаши асосии ӯ – Бомсий, ки бо ду шамшер меҷангид ва Тургутро, ки бо табарзин ҳарб мекард, ҳабс менамояд. Худи Туғрулро ба Қуния даъват менамояд ва ӯро низ ҳабс мекунад. Баъд чанд нафарро аз амалдорону сарбозони худ ба назди Бомсий ва Тургут мефиристад ва таслим шудану ба онҳо пайваст гардиданро талаб менамояд. Аммо Бомсий ва Тургут ба онҳо мегуянд, ки «турк бе об зиндагӣ мекунад, бе нон зиндагӣ мекунад, аммо бе давлат, бе қудрат, бе шамшер буда

---

[5] Абусаид Абдулҳайи Гардезӣ. Зайн-ул-ахбор. – Душанбе: Бухоро, 2014. – С. 307.

наметавонад». [6] Ин як далели кучак, аммо басо ибратбахш нишон медиҳад, ки атрок дар қаламрави шамшер, қудрат, давлатдорӣ ҳаракат мекарданд ва машҳур буданд. Бино бар ин, аз байни онҳо олиму адиб ҷустан, ба вижа олимону адибоне чун Берунию Синову Мавлоно ва ғайра, як кори беҳуда, об дар ҳован куфтан, ҷиноят зидди инсон ва илму адаби эронинажодон (тоҷикону форсҳо), сирқот, яъне дуздии шахсиятҳо, уламо ва удабои машҳури мо, ки дар ҷаҳон шинохташудаву машҳуранд, маҳсуб мешавад. Беҳтараш эшон, тавре ки гуфтем, бо лашкаркашону ҷанговарону амирону амалдорону номдорону аҳли шамшери хеш, ки ба ҳазорон мерасанд, ифтихор намоянд, на олимону адибони тоҷику форс, ки тавассути қалам ва хидматашон сабаби фахри на танҳо нажоду миллати худ, балки аҳли башар гардидаанд. Воқеан, эронинажодон (тоҷикону форсҳо) баъд аз ҳуҷуми Искандару аъробу атроку муғул шамшерро асосан аз даст дода буданд, ҷанг намекарданд, ба кишваре лашкар намекашиданд, ҳамла наменамуданд. Хусусан, баъди Сомониён дигар лашкар ҳам надоштанд, ҳатто ба нудрат сипоҳгарӣ мекарданд, танҳо қаламфарсоӣ менамуданд, эҷод мекарданд, ба қавли шоир, ҷаҳонро акнун на мисли Искандар, Маҳмуд, Қарахону Салҷуқу Темуру дигар лашкаркашон бо шамшер, балки бо қалам тасхир мекарданд:

*Ҷаҳонгирони маъниро макун нисбат ба Искандар,*
*Ба як мисраъ ду оламро мусаххар метавон кардан.* [7]

Лозим ба ёдоварист, ки агар дар гузашта байни атрок тасодуфан олиму адибе пайдо мешуд, эшон аз ин гуна олимону адибони худ ифтихор ва тааҷҷуб менамуданд, зеро

[6] Иқтибос аз филми туркии «Эр-Туғрулбӣ»…
[7] Девони Нозимӣ Ҳиравӣ. – Машҳад, 1374. – С. 353.

пешаашон, касби маврусиашон набуд. Ба қавли устод Муҳаммадҷон Шакурӣ, «як хусусияти муҳими сарчашмаҳои асримиёнагӣ, таърихномаҳо, тазкираҳо, ёддоштҳо, сафарномаҳо ва ғайра ин аст, ки агар нафаре аз намояндагони сиёсат, илму адабиёту санъат аз нажоди ғайриэронӣ, хусусан аз туркон, бошад, инро дар аксари мавридҳо махсусан таъкид мекунанд. Сарчашмаҳо аз ин ҷиҳат ба дараҷаи ҳайратангез хусусияти объективӣ доранд». [8] Дар ҳақиқат, туркон, ки аҳли сайф, яъне шамшер буданд, на қалам (илму адаб), бештар ба ҷангу истилову ғоратгарию кишваркушоию сипоҳгарию чорводорию камтар ба илму адабу деҳқониву кишоварзӣ саркор доштанд, агар нафаре ғайри касби маврусию бобоии худ аз онҳо ба илму адаб мепардохт ва ном мебаровард, ҳатман турк будани ӯро (аксар бо тааҷҷубу ифтихор) қайд мекарданд. Ба ҳарфи дигар, аз турки ҷанговару размҷӯ адибу олим баромадан, аз як сӯ, ифтихор, аз сӯи дигар, мояи шигифтию тааҷҷуби эшон буд. Дигар, туркон аслан аз асри ХУ худро ҳамчун аҳли адабу илм дар саҳнаи таърих ба намоиш гузоштанд (баъди ба арсаи эҷод омадани Навоӣ ва Улуғбек, яке дар адаб, дигаре дар илм, то ин дам дар таърих онҳоро, асосан, ҳамчун аҳли ҷангу шамшер мешинохтанд, на аҳли илму адаб). Илму адаб, ба гунае ки гуфтем, дар дасти тоҷикон буд, зеро тоҷикон-форсҳо баъди пош хурдани давлати миллии Сомониён шамшерро аз даст дода буданд ва асосан, дар қаламрави илму адабу фарҳанг ҳаракат мекарданд ва дар давлатҳои туркӣ ҳузури илмиву адабиву фарҳангиву динӣ доштанд, на сиёсиву иҷтимоиву иқтисодию низомӣ. Ҳатто ҳузури диниашон низ ба манфиати атрок буд. Аз ин рӯ, беҳуда нест, ки вақте Навоӣ ба истеъдоди Ҳилолии Чағатоӣ баҳо

[8] Муҳаммадҷони Шакурии Бухороӣ. Пунтуркизм ва сарнавишти таърихии тоҷикон. – Душанбе: Адиб, 2012. – С.242.

медиҳад, боифтихор чунин мегӯяд: «Мавлоно Ҳилолӣ аз мардуми турк аст».[9] Ё дар китобу тазкираҳо вақте дар бораи Хусрави Деҳлавӣ сухан мегӯянд, аз қабилаи лочин будани ӯро ҳама ҷо зикр ва таъкид менамоянд. Ё замоне ки дар бораи Бедил сухан мегӯянд, ҳатман аз қабилаи барлос будани ӯро ёдовар мешаванд. Дар бораи Соиб, Салим ва соири адибони туркнажод низ бад-ин минвол маълумот медиҳанд. Худи ин адибон низ аксар авқот дар осорашон аз турк будани худ дарак медиҳанд, гоҳе ифтихор ва ҳатто гоҳе афсус мехуранд. Хусрави Деҳлавирост: «Падарам маро ба таҳсили мактаб мефиристод ва ман қофия такрор мекардам ва устод Муҳаммади Саъдуддин хаттоти котибро ба таълими хат мехонд ва ман дар хат байт менавиштам... Дар хона Хоҷа Азизуддин буд ва ин Хоҷа дар буҳури назм ошноӣ дошт ва сафина дар канор кушода, ғаввосӣ мекард ва ҷавоҳири дурфишон ва лаолии рахшон аз таҳи об ба руи об меовард ва ба гушҳо мерасонид. Устодам бад-ин бузург гуфт, ки ин хурдакакшогирди ман дар хурдакорӣ ба назм ҷидди беҳад дорад ва шеър хонданаш нек аст... Устодам гуфт: «Дар хондани назм Монӣ аст, бояд байт имтиҳон кард, то ҳадди ҳиддати табъи ӯ чун оина равшан гардад». Хоҷа Азизуддин дар чаҳор чизи номутаносиб – чаҳоргонӣ имтиҳон фармуд бар ин ҷумла: «муй байза, тир, харбуза ҳам дар ҳузури ҳозирони маҷлис ин байт сабт афтод, ки:

*Ҳар муй, ки дар зулфи хами он санам аст,*
*Сад байзаи анбарин бар он мӯй зам аст,*
*Чун тир мадон рост дилашро, зеро*
*Чун харбуза дандон-ш даруни шикам аст.*

[9] Амир Низомуддин Алишери Навоӣ. Маҷолис-ун-нафоис. – Душанбе: Мубориз, 2018. – С. 107.

Ҳоле ки банда ин рубоиро бигуфтам, офарини фаровоне арзонӣ дошт. Пурсид, ки чӣ ном дорӣ? Гуфтам: *Лочин*. Гуфт: - Турки хатост? Гуфтам: Бехато турк аст…».[10] Аммо Соиб аз турк будани худ дареғу афсус мехурад ва мегӯяд:

*Дар сухан аз Урфию Толиб надорад кутаҳӣ,*
*Айби Соиб он бувад, к-аз зумраи аслоф нест».* [11]

Агар сухан дар бораи Ибни Сино равад, хушбахтона, дар ягон сарчашма, осори адабиву илмиву таърихӣ Ибни Синоро турк, яъне ғайри тоҷик (форс) нахондаанд, балки олиму адиби эронӣ гуфтаанд, ки бо арабию забони модариаш тоҷикию дариву форсӣ эҷод кардааст, на туркӣ. Забеҳуллоҳи Сафо дар китоби «Таърихи адабиёти Эрон»-и худ чунин навиштааст: «Ибни Сино, Ҳуҷҷат ул-ҳақ, Шайхурраис, Шараф-ул-мулк Абуалӣ Ҳусайни ибни Абдуллоҳ ибни Сино вилодаташ ба соли 980 м. дар қаряи Ҳурметан аз аъмоли Бухоро иттифоқ афтод. Падараш кеши исмоилӣ дошт ва аз омилони давлати Сомонӣ буд. Ҷадди аълои ин хонадони эронӣ марде Сино ном буд ва чун насаби хонадон бад-ӯ мунтақӣ шуд, Буалӣ ба Ибни Сино иштиҳор ёфт… Чун дар ин овон бар асари ғалабаи Оли Афросиёб бар Бухоро кори он сомон ошуфта буд, ӯ аз Бухоро ба қасди Гургонҷ (Ҷурҷония, Урганҷи имрӯзӣ), пойтахти Маъмуниёни Хоразм, берун рафт ва ба хидмати Хоразмшоҳ Алӣ ибни Маъмун ибни Муҳаммад расид ва чанде дар он диёр ба сар бурд ва баъд аз он дар натиҷаи нуфузи Маҳмуди Ғазнавӣ, аз бими он подшоҳи мутаассиб, бо ҳамроҳии Абусаҳли Масеҳӣ, пеш аз соли 1013 м., аз роҳи биёбони Хоразм гурехта ва чанде дар он ҷо монд ва муқорини соли 1015 м. ба Рай рафт ва Маҷдуддавла Абутолиб Рустам ибни

[10] М.Бақоев. Ҳаёти ва эҷодиёти Хусрави Деҳлавӣ. Душанбе: Дониш, 1975. – С. 74-75.
[11] Аҳмад Гулчини Маонӣ. Коврони Ҳинд. – Ҷ.1. – Машҳад, 1369. – С. 774.

Фахруддавлаи Дайламиро (997-1029 м.) муолиҷа кард ва сипас ба Қазвин ва Ҳамадон шитофт ва дар ҳудуди нуҳ сол дар шаҳри ахир бимонд… Ба иттиҳоми мукотиба бо Алоуддавлаи Кокуя, амири дайламии Исфаҳон, дар қалъаи Фарҷон маҳбус шуд ва чаҳор моҳ дар он қалъа зиндонӣ буд… Баъд аз раҳоӣ аз ҳабс бо шогирди худ Абуубайди Ҷузҷонӣ дар ҷомаи суфиён аз Ҳамадон ба Исфаҳон гурехт, то дар соли 1037 м. ки бо Алоуддавла ба Ҳамадон мерафт, бемор шуд ва дар он шаҳр даргузашт… Бо он ки дар қарни чаҳорум ва авоили қарни панҷуми ҳиҷрӣ навиштани китобҳои ба забони тоҷикии форсии дарӣ тоза оғоз шуда ва ҳануз ин забон, чунон ки бояд, омодаи баёни мақсади илмӣ нагардида буд, Ибни Сино аз таснифу таълиф бад-ин забон ғофил намонд ва дар ҷамъоварӣ ва аҳёнан эҷоди истилоҳоти илмиву фалсафӣ ба забони модарии худ (тоҷикӣ-Ҷ.С) пешрави нависандагони баъдии Эрон гардид. Аз ин гузашта, Ибни Сино дар яке аз дигар фунун, яъне шеър ҳам ворид шуда ва ашъоре бо тозиву тоҷикии порсии дарӣ аз худ боқӣ гузошт… Аз хушбахтиҳои Пури Сино доштани шогирдони мубарризи вафодор буд, монанди Абуубайди Ҷузҷонӣ ва Баҳманёр ибни Марзбон, ки аз зардуштиёни Озарбойҷон буд ва ҳангоме ки Пури Сино ба Ироқ омад, ба хидматаш пайваст… Дигар шогирдони маъруфи Ибни Сино Абуабдуллоҳи Маъсумист, ки мегӯянд дар ғалабаи Маҳмуди Ғазнавӣ бар Рай ва куштори ваҳшиёнаи ҳукамо ва пешвоёни муътазилаву шиа шаҳид шуд».[12]

Ҳамин муаллиф дар бахши «Даври сиёсати нажодӣ»-и китоб чунин мегӯяд. «Қарни чаҳоруми ҳиҷрӣ дар Эрон даврони ғалаба ва ривоҷи сиёсати нажодӣ хоҳ дар ҳукумат ва идораи кишвар ва хоҳ дар умури иҷтимоӣ ва эҳёву ҳифз ва идомаи русуму одоби миллӣ ва фарҳанги эронист. Дар ин

[12] Забеҳуллоҳи Сафо. Теърихи адабиёти Эрон. – Ҷ.1. – Душанбе, 2001. – С. 73-75.

давра миллати Эрон (тоҷикону форсҳо-Ҷ.С.) бар асари муҷоҳидоти қуруни пешин тавонист истиқлоли аз даст рафтаро таҷдид кунад ва забони тоҷикии порсии дариро чун забоне мустақил бо адабиёти пурсарвати он ба курсӣ нишонад. Ин давра аҳди муфохарат ба нажод ва миллияти эронӣ ва озодии афкору ақоиди фирақи мухталиф ва адами таассуби умаро ва ҳифзи сиёсати миллӣ ва нажодии эрониён шумурда мешавад… Хосияти нажодии эронӣ дар ин аҳд ба ҳадди камол буд ва ба ҳамин сабаб **дар сиёсат** афроде назири Исмоил ибни Аҳмад ва Мардович писари Зиёр ва Алӣ писари Буя ва Муизуддавла бародари ӯ ва Ҷайҳониёну Балъамиён ва Ибни Амиду Соҳиб ибни Уббод ва Фазл ибни Аҳмад ибни Ҳасани Маймандӣ ва назоири онон ва **дар илм** афроди бузургу номбардоре чун Розиву Форобӣ ва Пури Синову Абунасри Ироқ ва Абулвафои Буҷзониву Абусаиди Сазӣ ва Абурайҳони Берунӣ ва назоири эшон ва **дар адаби форсӣ** касоне монанди Рудакиву Дақиқиву Фирдавсӣ ва амсоли онон дошт, ки аз тарафе, ғолибан бе шоибаи таассуби динӣ ва бо ҷустуҷуи ҳақиқату талаби дониш барои нафси илм саргарми кору кушиш буданд ва аз тарафи дигар, дар тариқи сарбаландии миллат (эронинажодон-тоҷикону форсҳо-Ҷ.С.) ва таҳкими бунёди ифтихороти миллӣ муҷоҳадат мекарданд». [13] Воқеан, «Саид Нафисӣ низ дар китоби «Пури Сино» вайро вобаста ба хонадони Сомониён ва шуубию исмоилӣ дониста чунин навиштааст: «Дар он замон эрониёни покнажоди ватандуст, ҳама, пайрави афкори шуубия ва мухолиф бо бартарии тозиёну истилои туркон буданд ва пайдост, ки Ибни Сино ҳам қаҳран аз эшон буда ва мухолифони ин афкор ҳама муттакӣ бар ҳанафиёни Мовароуннаҳр буданд, ки аксарият доштанд ва билъакс, туркону бегонагонро ба нафъи худ ва

[13] Ҳамон ҷо. – С.55.

зиёни шуубия ва мухолифони хеш ташвиқ мекарданд ва ночор вақте ки Элакхони турк пуштибони ҳанафиён Бухороро бигирад ва Сомониёнро барандозад, ҷо барои касе чун Ибни Синои шуубӣ ва исмоилии вобаста ба хонадони Сомонӣ нест. Ба ҳамин ҷиҳат ҳам ҳаст, ки Маҳмуди Ғазнавӣ, ки ӯ ҳам ҳанафии ашъарӣ будааст, муддатҳои мадид Ибни Синоро дунбол мекарда ва вай аз дасти ӯ мегурехта ва аз ин шаҳр бадон шаҳр мерафтааст». [14]

Дар мавриди Берунӣ ҳаминро бояд гуфт, ки ӯ дар «Осор-ул-боқия» на танҳо дар фасли «Дар идҳое, ки дар моҳҳои аҳли Хоразм аст» худро эронӣ (тоҷик-форс) мехонад, балки ҳамчун донишманди шуубӣ ва бархурдор аз руҳи миллӣ бар аъроб метозад. Чунончи, ӯ мегӯяд: «Ва ҳамчунин агар дар номҳое, ки барои ситорагони собит ниҳодаанд, таammул кунем, хоҳем дид, ки аъроб аз илми бурҷу савр хеле дур буданд. Ҳарчанд Абумуҳаммади Абдуллоҳ бинни Муслим бинни Қутайбаи Ҷабалӣ таҳвил менамояд ва дар тамоми китобҳои худ суханро ба дарозо кашонидааст. Ва ба хусус дар китобе, ки дар тафзили Араб бар Аҷам навишта, чунин пиндошта, ки арабҳо ба ситорагон ва тулуъю ғуруби онҳо аз ҳама халқҳо донотар будаанд. Ва ман намедонам оё намедониста ва ё таҷоҳул карда, ки дар тамоми маконҳои замин **барзгарону чупонҳо** ибтидои аъмоли худ ва маърифати авқотро ба андозаи арабҳо медонанд. Ва касе, ки ҷуз осмон сақфе надорад ва тулую ғуруби кавокиб бар он ба як низом идома дорад, мабодии корҳо ва шиносоии авқоти худро хоҳад ба кавокиб таълиқ намуд. Ва танҳо аъробро ин як хусусият буд, ки он чиро халқҳо аз ҳаққу ботил ҳадс мезананд ва ё мешинохтанд, аъроб бо ашъору асҷов ва урҷузаҳо дармеоварданд, ҳифз мекарданд. Ва аз ин ҷиҳат ба якдигар умури мазкур ба таври ирс мерасид. Ва

[14] Ғуломҳусайни Юсуфӣ. Фаррухии Систонӣ. – Теҳрон, 1373. – С.304.

агар дар кутуби анвоъ ва ба хусус китоберо, ки ин мард ба номи «Манозир-ун-нуҷум» навишта ва ба он чи ки мо қисме аз онҳоро дар авохири китоб ворид кардем, тааммул кунед, хоҳед донист, ки аъроб аз илми ҳайат ҷуз он андоза, ки **барзгарони ҳар кишвар** медонанд, чизе бештар надонистаанд. Вале ин мард дар ҳар мабҳасе, ки ворид мешавад, ифрот мекунад. Ва аз ахлоқи Ҷабалӣ, ки истибдод ба раъй аст, холӣ нест. Ва каломи ӯ дар ин китоб бар кинаҳо ва душманиҳое, ки бо эрониён дорад, далолат мекунад. Зеро ба ин андоза ҳам розӣ нашуд, ки арабҳоро бар **мо-эрониён (тоҷикону форсҳо)** бартарӣ диҳад, балки эрониёро забунтари халқҳо ва пастарин махлуқ донистаанд. Ва аз он чи Худованд дар сураи «Тавба» тозиёнро ба куфру душманӣ бо ислом васф карда, бештар тавсиф намудааст. Ва  умури зишти дигареро низ ба эрониён нисбат дода, агар пешиниёни Арабро мешинохт, бештар аз гуфтаҳои худро дар бораи ин ду таксиб мекард». [15]

Аммо, бадбахтона, атрок ҳамаи инро нодида мегиранд ва имрӯз, бо таассубе, ки хоси аҳли илму адаби эшон ҳаст, ҳамаи дороиҳои илмиву адабиву маънавию нажодию миллии ориёиён, эронинажодон (тоҷикону форсҳо)-ро аз худ менамоянд, меболанд, бад-ин тартиб, ба бародарони динии худ ҷабру ситам ва беинсофӣ мекунанд. Шиори «Муъмин бародари муъмин»-ро ботил менамоянд… Бино бар ин, вазифаи  мо-аҳли илму адаб, зиёиён ва равшанфикрони тоҷик аз он иборат аст, ки пеши роҳи ин ҳамлаҳоро, ки бар илму адабу фарҳангу нажоду миллати мо мешаванд, бигирем, аз илму адабу фарҳангу нажоду миллати худ дифоъ намоем ва бо далоилу бароҳини муътамад ин амалҳои зиддиинсонию зиддидинию зиддинажодию зиддимиллии эшонро ифшо

[15] Абурайҳон Берунӣ. Осор-ул-боқия. – Душанбе: Ирфон, 1990. – С.263-265.

намоем. Хомушӣ, сукут, бетарафӣ ихтиёр нанамоем, зеро ин барои мо хеле хатарнок аст. Ба қавли Саъдӣ:

В-агар бинӣ, ки нобиною чоҳ аст,
Агар хомӯш биншинӣ, гуноҳ аст! [16]

Албатта, бо далелу шоҳид бояд сухан гуфт, на ҳавоӣ, бедалел, бемаъхаз (мисли атрок). Шоир беҳуда нагуфтааст.

Надорад касе бо ту ногуфта кор,
Валекин чу гуфтӣ, далелаш биёр. [17]

Албатта, агар аз ҳақ нагзарем, атрок, яъне ин ақвоми лашкаркаш қаламкашони маъруфу машҳури милливу ҷаҳонӣ ҳам доранд, мисли Юсуфи Балосоғунӣ (муаллифи китоби «Кутадгу билиқ», ки дар пайравии «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ навишта шудааст), Навоӣ, Улуғбек, Фузулӣ, Махдумқулӣ, Абай ва дигарон, ки ному осорашон мояи ифтихори эшон аст. Аммо, бадбахтона, олимони мо имрӯз ба тақлиди ҳамсоягон Фитратро, ки як панисломист, пантуркисти гузаро, хоини миллати маҳсуб мешавад ва руирост бузургони мо-Ибни Сино, Форобӣ, Мавлавӣ, Низомӣ ва дигаронро дар аввали асри гузашта турк хонда буд, сафед мекунанд ва кардан доранд. Ба ин суханони Фитрат таваҷҷуҳ фармоед: «Забони дар дунё аз ҳама бой-туркӣ на фақат ба фишори арабӣ, балки дар зери таъсири форсӣ обу адо шуда истодааст. Чашм кушода ба атроф нигаред, табиби оламгир Ибни Сино турк аст, Форобие, ки Арастуяш меномем, турк аст. Ҷавҳарие, ки забони арабиро умри абад бахшид, турк аст. Имоми фалсафаи «ваҳдати вуҷуд»-Ҷалолиддини Румӣ турк аст. Яке аз пайғамбарони

[16] Саъдии Шерозӣ. Куллиёт. – Ҷ.3. – Дуашнбе: Адиб, 1990. – С.82.
[17] Саъдии Шерозӣ. – Ҷ.4. – Душанбе: Адиб, 1990. – С.221.

назми форсӣ-Низомӣ турк аст. Ин ҷо номбаршудагон фақат турк нестанд, балки инсонҳои машҳури дунё мебошанд. Аммо фарзандони турк аз онҳо бехабаранд, балки худҳояшонро нашинохтаанд. Агар онҳо ба забони туркӣ эҷод мекардаанд, ҳоли забони туркӣ беҳ мегардид. Бадбахтӣ аз ин ҳам зиёд мешавад?!» [18] Ба қавли шоир:

*Бокам аз туркони тирандоз нест,*
*Таънаи тироваронам мекушад.* [19]

Ба қавли адабиётшиноси маъруфи тоҷик Абдулҳай Маҳмадаминов, «пантуркизм»-и А.Фитрат дар солҳои 20-уми садаи XX ва давраҳои минбаъда барои халқи тоҷик паёмадҳои ногувор ба бор овард. Гузашта аз ин, туркпарастии сиёсатмадорону зиёиёни онвақтаи тоҷик, махсусан А. Фитрат минбаъд ҳам дар Узбакистон ва ҳам дар Тоҷикистон, алалхусус дар замони салтанати И.Каримов, асароти манфии зиёде барои тоҷикон ва забону адабиёти тоҷик бар ҷой гузошт ва бар ҷой гузошта истодааст. **Хонандаи закию ҳушманд ба хубӣ хоҳад дарёфт, ки турку узбек номидани «донишманди бузург ва бобои пуршарафи тоҷик» (Айнӣ-Ҷ.С.)-Абуалӣ ибни Сино (980-1037) ва дигар бузургони адабу фарҳанги тоҷик аз кай ва аз ҷониби кӣ шуруъ шуда будааст...** Солҳои бистуми садаи XX дар замоне ки тақдири тоҷикон ҳал мегардид, асосгузори адабиёти нави тоҷик, Қаҳрамони Тоҷикистон устод Айнӣ дар мубориза бар зидди пантуркистон, ки халқи тоҷик ва забону адабиёти бостонии онро ба куллӣ инкор мекарданд, бо навиштани «Намунаи адабиёти тоҷик» мавҷудияти таърихии тоҷиконро ба таври

[18] А.Фитрат. Тилимиз. Чин севиш. Шерлар, драмалар, мақолалар. – Ташкент: Ғафур Ғулом номидаги адабиёт ва санъат нашриёти, 1966. – Б.239.
[19] Лоиқ. Хонаи дил. – Душанбе: Ирфон, 1986. – С.273.

қотеъ исбот кард ва миллати шарифи худро ба худшиносиву худогоҳӣ даъват намуд. Аммо шигифтовар ва мояи нигаронии ҷиддист, ки баъзе ворисони ғафлатзадаи ӯ, ки дар мақомоти мухталиф ҷой гирифтаанд, бар хилофи гуфтаҳои «падари миллат-С.Айнӣ» (Б.Ғафуров) амал намуда, туркпарастиро дар шакли нав ривоҷ дода истодаанд. Ин амали номатлуб барои ояндаи миллати тоҷик, бешак, оқибати нохуб дорад. Тавре ки дар вақташ Шайх Саъдӣ ҳушдор дода буд:

Тарсам нарасӣ ба Каъба, эй аъробӣ,
Ин раҳ, ки ту меравӣ ба Туркистон аст». [20]

Бояд зикр кард, ки устод Айнӣ дар «Мухтасари тарҷумаи ҳоли худам» дар бораи хиёнати Фитрат чунин гуфтааст: «Баъд аз инқилоби феврал дар сари ҳаракати ислоҳотхоҳӣ, мисли Фитрат ва Усмонхоҷа, ҷадидоне гузаштанд, ки онҳо дар Туркия хонда омада ташвиқоти пантуркистӣ мекарданд. Онҳо на танҳо байни худ, балки ба мардуми шаҳри Бухоро, ки бештарини онҳо узбакиро намедонистанд, бо забони туркии усмонӣ гап мезаданд».[21] Дар ҳақиқат, «дар солҳои аввали баъди Инқилоби Октябр ва Инқилоби Бухоро А. Фитрат низ, ба мисли хоинони миллат Файзулло Хоҷаев (1898-1938), Абдуллоҳ Раҳимбоев (1898-1936) ва Назриқули Бектош, ба хотири туркгароӣ, узбакпарастӣ, мансабталошиву туркпарастӣ ва ғаразҳои сирф шахсии манфиатҷуёна, ҳама арзишҳову муқаддасоти илмиву фарҳангии тоҷиконро пушти по зад ва қурбон кард».[22] Шоир ин байтро, барҳақ, дар ҳаққи ҳамин гуна хиёнаткорон гуфта:

[20] Абдурауфи Фитрати Бухороӣ. Қоидаҳои забони тоҷик. (сарфиу наҳв). – Душанбе: Сино, 2009. – С. 24-27.
[21] Садриддин Айнӣ. Мухтасари тарҷумаи ҳоли худам. Куллиёт. – Ҷ.1. – Сталинобод: Нашрдавтоҷик, 1958. – С. 71.
[22] Абдурауфи Фитрати Бухороӣ. Қоидаҳои забони тоҷик. (сарфу наҳв). – С.21.

*Рафтӣ ба базми ғайру накӯномии ту рафт,*
*Номуси сад қабила зи як хомии ту рафт.* [23]

Дар мавриди Мавлоно ва Низомӣ ҳам ҳол чунин аст. Дар ҳеҷ ҷо, дар ҳеҷ китоб, тазкира, маъхаз онҳоро турк нагуфтаанд, худи онҳо низ аз турк будани худ дарак надодаанд, баръакс, аз эронинажод, эронӣ, хуросонӣ-тоҷик-форс будани худ сухан дар миён овардаанд. Ба ин абёт таваҷҷуҳ фармоед, ки аз хомаи эшон таровидаанд:

*Балхиям ман, балхиям ман, балхиям,*
*Шур орад аламе аз талхиям.*

ХХХ

*Наъраи ҳою ҳуйи ман аз Рум то ба Балх,*
*Асл куҷо хато кунад, Шамси ману Худои ман.*

ХХХ

*Аз Хурсонам кашидӣ то бари юнониён,*
*То баромезам бад-эшон, то кунам хушмазҳабе.* [24]

ХХХ

*Ту моҳи туркию ман агар турк нестам,*
*Донам ман ин қадар, ки ба туркист об-су.* [25]

*Мавлавӣ*

*Низомӣ, ҳам аз Ганҷа бикшой банд,*
*Гирифтори Ганҷа то чанд, чанд?*
*Чу дур гарчи дар баҳри Ганҷа гумам,*
*Вале аз Куҳистони шаҳри Қумам.* [26]

ХХХ

---

[23] Девони Назири Нишопурӣ. – Теҳрон, 1379. – С.80.
[24] Офтоби Мавлавӣ. – Душанбе, 2007. – С. 195.
[25] Мавлоно Ҷалолиддини Румӣ. Девони Кабир. – Душанбе: Дониш, 2008. – С. 96.
[26] Амин Аҳмади Розӣ. Ҳафт иқлим. – Ҷ.2. – Теҳрон, бидуни таърих. – С. 494.

*Гар модари ман-раисаи курд,*
*Модарсифатона пеши ман мурд.* [27]
*Низомӣ*

Шиблии Нуъмонӣ дар «Шеръ-ул-Аҷам» чунин навиштааст: «Илёс Юсуф ном, тахаллус Низомӣ, мавлид Ганҷа, вале ӯ аслан аз аҳли Қум буд. Чунончи, дар «Сикандарнома» мегӯяд:

*Чу дур гарчи дар баҳри Ганҷа гумам,*
*Вале аз Куҳистони шаҳри Қумам.* [28]
ХХХ
*Ҳама олам тан асту Эрон дил,*
*Нест гӯянда з-ин қиёс хиҷил.*
*Чунки Эрон дили замин бошад,*
*Дил зи тан беҳ бувад, яқин бошад.* [29]

Маълум аст, ки Ибни Сино талаби Маҳмуд, яъне ба дарбори ӯ рафтанро рад карда буд. Сабабашро аҳли қалам аз тарсу бим ва таассуби сахти мазҳабии ӯ донистанд. Дигар, ҳасудон ӯро ба бадмазҳабӣ муттаҳам ва ба султон Маҳмуд муаррифӣ карда буданд, бино бар ин, султон ба вай кина меварзид ва дар садади қатли ӯ буд. *Лиҳозо*, ӯ маҷбур ба гурезу фирор гардид. Ва мо медонем, ки падари Буалӣ, ки исмоилимазҳаб буд ва ӯ дар саргузашташ ба ин масъала ишора кардааст, ба фалсафа ва улуми ақлӣ, ки суннати исмоилиён буд, иштиғол доштааст. Ба ҳарфи дигар, Буалӣ аз хонадони шиа ва исмоилимазҳаб будааст. Аз ин рӯ, донишмандон ҳадс задаанд, ки худи ӯ низ исмоилӣ ва мазҳаби шиа доштааст. Бад-ин ҷиҳат Маҳмуд ва умуман, атрок, ки суннимазҳаб буданд, ба вай душмании

[27] Низомии Ганҷавӣ. Куллиёт. – Ҷ.2. – Девшнбе: Ирфон, 1982. – С. 70.
[28] Шиблии Нуъмонӣ. Шеър-ул-аҷам. – Ҷ.1 ва 2. – Душанбе, 2016. – С.233-234.
[29] Низомии Ганҷавӣ. Куллиёт. – Ҷ.3. – Девшнбе:Ирфон, 1983. – С. 49.

шадид доштанд ва Бӯалӣ низ аз ин ҳол огоҳ буд. Бино бар ин, ба хидмати ӯ нарафт ва рӯ ба фирор овард. Бад-ин маънӣ, метавон гуфт, ки Ибни Сино ба атрок, ки аҳли шамшер, душмани шиа, исмоилиҳо, аҳли фалсафа буданд, илм ва адабиёт дар он замон барояшон бегона буд ва асосан сипоҳигарӣ мекарданд, хуи лашкарӣ доштанд ва ҳаёти низомиро дунбол мекарданд, ҳануз ба коғазу қалам ошно набуданд, чи расад ба илму адабу фалсафаву тиб, ки хоси тоҷикон буд ва хусусияти зотии эшон гардида буд, ҳеҷ рабте надорад. Аммо Маҳмуд, ҳамтаборони ӯ, ки сипоҳию низомию лашкаркашу аҳли ҳарбу зарб буданд, қарматӣ рофизию муътазилӣ, мекуштанд, яъне аҳли илмро, ки яке аз онҳо Ибни Синои тоҷик буд, ба ҳар роҳ эъдом мекарданд. Лиҳозо, эшон рӯ ба гурез оварда, аз шаҳр ба шаҳре фирор мекарданд. Агар Сино, билфарз, турк мешуд, аз ӯ наметарсид, намегурехт, фирор намекард, Маҳмуд, низ ӯро таъқиб ва қасди қатл карданро дар сар намепарварид. Баръакс, ифтихор мекард, ки ҳамнажоди ӯ олими бузург аст, чун падарони худ паи шамшер, сипоҳигарӣ, лашкаркашӣ нарафта, касби ғайримаврусӣ, илму олимро интихоб кардааст. Бо як сухан, шамшер, сипоҳгариро ба қаламу илм, ки хоси эронинажодон аст, иваз намудааст. Аммо мо медонем, ки турки сипоҳӣ ва низомӣ будани Буалӣ ва якбора аз касби бобоӣ ба илму фалсафаву тиб майлу рағбат ва машғул гардидану бидуни замина ва ҳеҷ гуна пешина ба ин гуна авҷу шуҳрат дар олами илму тиб расидан дур аз мантиқ ва ақли солим аст. Гузашта аз ин, агар Буалӣ турки аҳли илму фалсафаву тибу юнонгаро мебуд, Маҳмуд ӯро қасди куштан намекард, ҳар оина ифтихор менамуд, ки дар замони ӯ аз туркон аҳли қалам, олим баромадааст, аҳли қалам, олими муқаррарӣ ва одӣ не, нобиға. Аммо Маҳмуд, ки худ ва дудмонаш аҳли шамшеру сипоҳӣ буданд, дин, хусусан мазҳаби тасаннунро шиор карда, аҳли

илму ҳикмат, яъне тоҷиконро, ба баҳонаи рофизию қарматию муътазилӣ будан, мекушт, ки мекушт. Ба қавли Носири Хусрав:

*Ном ниҳӣ аҳли илму ҳикматро*
*Рофизию қарматию муътазилӣ.* [30]

Хулоса, таассуб хислату амали нописанд ва мазмум аст. Бино бар ин, аҳли бинишу дониш, бо як сухан, ҳамагон, онро накуҳиш кардаанд. Чунончи, Абурайҳон Берунӣ дар «Осор-ул-боқия» гуфтааст: «Таассуб чашмҳои биноро кур мекунаду гушҳои шунаворо кар месозад ва шахсеро муътақид ба умуре менамояд, ки хираду дониш онро гувоҳӣ надиҳад». [31] Воқеан, Ибни Сино, Мавлоно, Низомӣ ва дигар бузургони мо, аввалан, фарзандони миллати тоҷиканд ва баъдан, башарият. *Лиҳозо*, аз вуҷуди эшон, ибтидо, мо ва пасон, аҳли башар ифтихор менамоянд. Гӯйӣ, ин байт ба масобаи ҷавоб аз забони онҳо барои мутаассибон таровидааст:

*Маро аз софии ботин зи худ донанд ҳар қавме,*
*Ки ҳар зарфе ба ранги худ барорад оби равшанро.* [32]

[30] Носири Хусрав. Куллиёт. – Ҷ.1. – Душанбе: Эр-граф, 2003. – С. 717.
[31] Абурайҳон Берунӣ. Осор-ул-боқия. – Душанбе: Ирфон, 1990. – С. 92.
[32] Соиб ва сабки ҳиндӣ. – Теҳрон, 1371. – С. 163.

**Шарифзода ИСОМИДДИН**
*ходими пешбари илмии Шуъбаи таҳқиқоти стратегии назди Раёсати АМИТ*

# ИЛММЕҲВАРӢ, САНОАТИКУНОНӢ ВА НАВГИРОӢ – АБЗОРИ АСОСИИ МУБОРИЗА БО ТААССУБУ ХУРОФОТИ МАЗҲАБӢ

Дар Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки санаи 26-уми декабри соли 2018 ироа гардид, саноатикунонии босуръати кишвар ба ҳайси ҳадафи чоруми стратегии кишвар эълон гардида, таъкид карда шуд, ки нақшаи гузариши иқтисодиёти кишварро аз шакли аграрӣ - индустриалӣ ба индустриалӣ - аграрӣ бояд таъмин карда шавад. Ҳамчунин ҷиҳати иҷроиши ин ҳадаф ба тамоми ниҳодҳои зиррабт ва роҳбарони вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо вазифаҳо ва дастуру супоришҳои мушаххас дода шуд [5.32]. Ҳуҷҷати мазкур имкон медиҳад, ки устувории мавқеи саноат дар таъмини истиқлолияти иқтисодии Тоҷикистон ва ҳалли масоили муҳимтарини иҷтимоӣ, аз ҷумла афзун намудани ҷойҳои корӣ ва ба маротиб баланд бардоштани некуаҳволӣ, таъмини бехатарӣ ва рақобатпазирии иқтисодиёти миллӣ шароити мусоид фароҳам оварда шавад ва натиҷатан як ҷаҳиши бузургеро дар тамоми соҳаҳои ҳаёти иқтисодиву сиёсӣ ва иҷтимоии ҷомеа ба миён оварад.

Саноатикунонӣ ва ҷомеаи саноатиро метавон аз дидгоҳи илмҳои зиёде мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дод ва даҳҳо асару садҳо мақола навишт. Мо дар ин навишта меҳоҳем аз

диди ҷомеашиносӣ ба таври иҷмолӣ баъзе ҷиҳатҳои аҳамияти ҷомеаи саноатрио дар пешрафти ҳаёти иқтисодӣ ва иҷтимоию сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор диҳем. Барои равшан шудани матлаб ин ҷо зарур медонем, ки худи мафҳуми ҷомеаи саноатӣ ва хусусиятҳои онро дар муқоиса бо ҷомеаи тосаноатӣ(аграрӣ) ва фаросаноатӣ (иттилоотӣ) мавриди арзёбӣ қарор диҳем ва натиҷатан аҳамияти ин навъи ҷомеаро барои кишвар муайян созем.

Мафҳуми **ҷомеаи саноатиро** аввалин маротиба донишманди Фаронсавӣ Сен-Симон истифода бурдааст. Хусусияти нави он зерсохти техникиро қайд кардааст. Ҷомеаи саноатӣ-ин ҷомеаи мураккабест, ки дар асоси тарзи хоҷагидории саноатии пурҳаракати боқувват ва навсозии сохтор, тарзи танзими иҷтимоӣ-фарҳнгӣ, ки дар асоси озодии фард ва манфиатҳои ҷомеа фаъолият менамояд, фаҳмида мешавад. Барои ин гуна ҷомеаҳо тақсими меҳнатӣ инкишоф ёфта, истеҳсолоти васеи мол, автоматикунонӣ ва мошинакунонии тарзи истеҳсолот, васоити коммуникатсияи оммавии инкишофёфта, шаҳрдорӣ ва ғайра хос мебошад. Ҷомеаи саноатӣ ба гуфтаи олимон Р.Арон, У.Ростоу солҳои 50-60 асри 20 ба марҳилаи авҷи худ рушд намудааст. Таърихан ҷомеаи саноатӣ 250-300 сол пештар ба вуҷуд омадааст [3.270].

Тибқи тадқиқотҳои охири ҷомеашиносӣ, ки аз ҷониби донишмандони чун Тоффлер ва Даниел Бэл [1.956] пешниҳод шуда, шинохти ҷомеа дар асоси заминаҳои истеҳсолӣ сурат гирифта, онро ба се навъи ҷомеа: ҷомеаи тосаноатӣ (аграрӣ), ҷомеаи саноатӣ ва ҷомеаи пасосаноатӣ тақсим намуд. Ба ақидаи Тоффлер инсоният то имрӯз ду навъи амвоҷи тамаддуниро аз сар гузаронидааст. Тамаддуни аграрӣ ва тамаддуни саноатиро ва алъон ба остонаи зинаи сеюм яъне тамаддуни пасосаноатӣ қадам мегузорад. Ҳар кадоме аз ин

зинаҳо ба шакли муайяни муносибатҳои иҷтимоӣ ва ҳамбастагии одамон алоқамандӣ доранд. Агар дар ҷомеаи аграрӣ меҳвари муносибати одамон аз ҳамбастагии онҳо ба табиат маншаъ гирад, дар ҷомеаи саноатӣ ҳамбастагии инсон ба табиати дуюм ва дар ҷомеаи пасосаноатӣ ҳамбастагии инсон ба инсон сурат мегирад. Ҳар навъи ҷомеаҳо дорои хусусияти хос мебошанд, ки чӣ аз лиҳози истеҳсолӣ, муносибатҳои иҷтимоӣ ва сатҳи маънавиёту тафаккур аз ҳамдигар фарқ мекунанд [8.784].

Дар ***ҷомеаи аграрӣ*** асоси истеҳсолотро замин ва меҳнати дастӣ ташкил медиҳад. Истеҳсолоти ин гуна ҷомеаҳо бисёр содда ва дар зинаи пасти рушд қарор доранд ва ниёзмандии одамон ниҳоят зиёд аст. Тафаккури ғолиби ҷомеаи аграриро тафаккури динӣ ташкил медиҳад ва дар ин навъи ҷомеаҳо ниҳодҳои бартаридоштаи иҷтимоӣ масҷидҳо ва артиш ба ҳисоб меравад. Танзими сиёсати дохилӣ бештар тавассути масҷидҳо сурат гирифта мардумон дар фазои арзишҳои динӣ ва қавонини шаръӣ бо ҳам муносибат мекунанд. Дар ҷомеаи агараӣ фаҳмиши дониш- дониши динӣ ба ҳисоб меравад. Ин навъи ҷомеа хурофотзадаю сертаассуб аст, навгониро кам қабул доранд ва бештар анъанагароанд. Дар чунин навъи ҷомеа гурӯҳҳои афзалиятдоштаи иҷтимоӣ ходимони дин (руҳониён), заминдорон (феодалон) ба ҳисоб мераванд. Имрӯз ҳам дар ҷаҳон давлатҳои дар сатҳи ҷомеаи аграрӣ қарор дошта мавҷуданд ва ин гурӯҳ давлатҳоро давлатҳои рӯбарушд ном мебаранд, вале мутаассифона аксари ин кишварҳо худро бо озуқа таъмин карда наметавонанд ва тибқи оморҳои ҷаҳонӣ дар ин кишварҳо ҳамасола 500 млн нафар аз гуруснагӣ ранҷ мебаранд ва 1,5 млр аз дастрасӣ ба оддитарин ёрии тиббӣ маҳруманд. Дар ҷомеаи аграрӣ кишоварзӣ, чорводорӣ ва саноат дар шакли истихроҷ амал мекунад. Вале мутаассифона дар ин гуна ҷомеаҳо бештар ашёи хом истеҳсол мешаванд.

Ҷомеаи аграрӣ ҷомеаи суннатхост, ки он дар асоси ҳамбастагии механикӣ вуҷуд дорад. Барои афроди ин ҷомеа пойбандӣ ба одобу анъанот, мансубият ба макони хос (маҳал, деҳа, шаҳр, минтақа), доштани руҳияи дастаҷамъӣ арзиши бештар дорад. Ҳуввияти ин гуна ҷомеаро ҳуввияти динӣ ташкил медиҳад.

Дар ***ҷомеаи саноатӣ*** бошад, истеҳсолот дар заминаи корхонаҷоту дастгоҳҳои бузурги механиконидашуда ба роҳ монда низоми бузурги иқтисодӣ дар онҳо амал мекунад. Дар ин ҷомеа саноат асоси истеҳсолотро ташкил намуда, барои баровáрда кардани ниёзҳои инсонӣ сафарбар карда мешавад. Дар ин навъи ҷомеа ниҳоди бартаридошта корхонаҳои бузурги истеҳсолӣ, компанияҳои молиявӣ ва хизматрасонӣ ташкил медиҳанд. Дар ҷомеаи саноатӣ гурӯҳҳои афзалиятдори иҷтимоиро соҳибкорону банкирҳо ташкил медиҳанд. Тарзи идоракунии ҷомеаи саноатиро бештар низомҳои сиёсии республикавӣ ва парламентарӣ ташкил медиҳанд. Қонунгузорӣ ва шакли идоракунӣ бештар хусусияти дунявӣ дошта, дар заминаи зарурияти иҷтимоӣ ба миён омадааст. Дар ҷомеаи саноатӣ фаҳмиши дониш на бар пояи маҳдуди донишҳои динӣ, балки бар пояи донишҳои илмӣ амал мекунад. Зеро яке аз роҳҳои асосии нигоҳдошти сармоя ва боло бурдани он бо роҳи татбиқи техникаву технология сурат мегирад, ки онҳо маҳсули донишҳои илмӣ ба ҳисоб меравaнд, аз тарафи дигар худи саноат ба дараҷаи болои тафаккури инсонӣ марбут аст, ки он аз замони дарки илмии табиат ва ҳаводиси дар он ба вуқуъпайваста маншаъ гирифтааст. Қобили қайд аст, ки зуҳури аввалин унсурҳои ҷомеаи саноатӣ ба асри 16 рост меояд. Ин навъи ҷомеа имкон медиҳад, ки бештар давлатҳои миллӣ инкишоф ёбанд. Зеро саноат ва корхонаҳои бузурги саноатӣ имкон медиҳанд мардумони минтақаҳои гуногун дар як фазо ҷамъ оварда

шаванд ва дар заминаи этносҳои гуногун давлатҳои миллӣ ба вуҷуд меоянд. Ҳамчунин барои дар саноат кору фаъолият намудан, бояд афрод бо донишҳои илмию ҳирфавӣ мусаллаҳ бошанд. Яъне ҷомеаи саноатӣ имконияти ҳамагонӣ кардани илму донишро ба миён мегузорад ва нодонию таассубро аз байн мебаранд. Дар ҷомеаи саноатӣ тавсеаи навгароиҳо ва шакли ҳамбастагии миёни фарду ҷомеа ба тадриҷ маҳдуд мешавад. Ҳар қадар дараҷаи саноатишавӣ боло равад, руҳи ҷамъӣ камтар мегардад. Ҳувияти ҷомеаи саноатиро ҳуввияти миллӣ ташкил медиҳад. Зеро барои афроди дар ин гуна ҷомеа фаъолияткунанда манфиатҳои муштараки иқтисодӣ, маънавӣ ва сиёсие вуҷуд доранд, ки аксаран неруи худро барои ҳифзи онҳо сафарбар менамоянд. Ҷомеаи саноатӣ яке аз марҳилаҳои рушди ҷомеаи инсонӣ ба ҳисоб рафта хусусиятҳои хоси худро дорад. Ин гуна ҷомеа аз ҷомеаи аграрӣ бо он фарқ мекунад, ки истеҳсолот дар ин навъи ҷомеа ба тарзи густурда ба роҳ монда шуда тавассути таҳаввулоти куллии воситаҳои технологӣ дар истеҳсолоти ҷамъиятӣ сурат мегирад. Дар ҷомеаҳои тосаноатӣ ва агарарӣ меҳвари муносибати одамон аз ҳамбастагии онҳо ба табиат ва дар ҷомеаи саноатӣ ҳамбастагии инсон ба табиати дуюм маншаъ мегирад. Инчуни маънӣ дорад, ки ҷомеаи аграрӣ ниёзҳои иҷтимоиро бевосита ба тариқи муносибат кардан ба табиат ва аз он ба тарзи натуралӣ истифода намудани маводҳои табиӣ, бароварда мекунад. Ҷомеаи саноатӣ бошад маводи аввалияро аз табиат гирифта онро бавасилаи дастгоҳҳо ва технологияе, ки инсон онро тавассути дараҷаи баланди маърифати худ офаридааст, дигаргун сохта ниёзҳои хешро қонеъ мегардонад. Ба ақидаи Бел ҳар як ҷомеа вобаста аз дараҷаи инкишофаш ба ягон шакли иттилооту дониш такя менамояд, ки тавссути онҳо байни аъзоёни ҷомеа муоширати табодули моддию маънавӣ сурат мегирад. Масалан, дар ҷомеаи саноатӣ паҳнсозии иттилооту дониш дар

шакли чопӣ вусъат пайдо кард ва ин дар навбати худ саноати чопиро тавсия дод. Дар ҷомеаҳои саноатӣ соҳаҳои хизматрасонӣ дар алоқаи зич бо соҳаҳои ғизои хурокворӣ, нақлиёт, молия ва ғайра вусъат дорад [1.956].

**Ҷомеаи пасосаноатӣ-** ҷомеаест, ки истеҳсолоти онро саноати дараҷаи афтоматикунонидашуда ташкил дода, дар он нақши асосиро татбиқи низоми иттилоот дар истеҳсолот иҷро менамояд. Ҷомеаи пасосаноатӣ аз солҳои 50-60-уми садаи 20 оғоз гардида, басуръат дар кишварҳои ҷаҳон паҳн мешавад. Ин ҷомеа аз зуҳури аввалин насли компютерҳо ва татбиқи онҳо дар истеҳсолот маншаъ гирифта, имрӯз раванди истеҳсолотро дар кишварҳои ҷаҳон босуръат тезонидааст. Ин навъи технологияҳо имкон додаанд, то ба ҷои инсон дастгоҳҳои автоматикунонидашуда ва низомҳои иттилоотӣ, роботҳо амалҳоро анҷом диҳанд. Дар ҷомеаи фаросаноатӣ ниҳодҳои бартарӣ дошта донишгоҳҳо ва марказҳои татқиқотиву таҳлилӣ ташкил медиҳанд. Гурӯҳҳои афзалият доштаи иҷтимоӣ бошад, олимон ва мутахассисони баландпоя ба ҳисоб мераванд. Зеро бунёди ин ҷомеаро илм ва донишҳои баланди илмӣ, ки дар заминаи он дастовардҳои азими технологӣ ташкил медиҳанд ба роҳ монда шудааст. Агар ба таърихи ҷомеаи пасосаноатӣ назар андозем мебинем, ки он ба миёна солҳои 70-уми асри 20 рост меояд, ки он марбут ба як қатор аз тағйиротҳо дар ҷомеаҳои аврупоӣ ва осиёӣ аст. Марҳилаи гузариши қатъӣ ба ин навъи ҷомеаро солҳои 90-уми асри 20 метавон арзёбӣ кард, ки дар кишварҳое ба мисли Ҷопон ва ИМА хароҷот дар нисбати маблағгузорӣ ба тадқиқотҳои илмӣ ва коркарди илмӣ аз хароҷот ба воситаҳои истеҳсолӣ зиёдтар гардид. Асоси иқтисоди ҷомеаи пасосаноатиро нерӯи зеҳнӣ ташкил медиҳад, ки истеҳсолот дар асоси нерӯҳои зеҳнӣ шакл гирифта ба дараҷаи баланди сатҳу сифат оварда мерасонад. Иқтисоди ин навъи ҷомеаро

иқтисоди инноватсионӣ низ меноманд. Ҷомеаи пасосаноатӣ кори ҷисмии инсонҳоро кам карда, дар он нақши асосӣ на ба захираҳои табиӣ ва қувваҳои корӣ, балки нақши асосиро нерӯҳои зеҳнии инсон ташкил медиҳад. Ин боис мегардад, ки суръати таркишҳои демографӣ ва зиёдшавии аҳолӣ дар ҷомеа камтар карда шавад [1.956].

**Ҷаҳони имрӯзро бидуни рушди саноат** тасаввур кардан ғайри имкон аст. Ҳоло вақте ба воқеъият ва вазъияти кишварҳои пешрафта назар мекунем, омилҳои зиёде дар раванди пешрафти иқтисодии онҳо мавҷуданд, ки онҳоро метавон аз қабили низоми муассири давлатӣ идоракунии рушди ниҳодҳои иқтисодӣ ҳисобид, ки ба он омилҳои аз қабили технологиякунонӣ, инноватсия, сармояи зеҳнӣ ва иҷтимоӣ ҷалби сармояи хориҷӣ ва инкишоф додани инфрасохторҳои гуногун метавон ҳисобид. Вақте ба рушди кишварҳои гуногуни минтақа ва ҷаҳон назар меафканем, рушди имрӯзаи иқтисодии кишварҳо нисбат ба он фаҳмиши классикии иқтисодие, ки қаблан вуҷуд дошт, фарқ мекунад [4.7-11].

Ҳоло ҷиҳати пешрафти рушди технологии иқтисод дар байни олимони соҳа баҳсҳои мухталиф вуҷуд дорад. Саноатикунонии босуръат эълон гардидани ҳадафи чоруми стратегии Ҳукумати Тоҷикистон пеш аз ҳама таҳким бахшидан ва рушд додани иқтисоди миллӣ ва сиёсати иқтисодии кишвар ба ҳисоб меравад. Агар бунёдан ба ин ҳадаф таваҷҷуҳ намоем, чунин амалкард дар тамоми кишварҳое, ки ҳоло аз назари иқтисодӣ пешрафтаанд, ҷой дорад. Қобили қайд аст, ки барномаи аввали саноатикунонӣ ва гузариш аз ҷомеаи аграрӣ ба ҷомеаи саноатӣ ҳанӯз дар даврони шӯравӣ оғоз гардида буд, вале ба сабаби ин ки силсилакорхонаҳои дар он замон сохташуда, ба занҷираи ягонаи иқтисодии шурвaӣ паваст буданд, аз ин рӯ бо аз миён

рафтани Иттиҳоди Шӯравӣ ин занҷираҳои мутамаркиз гусаста шуданд ва аксар аз корхонаҷоти он замон фаъолияткунанда аз кор бозмонданд. Агар он замон саноатикунонӣ бештар ба технологияи марбут ба ҳамон замон сурат гирифта бошад, пас бо муддати аз байн рафтани Иттиҳоди Шуравӣ наслҳои нави технология ба миён омадаанд, ки аз назари афзоиши истеҳсолот, кам кардани истифодаи қувваи корӣ, баланд бардоштани сатҳи маҳсулнокии истеҳсолот ва дар умум паст шудани арзиши маҳсулоти истеҳсолшуда, оварда расонид, ки ҳоло ҳамаи кишварҳои саноатӣ кушиш ба харҷ медиҳанд аз навтарин насли технологияҳои истеҳсолӣ кор бигиранд, то ин ки нархи маҳсулотро поин бурда, дар сатҳи бозори минтақавию ҷаҳонӣ ҷойгоҳи худро устувор нигоҳ доранд. Бо назардошти махсусиятҳои дар боло ишорашуда, метавон аз саноатикунонӣ фаҳмиши наверо ба миён овард. Масалн аз саноатикунонии индуструализатсия аз фаҳмиши классикӣ чунин фаҳмиш ба миён омада буд, ки иваз кардани меҳнати дастӣ ба меҳнати мошинӣ ва ба роҳ мондани истеҳсолоти васъеи анвои маҳсулот (ё ба тарзи дигар раванди гузариш аз аслиҳаи одди меҳнатӣ ба истеҳсолоти мошиникунонидашуда) фаҳмида мешуд [7.2-16].

Вобаста ба вазъи имрӯзаи саноату саноатикунонӣ дар ҷаҳон, ки он дар заминаи технологияи насли нав сурат мегирад, ин равандро ҳамчун фаросаноатикунонӣ ё саноатикунонии босуръат (дар забони илмӣ мафҳумҳои аз қабили неоиндустриализатсия ё реиндустриализатсия) истифода мешавад. Таҳти ин мафҳум раванди рушд ва модернизатсияи истеҳсолотро дар асоси платформаҳои технологӣ метавон арзёбӣ кард, ки дар он насли аз ҳама навтарини технологияҳои инноватсионӣ ва шаклҳои хоҷагидорӣ амал мекунанд. Дар ин ҳолат саноат ба ҳайси фазои дорои асоси илмӣ фаҳмида мешавад, ки дар он на танҳо ба тарзи анъанавӣ, ки аз ҷузъҳои

истихроҷу коркард, балки инчунин аз истифодаи нанотехнология, дорусозӣ, оптика, микроэлектроника, техникаи тиббӣ ва соҳоти дигари пешрафта ва то охир коркунанда иборат аст. Фаҳмиши нави саноатикунонӣ ба тарзи объективӣ инъикосгари раванди муосири иқтисодию иҷтимоии ҷомеаҳо буда, он куллан аз саноатикунонии фаҳмиши қаблӣ фарқ мекунад. Қобили зикр аст, ки ҷаҳони имрӯз пайваст ба технологияи навтарине аст, ки он аз дастовардҳои илмӣ ва ихтироот маншаъ гирифта, ҳамчун консепсияи шашуми технологӣ шинохта мешавад. Ба он дастовардҳои илмҳое аз қабили нанотехнология, муҳандисии генетикии растанию ҳайвонот, шабакаи иттилоотии ҷаҳонӣ, инчунин анвои алтернативии генетика, технологияи квантӣ, фотон, микромеханика ва истеҳсоли маводҳои дар сатҳи микротехнология амал мекунад [10. 36-40].

Кашфиётҳои нави илмӣ, ки дар боло ишора шуданд, онҳо метавонанд паҳлуҳои гуногуни ҳаёту зиндагии инсонро дар бар гирифта, дар маҷмуъ ба раванди сатҳу сифати зиндагии инсонӣ таъсири хешро гузоранд. Онҳо метавонанд ҷиҳати истеҳсоли лавозимоти (фанноварии) ниҳоятан дақиқи ҳам дар саноат ва ҳам дар муҳимоти шаҳрвандӣ аз қабили микроэлектроника, техникаи ҳисоббарор, энергетика, тиб, экология, автомобилсозӣ, саноати кайҳонӣ ва соҳаҳои дигари ҳаёти ҷамъиятӣ таъсири худро гузошта, мушкилоти гуногуни иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва гуманитарию сиёсиро ҳал намоянд.

Қобили қайд аст, ки рақобати имрӯзаи иқтисоди ҷаҳонӣ тақозо менамояд, ҳамарӯза дар равандҳои истеҳсолӣ технологияи навтари такмилёфта, мавриди татбиқ қарор бигирад. Ин раванд водор месозад, ки ҳар гуна корхонаи истеҳсолӣ ҳамеша дар пайи татбиқи дастовардҳои нави илмию технологӣ дар раванди истеҳсолоти худ бошад. Зеро дер мондан ва таъхир дар татбиқи технологияҳои навини

соҳавӣ метавонад корхонаи истеҳсолиро ба мушкилот дучор намуда, сабаби бозмондагии истеҳсолот ва ба рақобат тоб наовардани корхона гардида, дар натиҷа ба муфлифшавии он оварда мерасонад.

Зикр кардан ҷоиз аст, ки дар раванди саноатикунонии босуръат нақши илму маориф ва сармояи зеҳнӣ ниҳоят муҳим аст. Мусаллам аст, ки танҳо ҷомеае, ки аз назари илму технология мусаллат бошад ва аз донишҳои навин бархурдор буда, ки дар он ҳамеша марказҳои илмию кашфиётӣ ҳамеша дар пайи дастовардҳои нави илмию технологӣ ҳастанд, метавонанд дар ин рақобат пируз гарданд ва самтҳои гуногуни ҳаёти иқтисодию иҷтимоии худро пешрафта намоянд. Ба ин манзур, ҳеҷ гоҳ раванди саноатикунонии босуръат бидуни алоқамандии илму истеҳсолот сурат гирифта наметвонад. Аз ин рӯ тарбияи мутахассисон дар самтҳои гуногуни ҳаёти иҷтимоию иқтисодӣ татбиқи дастовардҳои охири илмӣ ниҳоят муҳим ва зарурӣ арзёбӣ мегардад. Қобили қайд аст, ки дар раванди истеҳсолот ҳар қадар насли нави технологияҳо ба роҳ монда шавад, ҳамон қадар иқтисоди кишвар боло меравад.

Як нуқта қобили зикр аст, ки дар баробари татбиқи насли нави технологияҳои истеҳсолӣ бояд кушиш ба харҷ дод то институтҳои илмию таҳқиқотӣ дар самти ба миён овардани фанновариҳои навтар мусаллат гардонида шуда, дар ин бахш сармояи иловагӣ ҷудо карда шавад, то ин ки минбаъд кишвар на фақат воридкунандаи технология ва мутахассис аз хориҷи кишвар бошад, балки пойгоҳҳои илмии пуриқтидоре дошта бошад, то ин ки олимон марказҳои пажуҳишӣ, институтҳои илмӣ ҳамеша дар пайи кашфиётҳои навини илмӣ созандагӣ ва техникаву технологияи навин қарор гирифта, кишвар ба кишвари на танҳо истеҳсолкунандаи молҳои саноатӣ балки зина ба зина ба кишвари истеҳсолкунандаи фанновариҳои

навин табдил ёбад, ки аз як тараф ҷиҳати қонеъ гардонидани ниёзи истеҳсолии саноати дохилӣ инчунин ҷиҳати ба содирот нигаронидани фанновариҳои навин дар сатҳи бозори ҷаҳонӣ қадамҳои устувори худро гузорад. Рушди саноатикунонӣ метавонад ба тамоми соҳаҳои ҳаёти иҷтимоӣ асири хешро гузорад ва аз як тараф дар боло бурдани илму маърифат тафаккури техникӣ таъсир гузошта, аз ҷониби дигар ба дараҷаи некуаҳолии мардумон оварда мерасонад. Саноатикунонии босуръат имкон медиҳад, ки диди мардумон, яъне ҷаҳонбинӣ иваз гардида ба тамоми равандҳои таассубуб хурофазадагӣ дар ҷомеа кам мешавад. Он ба диди нав оварда мерасонад. Вақте ба кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон назар меафканем, ба вуҷуд омадани ҷомеаи саноатӣ ва фаросаноатӣ бо омадани дастгоҳҳои нави истеҳсолӣ техника ва технологияи нав ҷаҳонбинии мардумон аз ҷаҳонбинии боварманди динию хурофотӣ ба навъи дигари ҷаҳонбинию ҷаҳоннигарӣ аз ҷумла ҷаҳонбинии илмӣ табдил ёфт. Боварии мардум ба қудрати физояндаи илм, ки он аз дастовардҳои илмӣ бахусус техникаву технология берун омада буд, афзуд. Яъне як ҷомеаи аз нигоҳи илмӣ илммеҳвар ва хирадбунёд ба вуҷуд омад.

Татбиқи саноатикунонии босуръат имкон медиҳад, ки тамоми соҳаҳои ҳаёти иҷтимоӣ рушд намоянд ва дар маҷмуъ ҷомеа ба марҳилаи дигари рушди иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва сиёсӣ ноил гардад. Кишвар аз як кишвари бозори истеъмолӣ ба кишвари истеҳсолкунанда ва содиротӣ табдил ёфта, соҳаҳои гуногун бахусус соҳаи илму маориф ба соҳаи калидии ҷомеа табдил ёфта, ширкатҳои бузурги саноатию истеҳсолӣ ҷиҳати рушди таъмини босуботи худ соҳаҳои илмро маблағгузорӣ намуда, барои минбаъд ба вуҷуд овардани фанновариҳои навини истеҳсолӣ, ки боиси нигоҳ доштани рақобати солим дар бозори ҷаҳонӣ мешаванд, заминагузор шавад. Ба маънии дигар саноатикунонии босуръат имкон медиҳад, то илму

истеҳсолот дар як меҳвар ҳаракат карда, онҳо якдигарро пурра намоянд ва ҳамбастагии ҳамешагӣ байни онҳо ба вуҷуд ояд. Ҳоло метавон яке аз мушкилоти асосии ҷомеаи моро набудани ҳамгироии илм ва истеҳсолот арзёбӣ кард.

**Саноатикунонии ҷомеаи тоҷик**, ки ҳадафи чоруми стратегии Ҳукумати Ҷумҳурӣ қарор гирифтааст, иқдоми саривақтӣ ва созандаест, ки бо татбиқ шудан метавонад таъсири мусбии хешро ба ҳамаи соҳаҳои ҳайёти иҷтимоӣ расонад. Чунки сохтори асосии ҷомеаи саноатиро корпоратсияҳо, фирмаҳо иқтисодиёти дар асоси истеҳсоли оммавии мол тавассути технологияи мошинӣ сурат мегирад, ташкил медиҳад. Ин навъи истеҳсолот имкон медиҳад, ки садҳо ҷойҳои кории нав таъсис дода шуда, мардум бо маоши хуб фаро гирифта шавад. Нақши муҳимро ширкатҳои саноатӣ ва моливӣ гуруҳҳои иҷтимоии соҳибкорон дар ҷомеаҳои саноатӣ мебозанд, аз ин рӯ Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дорои захираҳои бойи табиӣ мебошад, ин омилҳоро ба назар гирифта минбаъд коркарди ин гуна захоир имкон медиҳанд, онҳо на дар шакли ашёи хом, балки дар шакли коркардшуда ва маҳсулоти тайёр ба бозори минтақавию ҷаҳонӣ арза карда шаванд. Ин раванд имкон фароҳам месозад, ки иқтисоди миллӣ рақобатпазир гардида, Ҷумҳурии Тоҷикистон аз кишвари истеъмолгар ба кишвари истеҳсолотӣ табдил ёбад. Мусаллам аст, ки кишвари истеҳсолотӣ имкониятҳои зиёди рушди иқтисодиёт ва соҳоти дигари иҷтимоиро дошта, чӣ аз лиҳози сиёсӣ ва чӣ аз лиҳози иқтисодию иҷтимоӣ осебпазирӣ дар он камтар мешавад. Барои тадбиқи ин андешаҳо сохторҳои марбутаро зарур аст, корро дар асоси пешрафти илмию техникӣ руҳияи соҳибкорӣ ва рақобати озоди демократӣ ба роҳ монанд. Саноатикунонии кишвар имкон медиҳад, ҷомеаи шаҳрвандӣ тавсия ёфта демократия густариш ёбад, заъфи низом дар тазоди дохилии он кам гардад. Бо

тадбиқи ҳадафи саноатикунонии кишвар имкон фароҳам меояд, то сарчашмаҳои даромади миллӣ густариш пайдо намуда, ҷиҳати татбиқи иҷтимоиёти давлат заминаи устувор фарҳам оварда шавад. Таҷриба нишон додааст, ки кишварҳои саноатӣ ва пасосаноатӣ ки дар онҳо иқтисодиёт дар зинаи баланди рушд қарор дорад, чӣ аз ҷиҳати нуфузи сиёсӣ, иқтисодӣ ва чӣ аз ҷиҳати муътадилии иҷтимоӣ, дараҷаи баланди маънавиёт пойдору устувор аст. Чунки қишри асосии ҷомеаи саноатиро синфи миёна ташкил дода ва дараҷаи зиндагии онҳо дар сатҳи баланд қарор дошта, онҳо муътадилии иҷтимоиро нигаҳ медоранд. Чун саноат асоси илммеҳвар дорад сатҳи дониши илмии ҷомеаро боло бурда тассубу хурофазадагиро коҳиш медиҳад.Таҷриба собит кардааст, ки сатҳи баланди ташакулли давлатҳои миллиро дараҷаи ҷомеаи саноатӣ ташкил медиҳад, зеро бо бунёд шудани корхонаҷоти бузург мардумони минтақаҳои гуногун ба ин навъи корхонаҳо ҷалб мешаванд ва дараҷаи омехташавии минтақаҳоро афзуда, раванди миллатсозиро метезонад ва пояҳои давлатро устувор мегардонад. Яъне саноатикунонӣ метавонад шиддати унсури манфии маҳалгароиро паст намуда, онро аз байн бибарад. Хулоса, саноатикунонии иқтисоди кишвар метавонад як ҷаҳиши бузургеро дар ҳамаи соҳаҳои ҳайёти сиёсию иҷтимоии кишвар фароҳам оварда, сатҳу сифати давлатдорӣ ва дар маҷмуъ зиндагии мардумро бамаротиб беҳбуд бахшад ва заминаи гузариш ба ҷомеа пасосаноатиро фароҳам созад.

## Адабиёт:

1. Белл Д. Грядущее посиндустральное общество. Опыт социалного прогназирования. Перевод с англ. /Д. Белл. -М: Academiya, 1999. -956 с.

2. Бел Д., Иноземцев В.Л. Эпоха разобщенности: размышления о мире XXI века.- М: Центр исследования посиндустрального общества, 2007. -304 с.

3. Гулаҳмадов Ш., Абдулвоҳидов А., Файзиев Б. Сотсиология. –Душанбе, 2012. -270 с.

4. Ганчаров Г.А. Управление институциональными изменениями: сложности и их решение на пути к успеху \\ Вопросы управления. 2016.№1(19). С.7-11.

5. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат-Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (аз 26.12.2018)

6. Саноатикунонии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон. -Душанбе, 2019. -32 саҳ.

7. Сухарев О.С., Стрижакова Е.Н. Новая индустриализация – путь к повышению производительности труда в промышленности //Национальные интересы: приоритеты и безопасность. 2014. №10 (247). С.2-16.

8. Тоффлер Э. Третья волна. Пер. с англ./ Э. Тоффлер. –М: Изд-во АСТ, 1999. -784 с.

9. Тоффлер Э. Метаморфозы власти. Пер. с англ./ Э. Тоффлер. –М: Изд-во АСТ, 2003. -669 с.

10. Шаповалова Е.В., Захарова О.В. Экологический потенциал шестого технологического уклада. Вестник Тюменского Государственного Университета. 2012, №7. С.36-40.

**Асадзода НАЗРӢ**
*ходими пешбари илмии Шуъбаи таҳқиқоти стратегии назди Раёсати АМИТ*

# РОБИТАИ МУТАҚОБИЛА ВА ДИАЛЕКТИКИИ ПАДИДАҲОИ МИЛЛАТ ВА ДАВЛАТ. НАҚШИ ҶАҲОНБИНИИ МИЛЛАТ ДАР ПОЙДОРӢ ВА РУШДИ ДАВЛАТИ МИЛЛӢ

Дар шароити пуртазоди геосиёсии муосир сатҳи ташаккули шуури миллӣ омили аслии ҳифзи бақову рушди миллатҳо ва таъйини ҷойгоҳи онҳо дар арсаи байналмилалӣ аст. Барои рушди давлат ва қудратманд кардани он шинохти дурусти заминаҳои ташаккули миллат, шакли ҷаҳонбинии он ва коркарду корбурди роҳкорҳои зеҳниятсозии миллӣ хеле муҳим ва зарур мебошанд.

Мафҳуми миллат дар ҳавзаҳои илмӣ, аз ҷумла ҳавзаҳои илмии Ғарб аз диди фарогирӣ ҳадди ақал ду тарзи ташреҳ дорад: 1) **миллат ҳамчун мафҳуми этнофарҳангӣ** дар назар гирифта мешавад, яъне миллат гуфта гурӯҳи иҷтимоиеро дар назар мегиранд, ки он этногенез, хостгоҳи генетикӣ, ҷуғрофиёи зист, забон, фарҳанг, таърих, ғояҳову ормонҳо, ҳувийяти ягона дорад. 2) **миллат ҳамчун мафҳуми сиёсӣ-ҳуқуқӣ** дар назар гирифта мешавад, яъне миллат гуфта одамонеро мегӯянд, ки дар қаламрави як давлат ҳамчун шаҳрванд зиндагӣ мекунанд (новобаста ба этногенез, забон, ҳувийят ва фарҳанг ва ғ.). Ин мафҳумро бо таъбири "давлат-миллат" низ ифода мекунанд.

Давлат муҳимтарин дастгоҳи ҳифзи бақо ва рушди миллат аст. Дар байни давлати миллӣ ва миллат муносибати

диалектикии дуҷониба вуҷуд дорад, яке он, ки миллат бо назардошти манфиатҳои худ ба таъсис ва таҳкими давлати миллӣ боис мегардад, дигар ин ки давлат барои ҳифзи бақо, манфиатҳо ва ташаккули миллати давлатсоз шароити муносиб фароҳам оварда, рушди онро таъмин месозад. Танҳо дар пайвастагӣ бо ҳамдигар ташаккул ва такомули ин ду падидаро тасаввур намудан имконпазир аст. Ташаккули миллатҳои аврупоиро иддае аз муҳаққиқон натиҷаи мустақими чунин раванди сиёсӣ ва фарҳангӣ медонанд.

Аз таърих маълум аст, ки дар Аврупо то давраи Ренесанс ва ҷунбиши ислоҳи мазҳабӣ (реформатсия) ҳувийяти динӣ бар ҳамаи ҳувийятҳои дигар, аз ҷумла ҳувийяти милливу қавмӣ афзалият дошт, вале баъдан дар заминаи ташаккули ҷаҳонбинии илмӣ ва шинохти манофеи миллӣ ҳувийяти динии мардуми Аврупо заиф шуда, ҷойгоҳи худро ҳамчун абзори зеҳниятсозии ҷомеа ба тадриҷ аз даст дод. Тарроҳи равандҳои сиёсӣ ва таъйинкунандаи хатти машйи ақидатии ҷомеаҳои аврупоӣ дар давраи нав на калисоҳову ҳавзаҳои динӣ, балки давлатҳои миллӣ буданд, ки бар асоси манофеи миллатҳои давлатсоз фаъолият ва мавқеъгирӣ мекарданд. Дар ин марҳила дар Ғарб давлатҳои миллӣ рӯи кор омаданд ва "давлат-миллат"-ҳои модерн низ шакл гирифтанд. Ин давлатҳо бо ангеза додани эҳсосоти миллӣ сатҳи масъулиятшиносии иҷтимоӣ ва шаҳрвандии мардуми қаламрави худро боло мебурданд. Ҳувийят ва эҳсосоти миллии мардуми аврупоӣ маҳз дар заминаи бархурди манофеи онҳо бо якдигар ва алалхусус тавсеаталабӣ ва тамомиятхоҳии калисои Рим ташаккулу тақвият ёфт. Агар ба таърихи ташаккули миллат ва рушди давлат дар замони муосир нигоҳ кунем, яке аз хусусиятҳои он пайванди қавии миллату давлат аст. Ин шохисро иддае аз ҷомеашиносон

ҳамчун падидаи то андозае нави таърихи башарӣ бозтоб медиҳанд.

Дар давраи нав шикасти асосиро ба низомҳои суннатӣ ва динсолори давлатӣ инқилоби Фаронса ворид кард. Ин инқилоб, ки аз андешаҳои Жан-Жак Руссо(1712-1778) илҳом мегирифт, бо таблиғи ҳокимияти мардум мафҳуми миллатро пеш гузошта, машруъияти давлат ва вобастагии мардумро ба сулолаҳои ҳукмрон аз байн бурд. Дар ин замина ҳукуматҳои мутлақа тадриҷан ба давлатҳои миллии демократӣ табдил шуданд. Ин раванд дар заминаи ташаккули фарҳанги дунявият, ки ин давлатҳоро фаро гирифта буд, анҷом шуд. Дар фазои фарҳанги дунявият (секуляризм) намодҳою арзишҳои миллӣ ва ғайримазҳабӣ тавонистанд дар низоми арзишҳои ҷомеа ҷойгоҳи меҳвариро касб кунанд. Дар ташаккули ҳувийят ва эҳсосоти миллӣ ҷангҳои Наполеон низ таъсири зиёд дошт. Он раванди ташаккули миллатҳои дигарро суръат бахшид, алалхусус миллатҳоеро, ки дар муқобили таҷовузи фаронсавиҳо иттиҳоду якпорчагии худро таҳким доданд ва муқовиматашон дар баробари истилогарон боиси бедории ҳисси миллии онҳо гардид. Дар охири асри XIX ва ибтидои асри XX ин тамоил хеле қавӣ шуд. Дар нимаи аввали асри XX муборизаҳои миллӣ-озодихоҳӣ бар зидди мустамликадорӣ авҷ гирифтанд ва иттиҳоду худшиносии миллатҳои мазлумро ба вуҷуд оварданд, ки ин гироиш низ ба раванди ташаккули давлатҳои муосири миллӣ таъсиргузор буд. Шинохти арзишҳо ва манофеи миллӣ, боло рафтани сатҳи худшиносӣ ва худогоҳии миллатҳои мазлум боиси ҳаракатҳои миллӣ-озодихоҳӣ ва авҷи муборизаи онҳо барои раҳоӣ аз тасаллути бегонагон шуд. Дар ин давра бо назардошти афзудани нақши миллатҳо дар шаклгирии равандҳои байналмилалӣ баъзе мутафаккирон ҳар як миллатро ҳамчун як низоми мустақили

иҷтимоӣ, ки забону фарҳанг, ҳувийят ва рисолати хос дорад, маънидод мекарданд.

Маълум аст, ки миллат ҳамон вақт ба таъсиси давлати худ алоқаи бештаре нишон медиҳад, ки дар масъалаи ҳифзи бақо ва манфиатҳои худ ноамнӣ ва хатар эҳсос кунад. Ин омил ба қавли муҳаққиқи муосири амрикоӣ Марк Тейлор "ноамнии офаринанда" ном дорад. (MARK ZACHARY TAYLOR, The Politics of Innovation Why Some Countries Are Better Than Others at Science and Technology, Oxford University Press, New York, 2016, 449 p.) Аммо дар ин замина ҳамеша бояд дар назар гирифт, ки метавонад шовинизм ва миллатпарастии ифротӣ низ ба вуҷуд ояд. Миллигароии воқеӣ аз ин тамоюлоти нописандида фарқ дорад. Ҳадафи миллигароӣ ва миллатдӯстон фақат ҳифзи бақову манофеъ ва рушди миллӣ аст, на таъкиди афзалияти генетикиву интелектуалии як миллат бар миллатҳои дигар ва дар ин замина тавсеаталабиву тамомиятхоҳӣ кардан чун миллатпарастон.

Дар ҳар сурат, ҷанбаи мусбати миллигароӣ дар таърихи навини башарӣ ва алалхусус асри XX ин аст, ки он ҳувийяти миллиро тақвият бахшида, нақши ҳувийяти динӣ ва суннатҳоро дар бахши азиме аз қаламрави ҷаҳон ва ба вижа дар Ғарб коҳиш дод ва барои ҳар фард анҷом додани умури эътиқодиро амре ихтиёриву инфиродӣ дониста, хештаншиносиро аз тариқи шинохти масъулияти худ дар назди миллат ва Меҳан ба яке аз заруратҳо ва арзишҳо ва ҳатто маънии зиндагӣ табдил дод. Миллатҳои пешрафта дар замони нав тасаллути дин ва сиёсӣ шудани онро омили вопасгароӣ ва боздорандаи рушд медонанд.

Ҳаракатҳои миллӣ-озодихоҳӣ дар дигар минтақаҳои ҷаҳон, аз ҷумла кишварҳои Шарқи исломӣ низ ба тадриҷ ба вуқуъ омаданд, аммо бинобар сабаби нуфузи таълимоти диниву мазҳабӣ ва динмеҳвар будани шуури ҷамъиятӣ ин ҳаракат дар

аксар кишварҳои мусулмоннишин ба дингароии ифротӣ мубаддал шуд. Дар давлатҳои тозабунёди миллӣ раванди эҳёи миллию ташаккули ҳувийяти миллӣ ба муқовимати шадиди рӯҳониёни ифротӣ дучор шуд, ки дар такя ба ҷаҳонбинии динии омма ҳар гуна навгарой ва дигарандеширо саркӯб мекарданд. Онҳо ба равандҳои тозаи иҷтимоӣ ва пешрафти иқтисодию фарҳангии муосир ҳамеша суннатҳои гузаштаи дури исломӣ, давраи ибтидои ислом ва асримиёнагиро муқобил мегузоранд ва монеи раванди рушди миллӣ мешаванд, ки ин ҳаргиз ба нафъи кишварҳои мазкур нест. Исломиёни сиёсӣ ва ифротӣ мехоҳанд ин кишварҳоро аз роҳи пешгирифтаи миллии мустақилашон маҳрум сохта, ба ақиб, ба асрҳои миёна баргардонанд ва маҳз ҳамон давраро ҳамчун намунаи беҳтарини маъмурияти ҷомеа ҷилва диҳанд. Чунин амали вопасгароёна хоҳ-нохоҳ хатти сайри ин кишварҳоро дар масири рушду пешрафти илмиву технологӣ кунд карда, онҳоро тобеи ҷаҳони пешрафтаи иқтисодию технологӣ мегардонад. Дар чунин ҷомеаҳои суннатӣ ҷаҳонбинии аксарияти мардум ҳамчунон динӣ боқӣ хоҳад монд, ки он монеи ташаккули ҷаҳонбинии илмӣ ва эҳсосу ҳувийяти миллӣ хоҳад шуд. Дар ҷаҳони муосир чунин ҷомеа ба ҳеҷ ваҷҳ наметавонад ба пешрафти иҷтимоию иқтисодӣ ва фановарӣ ноил шавад. Илова бар ин, дар сурати динмеҳвар будани дидгоҳи ҷомеа, ба сабаби мавқеъгирии худпарастонаи пайравони динҳову мазҳабҳои мухталиф, ки ҳар яке аз онҳо танҳо роҳи худро ягона роҳи ҳақиқат медонанд, вазъи иҷтимоӣ мудом осебпазир ва ташаннуҷзо хоҳад монд. Ҳамчунин дидгоҳи манфӣ ва ҳатто такфирии пайравони равияҳои динӣ нисбат ба ҳамдигар ва аҳли илм, дигарандешон ва озодманишон дар ҷомеа заминаи табъизро ба вуҷуд оварда, эҷоди ваҳдати воқеии миллиро номумкин мегардонад. Дар

натиҷа миллат моҳиятан парешону пароканда шуда, давлат заифу нотавон мегардад.

Дину мазҳабпарастони бунёдгаро наметавонанд бипазиранд, ки замони кунунӣ замони дигар аст, дигар бо мавқеъгирии мазҳабмеҳвар, татбиқи аҳкоми динӣ ва табъизу султагарой наметавон заминаи рушди устувор ва рақобатпазирии миллиро дар сатҳи байналмилалӣ ба вуҷуд овард. Султаи сиёсии мазҳабӣ, ки замоне мардуми як кишвару минтақаро ба иҷбор бо ҳам пайванд месохт, ҳоло дигар он нақшро наметавонад дар дарозмуддат иҷро кунад. Дар замони ривоҷи илму фарҳанги дунявӣ ҷои пайванди мазҳабро пайванди миллӣ гирифтааст. Ҳатто мазҳаб дар бисёр кишварҳо тафсири миллӣ ба худ пайдо кардааст, масалан, динҳои миллӣ, мазҳабҳои гуногуни масеҳият ва ғайра. Албатта, дар ҷомеаи динзада эҳсоси милливу мансубияти миллӣ ва пазириши масъулият дар назди миллати худ заиф аст. Аммо бо мурури замон дар заминаи дарки мантиқи воқеияти ҷаҳон, ташаккули ҷаҳонбинии илмӣ бешак ҳувийяти миллӣ рушду тақвият хоҳад ёфт. Истиқлолу озодии кишварҳо, бархурди манофеи миллатҳо дар сатҳи ҷаҳонӣ ва мубаризаҳои рӯзафзуни геополитикӣ ба тадриҷ боиси ташаккули тафаккури миллӣ хоҳад шуд.

Афроди огоҳ ҳатто дар ҷомеаҳои суннатӣ ва динзада низ бо назардошти вазъи мураккаби геосиёсии ҷаҳон ва корбурди абзории дину мазҳаб аз тарафи тарроҳони равандҳои байналмилалӣ ба тадриҷ рӯ ба арзишҳои миллӣ ва мавқеъгирӣ бар асоси манофеи миллӣ меоваранд. Ҳоло дар дунё он кишварҳое муваффақанд, ки дину боварҳои диниро ба кори фардӣ табдил дода, мухолифати онро бо манофеи миллиашон аз байн бурдаанд.

Агар масъалаи миллат ва гироишҳои миллиро дар таърихи тоҷикон аз назар гузаронем, пас ба давраҳои гуногуну

мутазоде дучор мешавем, ки гоҳе такомулу гоҳе таназзули ифтихороту ғурури миллиамонро мушоҳида мекунем. Дар ҷуғрофиёи зисти тоҷикон дар тӯли таърих ҳам ҳукуматҳои миллӣ ҳукмфармоӣ кардаанд ва ҳам ҳукуматҳо аз ақвому нажодҳои бегона. Даврони пуршаҳомати абардавлатҳои Ҳахоманишиён, Ашкониён, Сосониён ва давлатҳои Сафориёну Сомониён, Дайламиёну Ғуриён ва Сарбадорон давраҳои ифтихорбарангези таърихи миллати тоҷик аст. Аммо дар баъзе марҳилаҳои таърихие, ки дар сарзамини аҷдодии мо сулолаҳои юнонию мақдунӣ, арабӣ ва туркию муғулӣ ба сари қудрат омаданд, низоми арзишҳои миллии мо ба садама дучор шуд. Дар он марҳилаҳои тӯлонии бедавлатӣ забон, илм, адабиёт, ҳунар, ахлоқ, ҳофизаи таърихӣ ва дар маҷмӯъ фарҳанги миллиамон василаи ҳифзи ҳувийяти миллии мо буданд. Вале бо вуҷуди ин, азбаски давлат дар дасти бегонагон буд, фарҳанги миллии мо ва дар зимн ҳувийяту худшиносӣ ва огоҳии сиёсии мардуми тоҷик заиф шуд. Бинобар ин, бо эътибор ба чунин саҳнаҳои ҳувийятшикани миллат бояд гуфт, ки ташкил шудани Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун давлати миллии мустақил бояд чун як фурсат ва имкони бисёр муносиб, ё ба таъбири маъмул шонси таърихӣ барои дониста шавад. **Бо истифода аз ин фурсат мебояд фарҳанги миллиро, ки шаклдиҳандаи менталитет ва ахлоқи миллист, бозбинӣ ва ислоҳ кард, зеро нуқтазаъфҳои менталитети миллии мо маҳсули фарҳанг ва меъёрҳои тарбиятии мост.**

Давлатҳои миллии тоҷикон, ки пас аз истилои араб ба вуҷуд омаданд, аз ҷумла давлатҳои Сафориёну Сомониён ва Дайламиён, маҳз дар заминаи эҳё ва устувор шудани мавқеи унсурҳо ва арзишҳои миллӣ, бахусус фарҳанг ва забони тоҷикӣ ва ҳамчунин хотираи ифтихорбарангези давлатдориҳои бузурги пешазисломии мардуми ориёитабор

таъсис ёфтанд. Мавҷудияти кунунии тоҷикон ба ҳайси як миллат ва воҳиди мустақили этнофарҳангӣ низ маҳз ба зинда мондани ҳамин хусусиятҳо ва арзишҳо вобаста аст. Бинобар ин, пояи ҳастӣ ва меҳвари маънавию фарҳангии миллат ва давлатдории миллии тоҷикон на дин, балки арзишҳои миллӣ, забон ва фарҳанги бостонӣ, муқаддасот, ҳофизаи таърихӣ, расму оинҳои миллӣ, ба вижа таърихи давлатдориҳои пуршукуҳи аҳди бостони мардуми ориёитабор аст. Аммо дар тӯли таърих бинобар зеҳниятсозиҳои диниву мазҳабӣ дар низоми арзишҳои мардуми мо арзишҳои миллӣ ҷойгоҳи худро аз даст дода, арзишҳои динӣ авлавият пайдо кардаанд. Дар натиҷа дидгоҳ, меъёрҳои қазоват ва ҷаҳонбинии мардуми мо бештар хусусияти динӣ касб намуданд ва ин вазъият то ба имрӯз идома дорад. Чунин ҳолат боиси осебпазирии миллӣ шуда, имрӯз заминаи мафкуравиро барои пазириши ақидаҳои бегона, худбаҳодиҳии манфии миллӣ ва ҳатто худситезӣ фароҳам овардааст. Ислоҳи чунин вазъияти барои амнияти миллӣ ва бақои миллат таҳдидовар низ ниёз ба татбиқи сиёсати ягонаро дар ин самт дорад.

Дастёбӣ ба истиқлоли сиёсӣ, эҳёи дигарбораи давлатдории тоҷикон ва таъсиси Ҷумҳурии Тоҷикистон тақозо мекунад, ки мо аз ҷанбаҳои мусбати таърихи гузашта самаранок истифода бурда, аз нуқтазаъфҳо ва саҳнаҳои фоҷеабори он сабақ гирем. Ҷумҳурии Тоҷикистон ба унвони давлати миллии мустақил бояд ҳамчун муҳимтарин дастоварди таърихӣ ва омили бақои миллати тоҷик эътироф гашта, ҳифзу тақвияти он вазифаи муҳими ҳар шаҳрванди кишвар ҳисоб шавад.

Инак, ба равшанӣ пайдост, ки шароити замони муосир ба хотири ҳифзи бақо ва рушди миллӣ тақозо мекунад, ки рӯҳониёни кишвари мо низ шинохти дақиқтари ҷаҳону муборизаҳои геосиёсӣ ва роҳҳои дурусти рушди кишварҳои худро дарк намуда, дидгоҳҳои куҳна ва ба ҷаҳони имрӯза

номувофиқро бозбинӣ кунанд ва бо назардошти манофеи миллӣ мавқеъгирӣ намоянд, на бар асоси таассуби диниву мазҳабӣ. Вале рӯҳониёни мо, мутаассифона, нисбат ба арзишҳову манофеи миллӣ аксаран мавқеи бетарафона мегиранд ва ҳатто дар баробари онҳо мухолифат низ нишон медиҳанд.

Дар таълимоти исломӣ мафҳуми "миллат" маънои динию идеологӣ дошта, ба мазмуни этно-фарҳангӣ ва ҳуқуқӣ-сиёсии имрӯзаи он мувофиқат намекунад. Таърих гувоҳ аст, ки шикасти давлати Сомониён, тақсимоти миллӣ-ҳудудӣ дар солҳои 20-уми садаи XX аз ҷониби давлати Шӯравӣ ва вазъияти мураккаби имрӯзаи тоҷикони бурунмарзӣ дар сатҳи минтақа аслан пайомади заъфи ҳувийяти миллӣ ва шуури сиёсии миллат мебошад. Ин тарзи ҷаҳонбинӣ дар зеҳни оммаи тоҷик нуфуз кардааст ва дар шароити кунунӣ низ метавонад бар зарари манфиатҳои миллӣ бианҷомад.

Дар вазъияти мураккаби геосиёсии кунунӣ давлатҳои абарқудрату тавсеаталаб дар қаламрави давлатҳое, ки ҷаҳонбинии мардумаш динист, аз дин ва идеологияи динӣ ҳамчун абзори зеҳниятсозӣ ба нафъи худ истифода мекунанд. Таърихи гузаштаву имрӯзи миллати мо исбот мекунад, ки аксари ходимони динӣ дар лаҳзаҳои барои миллат ҳассос мавқеъгирии миллӣ надоштаанд ва аз арзишҳову манофеи миллӣ ҳимоят накардаанд. Воқеаҳои охири садаи гузаштаи кишварамон низ далели ин гуфтаҳост. Чунин мавқеъ гирифтани рӯҳониёну ходимони дину мазҳаб ва пайравонашон дар воқеъ омили осебпазирии амнияти миллӣ ва дар зимн истиқлоли сиёсии давлати миллии мост. Такягоҳи асосии истиқлоли сиёсии миллат истиқлоли зеҳнӣ ва ақидатии он аст.

**Ҳар миллате, ки зеҳнияту ҳувийяти онро дигарон бо назардошти манофеи худ сохтаанд, бидуни ҳеҷ шакке бар**

**хилофи манфиатҳои миллии худ амал мекунад. Муқобилгузории арзишҳои миллӣ ва динӣ ва авлавият додани дувумӣ нисбат ба аввалӣ аз тарафи рӯҳониён бухрони ҳувийятиро дар шуури ҷамъиятии мо ба вуҷуд овардааст, ки бартараф кардани он яке аз вазифаҳои муҳими нухбагони миллат баҳри таъмини амнияту ваҳдати ҷомеа ва сарҷамъ кардани потенсиалҳои миллист.** Авлавият додан ба арзишҳои миллӣ ва татбиқи сиёсати ҳадафмандона дар ин самт кори хеле муҳимест, ки бояд аз тарафи давлат анҷом дода шавад.

Дину мазҳаб бо хусусияти ғайримиллӣ ва консервативӣ доштанашон наметавонанд василаи ҳифзи бақо ва рушду таҳаввули ҳамешагии миллат бошанд. Аз ин ҷиҳат дар замони муосир маҳз миллат ва ғояи миллӣ аст, ки махсусияти гурӯҳи иҷтимоие, ки дорои як забон, сарзамин, давлат ва эҳсоси шаҳрвандӣ мебошанд, нишон медиҳад.

Институти шаҳрвандӣ зуҳуроти нави таърихии миллат буда, яке аз нишонаҳои ҳастии миллат дар давлати муосир аст. Чунин фаҳмишро ҳам зарурати таърихиву талаботи ҷомеаи муосир ва ҳам таҳқиқоти илмӣ муайян мекунанд. Давлат барои миллат унсури муайянкунанда аст. Беҳуда нест, ки яке аз назарияпардозони шинохта М.Вебер миллатро ҷомеаи инсоние донистааст, ки дар асоси умумияти забон, одатҳо, сарнавишти муайяни таърихӣ барои сохтани давлати худ талош мекунад. Дар замони муосир, ки мубориза ҳои геосиёсӣ дар ҷаҳон беш аз ҳар вақти дигар афзудаанд, ҳар давлате ба иттиҳоду ваҳдати бештари шаҳрвандонаш ниёз дорад. Намунаи барҷастаи ин гуна иттиҳоди афрод гурӯҳи иҷтимоиест, ки ба миллат табдил шудааст.

Давлати миллӣ ва этникӣ шакли давлатдориест, ки собиқаи хеле куҳан дорад, намунаи антиқии ин гуна давлатдориҳо давлати Мисри бостон, Эронзамин, Ошур, Бобил, Чин, Ҳинд,

Юнону Мақдуния, Ҷопон, Мая ва амсоли инҳост. Ин навъи давлат хоси миллати муайян аст ва барои рушду нумуъ, иқтидору иззатмандии миллат, иқтисоду фарҳанги он мекӯшад. Маҳз давлати миллӣ таконбахши рушд, нигоҳбони миллати худ аст. Ба таъбири дигар, давлат васила ва дастгоҳи ҳифзи манофеи миллатест, ки онро таъсис додааст. Энтони Гидденс (с.т.: 1938) - ҷомеашиноси англис, ки яке аз мутафаккирони шинохтаи муосир аст, мегӯяд, ки **давлати муосир ва шакли ниҳоии давлат давлати миллӣ аст ва он вазифаи миллатсозиро ба уҳда дорад.** (*Энтони Гидденс, Сотсиология. М.1999. с.28*) Мақоми давлатро баъзе мутафаккирон ба ҳадде бардоштаанд, ки ҳатто пайдоиши миллати тамомаёрро ба пайдоиши он вобаста донистаанд. Ба фикри онҳо миллати воқеӣ он вақт пайдо мешавад, ки агар гурӯҳҳои этникӣ сарҷамъ гашта, барои бунёди давлати миллии соҳибистиқлол мубориза баранд ва онро ташкил диҳанд. Маҳз дар замони ба истиқлоли сиёсӣ расидани қавм (халқ, миллат) ва расмиву давлатӣ гаштани забони он омилҳое ба вуҷуд меоянд, ки гурӯҳи этникӣ ва қаламрави зисти онро (ба шумули ақаллиятҳои миллии дигар) ҳамчун сарзамин ва давлате муттаҳид карда, заминаи ташаккули миллатро фароҳам месозад. Маҳз ҳамин омил василаи ба раванди сиёсӣ табдил шудани андешаи миллӣ мегардад. *(Геллмер Э. Нации и национализм. М.1991. с.89)*

Чунонки қаблан гуфтем, **давлати миллӣ низоми мустақили давлатдориест, ки чун ташкилоти олии сиёсии як миллат ташаккул ёфта, ормонҳову арзишҳои миллат, манфиатҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва моддию маънавии онро ифода ва ҳимоя мекунад. Давлати миллӣ абзори ҳифзи манофеи миллӣ буда, бо ҳимояи арзишҳову манфиатҳои миллат бақои этнофарҳангӣ ва ҳувийяти онро таъмин менамояд.**

Сарнавишти минбаъдаи миллати тоҷик ва аз ҷумла масъалаи бақои сиёсӣ, миллӣ ва тамаддунии он маҳз ба ҳифзу тақвияти давлати миллӣ вобаста буда, дар ин раванд давлат ҳамчун шароити сиёсию таърихӣ ва зарфи нигоҳдорандаи миллат аҳаммияти ҳаётӣ пайдо кардааст. Бинобар ин, ҳифзу тақвияти давлати миллӣ муҳимтарин манфиат ва вазифаи миллати тоҷик дар замони муосир ба ҳисоб меравад. Зеро дар сурати заиф шудан ё аз даст рафтани давлатдории миллӣ худи мавҷудияти миллати тоҷик бо хатари ҷиддӣ дучор мешавад. Дарки ҳассосияту аҳаммият ва дарёфти роҳҳалҳои ин масъала бояд бо воситаи татбиқи идеологияи миллӣ ба унсури муҳимми ҷаҳонбинии ҳамаи қишрҳои ҷомеа табдил дода шавад.

Давлати миллӣ дар зеҳни шаҳрвандон бояд ҳамчун сарпаноҳ, такягоҳ ва ҳимоятгари ҳуқуқу озодиҳояшон нақш баста, барои таҳкими ҳамдилии мардум ва давлат тамоми мақомоти давлатӣ бояд ба вазъи иҷтимоии зиндагии аҳолӣ, таъмини зиндагии шоистаи шаҳрвандон ва ҳимояи ҳуқуқҳои онҳо дар дохил ва хориҷи кишвар таваҷҷуҳи аввалиндараҷа зоҳир намоянд. Дар ин самт бояд  ҳама гуна амалкардҳои номатлуби хизматчиёни давлатӣ, аз ҷумла сӯиистифода аз ваколатҳои хидматӣ, фасодкорӣ, тамаъҷӯӣ, таассуби динию хурофотӣ, маҳалгароӣ ва ғ., ки дар байни мардум ва давлат фосила эҷод карда, боиси худӣ эътироф нашудани давлати миллӣ аз тарафи миллат мешаванд, ба таври қатъӣ пешгирӣ карда шаванд.

Аксари равияҳои ғоявии Ғарб, хусусан модернизм дуршавӣ аз дингароӣ ва секуляризмро барои ташаккули миллат муҳим мешуморанд. Бисёр муҳаққиқон ин нуктаро таъкид мекунанд, ки ҳудуди давлат бояд ба ҳудуди фарҳангӣ ва забонӣ, яъне ба ҳудуди миллати унвонӣ мутобиқояд. *(Геллмер Э. Нации и национализм. М.1991. с.89)* Азбаски динҳои тавсеаталаб, ё ба

таъбире "ҷаҳонӣ" динҳои уқбогаро ва инкоркунандаи миллатанд, дар миллатсозӣ онҳо наметавонанд, таъсири мусбат дошта бошанд. Миллатсозӣ кори дунявӣ аст, ба сиёсат, фарҳанги дунявии миллат, ба фаъолияти давлати миллӣ алоқаманд аст. Адёни тавсеаталаб, ё ба таъбире ҷаҳонӣ (ва ба вижа ислом) на фақат масъулияти миллатсозиро ба зимма намегирад, балки онро усулан инкор мекунад. Аммо динҳои миллӣ дар ин самт метавонанд таъсири мусбат дошта бошанд, ба мисли дини яҳудӣ, динҳои чинӣ, дини ҷопонӣ ва ғайра, зеро дар онҳо дин ва манофеи миллӣ бо ҳам созгоранд. Дини ислом барои арабҳо дини миллӣ мебошад ва барои ҳифзи асолату манфиатҳои онҳо, алалхусус ҳифзу тарғиб ва интишори забону фарҳанги араб метавонад мусоидат кунад. Он аз рӯи моҳияти худ наметавонад омили муассири миллатсозӣ барои тоҷикон бошад. Бинобар он, барои тоҷикон ва ташаккули ҳувийяти миллӣ дар Тоҷикистон арзишҳои миллӣ, ҳофизаи таърихӣ, таърихи пурифтихори давлатдориҳои бостонии тоҷикон, урфу одату расму оинҳо ва дигар унсурҳои фарҳанги асили миллиамон метавонанд ҳамчун омили бунёдӣ хизмат кунанд. Аз дигар тараф, мо бояд ҷаҳонбинию ҷаҳонфаҳмии худро бар асоси илм, хусусан илми муосир бино кунем ва пеши роҳи интишори ҳама гуна таассуби диниеро, ки монеи рушди миллат мегардад, бигирем.

Абзори муҳиме, ки барои мо дар миллатсозию давлатсозиямон метавонад хизмат кунад, осори адибону мутафаккирони гузашта мебошад. Муҳимтарини он осори адибону мутафаккироне аст, ки мавқеъгирии илмӣ, миллӣ ва хирадмеҳвар доштанд. Рӯдакиву Фирдавсӣ, Асадии Тӯсӣ, Синоюю Абубакри Розӣ, Абурайҳони Берунию Ибни Ровандӣ намунаи барҷастае аз ин қабил адибону мутафаккирони миллатанд.

Дар баробари ин, бояд заминаҳои муосири рушди миллиро бино сохт. Ин заминаҳо иқтисодию сиёсӣ ва маънавию фарҳангӣ мебошанд. Тарбияи насли ҷавони миллатдӯсту ватанпарвар дар асоси ин заминаҳо аз муҳимтарин вазифаи мост. Низоми маорифи ҷумҳурӣ, ки аз рӯи Конститутсия низоми дунявӣ ва миллӣ аст, бояд тамоми кори худро мувофиқи ҳамин талабот сохта, дар зеҳни хонандагону донишҷӯён ҷаҳонбинии илмӣ ва андешаи миллиро ташаккул диҳад, шуури онҳоро дар ҳамин замина ташаккул дода, маводу барномаҳои таълимиро ба он мувофиқ созад. Китобҳои дарсиро аз хурофот ва идеологияе, ки бо андешаи миллӣ номувофиқ аст, поксозӣ намояд. Мутаассифона, ҳоло низоми маорифи кишварамон ин вазифаи бошарафи худро дар сатҳи зарурӣ иҷро накарда истодааст. Барои иҷрои ин кор ҳар чӣ зудтар ислоҳоти лозимаро амалӣ сохтан зарур аст.

Дар замони ҳозира бисёр миллатҳое ҳастанд, ки аз қавмҳои гуногун иборат буда, дар муҳити ҷуғрофӣ, сиёсию фарҳангӣ миллати ягонаро ташкил додаанд. Аз ин ҷо метавон хулоса баровард, ки миллат мавҷуди биологӣ нест, ташаккули миллат ҳодисаи иҷтимоӣ-таърихӣ аст. Дар воқеъ, бисёр миллатҳои муосир на танҳо аз қавмҳои ҳамхун ташкил наёфтаанд, балки баъзеи онҳо ҳатто аз нажодҳои гуногун, мисли миллати амрикоӣ, иборатанд. Миллатҳои гуногун метавонанд дар дохили як давлат зиндагӣ кунанд, мисли Россия. Маҳз ягонаи забон, қаламрави зист, низоми иқтисодию сиёсӣ, анъана ва суннатҳои фарҳангӣ, психология ва ғайра умумияти миллиро ба вуҷуд меоваранд.

Ташаккули миллат ба хусусияти замон ва давраи таърихӣ алоқаманд аст. Барои ҳамаи миллатҳо дар ҳар сурат он чиз хос аст, ки онҳо бо ҳам дар асоси ҳадафҳо ва ғояҳои умумӣ муттаҳид шудаанд. Ҳувийяти миллии теъдоде аз миллатҳои Осиёю Африқо дар мубориза бо кишварҳои тавсеаталабу

истеъморгари замони худ шакл гирифтааст ва заминаи иттиҳоду ҳамбастагии онҳо амалан хусусияти сиёсӣ дорад. Ин пеш аз ҳама ба он марбут аст, ки чунин миллатҳо давлати худро дар натиҷаи муборизаи зидди мустамликадорӣ ва омилҳо вобаста ба он ташкил додаанд. Онҳоро ғояҳои озодӣ ва истиқлолталабӣ муттаҳид сохтааст. Дигар он ки ин миллатҳо дар ҳудуди собиқ метрополияҳо ташаккул ёфтаанд, ки асоси муттаҳидшавии онҳо гузаштаи мустамликавии онҳост ва ҳувийяти миллии онҳо вобастаи давлати миллии онҳост, ҳол он ки миллатҳои аврупоӣ дар асоси ҳувийяти миллӣ давлати миллӣ сохтаанд. Яъне дар чунин мавридҳои истисноӣ бунёди давлатҳои мустақили миллӣ, ки ҳатто дар баъзе ҳолатҳо барои сурат гирифтани ин кор омилҳои хориҷӣ низ таъсиргузор буданд, заминаи ташаккули миллат гардидааст. Пас, яке аз шартҳои ташаккули миллат дар ин кишварҳо истиқлол ва таъсиси давлат будааст.

Истиқлол чун омили худшиносии миллӣ дар илм дер боз маълум аст. Ҳанӯз Жан Боден (1530-1596) истиқлолро ҷузъи ҳокимияти расмӣ донистааст. Ин мафҳум ҳам дар нисбат ба давлатдорҳои аҳди бостон ва ҳам муосир ҷой дорад. Мустақилият бо мафҳуми "машруият" пайваст аст. Азбаски моҳияти "зӯроварӣ"–и давлатро машруияти он ташкил мекунад ва ба фикри Макс Вебер монополияи "зӯроварӣ"–и машруъ (легитимный)–ро дорад, пас сатҳи машруияти зӯроварии давлати миллии муосир аз дараҷаи машруият ва пазириши он давлат дар сатҳи умумимиллӣ вобастааст.

Миллатдӯстӣ ва меҳанпарастӣ моҳияти идеологияи давлати миллиро ташкил мекунад. Дар ин маврид умумияти иҷтимоӣ ба назар гирифта мешавад, ки давраҳои гуногуни рушди худро аз сар гузаронидааст. Масалан, дар асри XVIII мафҳуми "миллат" дар таҳқиқоти зиёде таърифи худро пайдо кардааст. Таърифи нисбатан аниқи онро И. Кант баён кардааст

ва фарқияти “халқ”–у “миллат”–ро додааст. Ба гуфтаи ӯ, зери мафҳуми “халқ” (populus) умумияти одамони зиёде, ки бо ҳам муттаҳиданд, фаҳмида мешавад ва қисмате аз он, ки худро ба ҳам пайваст ва як умумияти томи шаҳрвандӣ дониста, дар назди ҳамдигар масъулият мепазиранд, миллат мебошанд. Он қисматеро, ки худро берун аз ин мансубият ва масъулияти шаҳрвандӣ медонанд, “тӯда”-анд, инҳо рафторе доранд, ки сазовори шаҳрвандӣ нест.

Жан Жак Руссо ин ғояро такмил дода, миллатро бо давлат мушобеҳ медонад. Дар ин замина миллат ҳамчун “ҷомеаи сиёсӣ” дониста шудааст. Ин тағйироти демократӣ тағйироти амиқеро дар ҳувийяти аҳолӣ ба вуҷуд овард. Минбаъд зери таъсири инқилоби Фаронса миллат чун халқи дорои истиқлол фаҳмида мешавад. Инқилобиёни фаронсавӣ вафодории худро бо ватан таъкид кардаанд. Ҳарчанд забони фаронсавӣ забони тамоми аҳолии Фаронса набуд, вале онро чун забони расмии давлатӣ қабул карданд ва маҳз аз ин сабаб баъдан он фарогир шуд. Аксари деҳқонон қаламрави Фаронсаи кунунӣ худро фаронсавӣ намедонистанд, танҳо дар асри XX онҳо фаронсавӣ шуданд. Ин ҳодиса танҳо хоси Фаронса нест. Дар Италия ҳам баъди муттаҳидшавии кишвар дар соли 1870 забони давлатиро қисми ниҳоят ками аҳолӣ истифода мекарданд. Муттаҳидшавии қисматҳои гуногуни Италия бо зиёдшавии истифодаи забони давлатӣ (итолёвӣ) ҳамроҳ буд ва ин кор дар асри XX ба анҷом расид. Айнан ҳамин ҳолатро дар марҳилаи мазкури таърихӣ дар Русия низ метавон мушоҳида кард. Раванди русификатсия (русикунонӣ) дар ин кишвар асосан дар ҳамин даврон оғоз шуда буд.

Жозеф Эрнест Ренан(1823-1892) , ки аз муҳаққиқони маъруфи соҳаи миллатшиносист, вижагиҳои равонии миллатро муҳимтарин унсури миллатсоз донистааст. Ӯ таҳқиқоти худро дар ростои шинохти миллат чунин

натиҷагирӣ мекунад: "Мо дидем, ки нажод, забон, манфиатҳо, ҳамтабории динӣ, ҷуғрофиё ва талаботи ҳарбӣ барои бунёди чунин принсипи маънавӣ (яъне миллат) нокифоя аст. Боз чӣ лозим аст?" Ренан дар посух ба ин суол чунин мегӯяд: "Миллат рӯҳ ва принсипи маънавист. Ин ду моҳияти ягона доранд ва рӯҳу моҳияти маънавиро ташаккул медиҳанд... Гузаштаи пурифтихор, одамони бузург сармояи муҳимест, ки дар асоси он идеяи миллӣ ташаккул меёбад". Дар идома ин намояндаи машҳури мактаби конструктивизм мегӯяд: "Миллат на гурӯҳест, ки бо ҷуғрофиёи зист муайян карда мешавад, балки принсипи рӯҳӣ ... ва оилаи рӯҳӣ мебошад". *(Эрнест Ренан "Что такое нация?"// Ренан Э. "Собрание сочинений в 12-ти томах. Перевод с французского под редакцией В.М.Михайловского. Т.6. Киев, 1902. стр.101.)*

Мафҳумҳои "миллат" ва "рушди миллӣ" бо мафҳуми "давлат" иртиботи мустақим дорад. Дар Олмон миллат органи давлат дониста шуда, он ба давлат тааллуқ дошт. Фаронсавиҳо бошанд муҳимтарин нишонаи "миллат – давлат"-ро соҳибихтиёрӣ медонистанд. Агар барои фаронсавиҳо миллат дар муборизаи сиёсӣ шакл гирифта бошад, дар Олмон он падидае дониста мешуд, ки дар асоси умумияти забону фарҳанг бунёд шудааст. Баъзе назарияпардозони муосир миллатро умумияти таърихии дорои забони умумӣ, сарзамини муайян, ҳаёти иқтисодӣ ва психологияи хос, ки дар фарҳанги онҳо инъикос шудааст, донистаанд ва ҳеҷ як аз ин хусусиятҳо ба таври алоҳида, ба қавли онҳо, барои миллат шудани гурӯҳи иҷтимоӣ кофӣ нест.

Дар шуури одамон миллат ҷомеаи ягона, сарфи назар аз нобаробарии иҷтимоие, ки дар он ҳаст ва ҳамчунин чун ҷомеаи сиёсӣ намоён мешавад ва худро ба воситаи институтҳои иҷтимоӣ, ки барои ин ҷомеа хизмат мекунанд ва муҳимтарини он давлат мебошад, нишон медиҳад. Дар ин

маврид метавон миллатро чун ҳодисаи мураккаби дорои омилҳои фарҳангӣ, тамаддунӣ, сиёсӣ ва психологӣ донист, ки ҳар яке аз ин омилҳо хусусияти худро доранд:

- аз нигоҳи фарҳангӣ миллат умумияти одамоне аст, ки дорои одатҳо, забон ва сарнавишту ҳофизаи умумии таърихӣ мебошанд. Яъне аз назари объективӣ миллат умумияти фарҳангие аст, ки бо як забон гуфтугӯ мекунад ва анъанаву одатҳо ва таърихи умумӣ дорад;
- аз нигоҳи сиёсӣ миллат умумияти одамоне аст, ки худро чун ҷомеаи муттаҳидшудаи сиёсӣ дониста, пайваста барои ташкил, ҳифз ва рушди давлати худ талош доранд ва ин ҷомеа худшиносиву масъулиятшиносии шаҳрвандии худро дорост. Яъне аз назари субъективӣ миллат иборат аз одамоне аст, ки ихтиёран худро ба як гурӯҳи иҷтимоӣ мансуб дониста, ҳадафҳои ягонаи сиёсиро пайгирӣ мекунанд;
- аз нигоҳи психологӣ миллат умумияти одамонест, ки бо ҳам алоқаманд буда, дорои характер ва менталитети ягона мебошанд.

Пас, миллат ягонагии омилҳои объективӣ ва субъективӣ, пайванди нишонаҳои фарҳангиву таърихӣ, иҷтимоиву сиёсӣ ва психологӣ мебошад.

Ғояи он ки миллат амалан умумияти сиёсӣ аст, на умумияти этникӣ, аз ҷониби гурӯҳе аз назарияпардозони муосир дастгирӣ мешавад. Масалан Эрнест Хобсбаум(1917-2012)-муаррихи англис давлатро барои миллат зарур шумурда, рамзҳои давлатӣ, аз ҷумла суруди миллӣ, парчам ва ниҳодҳои маъмурии миллиро муҳим мешуморад. Ин қабил муҳаққиқон бештар ба он такя мекунанд, ки миллат агар организми сиёсӣ бошад, пас он кушода аст, маҳдуд нест ва аз нигоҳи талабот ба баъзе вижагиҳои ягонаю умумӣ, аз ҷумла дин ва мансубияти этникӣ вобаста намебошад. Муҳимтарин

ҷанбаи шуури миллӣ талаби сиёсии миллат барои бунёди давлати худ ва ҳифзу рушди он аст.

Пас, хулоса баровардан мумкин аст, ки миллату сиёсат (давлат) бо ҳам пайванди зич доранд ва ҳам барои миллат ва ҳам барои давлат забон, фарҳанг, сарнавишти ягонаи таърихӣ ва психологияи умумӣ ё менталитети миллӣ зарур будааст.

Миллати тоҷик имрӯз давлати миллии худро дорад ва баҳри таҳкими он талош мекунад. Таърихи давлатдориҳои тоҷикон марҳилаҳои пурпечутоби таҳаввулу ташаккулро аз сар гузаронидааст, ки онҳо барои миллат ҳам сабақомӯз ва ҳам воситаи ангезабахши рушд мебошанд.

Ибтидои ташаккули он ба бунёди давлатҳои соҳибиқтидор алоқаманд будааст, ки аз рӯи ривоятҳо ва низ сарчашмаҳои таърихӣ ба аҳди бостон рафта мерасад ва аз давлатдории Ҷамшеди устуравӣ ва Бохтари таърихӣ (Пешдодиёну Каёниён) оғоз меёбад. Қобили зикр аст, ки давлати устуравии Ҷамшед, ки аз он дар яке аз қадимтарин осори хаттии мардуми ҷаҳон-Авасто ёд шудааст, аз аввалин намунаҳои давлатдории дунявӣ дар фарҳанги башарист. Намунаи таърихии давлати дунявӣ низ дар фарҳанги миллии мо собиқаи хеле тӯлонӣ дорад ва ҳадди ақал аз замони ҳукмронии Куруши Бузург шурӯъ шудааст. Маншури ҳуқуқи башари Куруш, ки кафолати озодии эътиқод, баробарии ҳуқуқи халқҳо ва манъи бардадориро медод, на фақат дар қиёс ба фарҳанги мардумони аҳди антиқаи ҷаҳон, балки дар муқоиса ба муқаррароти байналмилалии ибтидои асри XX низ хеле пешрафта аст. **Аз ин рӯ, бояд дар назар дошт, ки яке аз падидаҳо ва арзишҳои муҳими тамаддуни миллии мо, ки дар таърихи башар камназир аст, фарҳанги дунявият мебошад.** Аз ин аст, ки миллати тоҷик баъди ба даст овардани истиқлоли давлатӣ аз тариқи раъйпурсии умумихалқӣ бо

қабули Конститутсияи худ барои навъи давлати мардумсолору ҳуқуқбунёди дунявӣ раъй дод.

Шакли дунявии давлатдорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар заминаи таҷриба ва махсусиятҳои рушди таърихӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ, арзишҳо ва ормонҳои миллати тоҷик ва амалияи пешрафтаи ҷаҳонӣ дар ин самт интихоб шудааст. Пойдевори давлати дунявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси раъйи мардум ба воситаи Конститутсия гузошта шуда, дар моддаи 1-уми он дунявӣ будани сохтори давлатдории Ҷумҳурии Тоҷикистон сабт гаштааст. Хусусиятҳои дунявии давлат дар бандҳои 5, 8, 17, 26, 28 ва 100-уми Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври меъёрӣ муайян шуда, тағйирнопазирии он дар моддаи 100-ум таъкид мегардад. *(Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, саҳ. 3-21)*

Давлати дунявӣ низоми сиёсию ҳуқуқии давлатдориест, ки дар он сарчашмаи ҳокимияти давлатӣ худи халқ буда, муносибатҳои ҷамъиятӣ дар асоси раъйи умум, қонунҳо ва меъёрҳои ҳуқуқии дунявӣ танзим мегарданд. Дар низоми давлатдори дунявӣ арзишҳо, таълимот ва иттиҳодияҳои динӣ дар фаъолияти ҳокимияти сиёсӣ, мақомоти давлатӣ ва шахсони мансабдори он, низоми маориф ва соҳаҳои дигари ҳаёти ҷамъиятӣ таъсир ва мақоми муайянкунанда надорад. Шаҳрвандон новобаста ба мансубияти динӣ ва пайравӣ кардан ё накардан ба ягон дин дар назди қонун баробарҳуқуқанд ва иттиҳодияҳои динӣ аз давлат ҷудо буда, ҳаққи мудохила ба кори онро надоранд.

Дар давлати дунявӣ муносибати дин ва давлат дар асоси меъёрҳои шаҳрвандӣ танзим мегардад ва қарорҳои мақомоти давлатӣ асосноккунии диниро талаб намекунанд. Давлати дунявӣ ба дин, фаъолияти иттиҳодияҳои динӣ ва пайравони дин мухолифат надорад ва дар доираи қонунгузорӣ барои

қонеъ кардани ниёзҳои эътиқодии шаҳрвандон имкон ва шароит медиҳад.

Ҷудо будани иттиҳодияҳои динӣ аз давлат монеи ҳамкории мутақобилаи онҳо нест ва ҷудоии дин аз ҳаёти ҷомеа маънои бетарафии диндоронро нисбат ба ҳифзи бақои миллату давлат ва рушди миллӣ надорад. Низоми дунявӣ тафовути байни вазифаҳои давлат ва ташкилотҳои диниро муқаррар менамояд.

Дар давраҳои ҳукмронии шоҳигариҳои миллӣ, хусусан давраҳои Ҳахоманишиҳою Сосониҳо иттиҳоди мардуми ориётабори қаламрави Эронзамини таърихӣ, ки тоҷикон низ бахше аз он буданд, хеле устувор гардид ва ин боиси ягонагию рушди маънавиёти онҳо шуд. Давлатҳои соҳибиқтидори аҳди бостони ниёгонамон ба таҳкими иттиҳоди мардуми ориёитабор чун мардуми соҳибмаърифату соҳибтамаддун кумак кард. Давраи ҳукмронии Куруши Кабир-императори бузурги эронитаборон (тоҷикон) давраи авҷи шукуфоии тамаддуни мардуми эронитабор буд. Он на танҳо намунае аз тамаддуни пешрафтаи ин мардум, балки нишонаи ташаккули низоми давлатдории дунявии миллати мо мебошад, ки баъдҳо дар тамоми тӯли таърихи ин сарзамин асл ҳои низоми мазкур намунаи пайравӣ дар умури давлатдорӣ будааст, новобаста ба он ки дар сари қудрат намояндагони мардуми мо буданд ва ё бегонагон. (*Ксенофонт, «Киропедия», Москва, издательство «Наука», 1976.–С.240, стр.7-10)*

Ҳувийяти этникии гузаштагони мо дар хислатҳои психологиву тарбиятие чун ватандӯстӣ, шуҷоату силаҳшӯрӣ, ростгӯиву росткорӣ, шарофатмандиву масъулиятшиносӣ ва ғайра ифода меёфт.

Аммо ин рушду нумуъ баъди ҳуҷуми Искандари Мақдунӣ ва аз ҷониби юнониҳову мақдуниҳо истило шудани Эронзамини таърихӣ то муддате аз байн рафта, рукуди

маънавию иқтисодӣ ин сарзаминро фаро гирифт. Дар ин марҳилаи таассуфбори таърихӣ давлати қудратманди Ҳахоманишиён, ки тамоми мардуми эронитаборро муттаҳид мекард, завол ёфта, фарҳанги ориёӣ рӯ ба таназзул ниҳод, то замоне, ки дубора ин мардумон қомат рост карда, аз тасаллути юнониҳову мақдуниҳо озод гардиданд ва давлатҳои худро бо унвони Порт(Парфия,Паҳлавӣ) ва Кушониён бунёд намуданд. Баъди бунёди давлатҳои худӣ иттиҳоди мардуми ориёнитабор боз қувват пайдо кард. Дар давраи шоҳаншоҳии Сосониён, ки аксари сарзаминҳои зисти ниёгони мо таҳти як низоми сиёсиву маъмурӣ фаро гирифта шуданд, рушди фарҳанг, забон, маънавиёти мардуми эронитабор дигарбора авҷ гирифта, шуҳрати азбайнрафтаи онҳо барқарор гардид. Шаҳрҳо бунёд шуда тамаддуни ин мардум аз нав шуҳрати ҷаҳонӣ пайдо кард, ки то кунун боиси ифтихори мо-ворисони онҳост. Ибни Халдун маҳз ҳамин воқеиятро дар назар гирифта, мегӯяд, ки "низоми сиёсии эрониён ин сиёсате бар ваҷҳи ҳикмат аст, яъне низоме аст, ки мутобиқ бо таълими фалсафаи сиёсӣ бошад[1]". Дар солҳои охири шоҳаншоҳии Сосониён омили муҳими ҳифзкунандаи ҳувийяти этникӣ, ки давлат ба шумор мерафт, ба тадриҷ заиф шуд. Ин давлати дар гузашта мутамарказу муқтадир бинобар ҷангҳои тӯлонии хориҷӣ ва низоъҳои дарбориву дохилӣ қудрату тавоноии худро аз даст дода, ба парешонию заъф дучор гардид. Ҳокимони қисматҳои гуногуни он аз итоат ба марказ саркашӣ мекарданд, қисме аз онҳо худро мустақил медонистанд. Дар натиҷа қудрату тавоноии давлат хеле коҳиш ёфт. Маҳз дар робита ба ин вазъи нобасомони давлати Сосониён арабҳо тавонистанд, ки Эронзаминро марҳила ба марҳила аз соли 636 то соли 730, яъне дар муддати қариб 100 сол тасарруф кунанд. Сарзамине, ки халқи мутамаддине дошт ва яке аз марказҳои тамаддуни ҷаҳонӣ ба ҳисоб мерафт, зарбаи ҳалокатбореро

таҳаммул кард. Фотеҳон илова ба дини нав ҳамчунин фарҳанги худро низ ба дӯши мардуми бумӣ таҳмил мекарданд. Ба ҳамаи осори фарҳангии мардуми ориёитабор, аз ҷумла ба забони тоҷикӣ низ хатари нобудшавӣ таҳдид мекард. Арабҳо мехостанд на фақат дини нав, балки расму оинҳо ва забонашонро низ ба мардуми кишварҳои забткардаи худ таҳмил намоянд ва ин кор ба онҳо қисман муяссар шуд. Тамаддуну забонҳои мардуми Шимоли Африқо, Бобул, Ошӯр, ки аз ҷумлаи мутамаддинтарин мардумони аҳди бостон буданд, ба куллӣ аз сафҳаи таърих зудуда шуданд. Ба забону фарҳанги мардуми эронитабор низ чунин хатар таҳдид мекард, вале татбиқи барномаи фарҳангзудоӣ ва ғайримиллӣ кардан (декултуратсия ва деэтнизатсия) дар мулки Эронзамин ба муҳоҷимон ба таври пурра муяссар нашуд. Бо вуҷуди ин муҳоҷимин бо баҳонаи интишори дини ислом қариб ҳамаи осори фарҳангии ин қавми мутамаддинро аз байн бурданд ва аз ҷиҳати идеологию арзишӣ ба онҳо на фақат дини нав, балки тадриҷан андешаю ҷаҳонбинии худро низ таҳмил карданд. Аммо чуноне ки далелҳои таърихӣ гувоҳӣ медиҳанд, арабҳо низ аз бисёр ҷиҳат таҳти таъсири фарҳанги форсӣ-тоҷикӣ монданд. Алалхусус дар самти маъмурияти ҷомеа ва пешбурди умури сиёсӣ онҳо мудели давлатдории эронитаборонро пазируфтанд ва ҳатто барои пешбурди умури давлатдорӣ ҳамеша аз нерӯи интеллектуалии мардуми форсу тоҷик истифода мекарданд. Дар самтҳои дигар, аз ҷумла дар умури диниву мазҳабӣ ва таҳияи асноди марбут ба он низ нақши фарзонагони эронитабор хеле муассир буд. Ба ҳамин сабаб бисёре аз муҳаққиқони ғарбию шарқӣ, аз ҷумла Эрнест Ренан(1823-1892) ва М. Иқбол(1877-1938) чунин мешуморанд, ки ислом иборат аз дини сомӣ ва фарҳанги эронӣ мебошад. Ҳувийят ва худшиносии қавии этникӣ сабаб гардид, ки мардуми мо баъди истилои араб чун мардуми

қибтиву бобулӣ ва даҳҳо қавмияту халқиятҳои Осиёи Ҷанубу Ғарбиву Шимоли Африқо бо вуҷуди табъизу фишори чандсадсолаи сиёсиву фарҳангӣ декултуратсия ва деэтнизатсия нашуданд. Ин ҳувийят ва худшиносии қавии этникӣ сабаби ҳаракату ҷунбишҳои миллӣ-озодихоҳонаи тӯлонии мардуми мо алайҳи тамомиятхоҳиҳои ғосибон шуда буд. Эътирозу муқовиматҳои мазкур ҷанбаҳои мухталиф дошт ва дар ҳама арсаҳои ҳаёти иҷтимоиву сиёсӣ, фарҳангӣ ва идеологӣ ифода шуда, тақрибан 200 сол давом кард ва оқибат боиси таъсиси давлатҳои нимамустақил ва мустақили Тоҳириён, Саффориён, Дайламиён, Сомониён ва Ғӯриён гардид. Дар маъхазҳои таърихӣ ва адабии форсиву арабии асрҳои миёна аз ин муқовимат ва ҷунбиши мардумию озодихоҳонаи ниёгонамон, ки дар вокуниш ба истилову истисмор ва табъизу тамомиятхоҳии аъроб сурат гирифта буд, ба унвони ҳаракати шуубия ёд мешавад. Чунонки дар боло ишора кардем, ҳаракати шуубия чандин самтро, аз ҷумла самти идеологӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ, адабӣ ва ғайраро дарбар мегирифт. Шӯришҳои Абумуслими Хуросонӣ(719-755), Синбоди Муғ(соли вафот: 755), Устод Сис(соли вафот: 766), шӯриши Сапедҷомагон ё исёни Муқаннаъ(776-783), Мозёри Коран(800-840), Бобаки Хуррамдин(795-838), Родмон пури Моҳак машҳур ба Яъқуби Лайси Саффорӣ(840-879), Мардовиҷи Дайламӣ(890-934) ва ғайра намунаҳои барҷастае аз шуубияи сиёсӣ буданд. Ба қавли муҳаққиқи рус Беляев Е.Н. ҷунбиши шуубия муборизаи иҷтимоию идеологии эронитаборон бар зидди арабҳо буда, таъкиди афзалияти мардуми Аҷамро бар арабҳои бадавӣ шиори худ қарор дода буд.*(Беляев Е.Н. Арабы, ислам и арабский халифат в средневековый Иран. М. 1966. С. 19)* Ин ҷунбиш ҷиҳати фарҳангӣ низ дошт. Асарҳои зиёде доир ба нақш ва ҷойгоҳи шоистаи фарҳангии мардуми эронитабор дар муқоиса ба фарҳанги араб ба вуҷуд

омад, аз ҷумла “Интисор-ул-аҷам мин-ал-араб”, “Фазл-ул-аҷам ала-л-араб”, “Масолиб-ус-сағир”, “Масолиб–ул-кабир”, “Ахбор-ул-фурс” ва ғайра. Ҳакимону донишмандоне, мисли Ибни Муқаффаъ, Ибни Ровандӣ, Аллома Шуубӣ, Абуубайда, Асмаъӣ, Абузайд Ансорӣ, Абуҳайён Тавҳидӣ, Исмоил бинни Ясори Нисоӣ, Дақиқӣ, Фирдавсӣ, Суҳравардӣ ва дигарон аз ҷумлаи шуубиёне буданд, ки дар арсаи ҳикмату каломи бадеӣ осори арзишманде аз худ боқӣ гузошта, дар зимн аз фарҳанг, арзишҳо, таърих, ҳувийят ва манофеи мардуми худ дифоъ карданд. Дар ин миён аз онҳое ҳам ёд бояд кард, ки бар зидди арабҳо ва табъизу тамомиятхоҳиҳои онҳо ба таври ошкоро мубориза накарда бошанд ҳам, бо пайравӣ аз мактабҳои гуногуни ғоявию фалсафӣ аз пуштибонӣ ва таблиғи фарҳанги ғайр худро дар канор гирифтанд. Аз ҷумла пайравони равияҳои фалсафии машшоия, риндия, асҳоб-ул-ҳаюло ва ғайра. Мутафаккирони бузурги эронитабор Закариёи Розӣ, Абунасри Форобӣ, Абуалии Сино, Ибни Мискавейҳ, Абурайҳони Берунӣ, Ал-Хоразмӣ, Умари Хайём ва дигаронро метавон мутааллиқ ба ҳамин гурӯҳ донист.

Дар ин давра осори адабиву таърихии зиёде ба вуҷуд омад, ки мазмунан мардуми эронитабор, тамаддуни онҳо, таърихи давлатдориҳо, корномаҳои қаҳрамонону паҳлавонон ва шоҳони бузурги онро васф менамуд. “Худойнома”, “Тоҷ”, “Корванд”, “Андарзҳои Бузургмеҳр”, “Аҳди Ардашер”, “Ҷовидон хирад”, “Фаҳлавиёти ҳазор афсона”, “Таронаи хусравонӣ”, “Ақовили маздоӣ”, “Гаршоспнома”, “Форснома” ва ғайра намунаҳое аз чунин осор аст. Дар ин росто бузургтарин шоҳкорӣ ва кохи пуршукуҳи фарҳанги эронитаборон “Шоҳнома”–и Фирдавсӣ мебошад, ки ғояи меҳварии он меҳанпарастӣ аст.

Аз дидгоҳи муҳаққиқону таърихнигорони пешину муосир мафҳуми «тоҷик» бо мафҳумҳое чун «эронитабор», «форс»,

«ориёитабор» мазмунан айният дорад. Ҷуғрофиёи зисти тоҷикон хеле васеъ буда, он бо қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳдуд намешавад. Муаллифи китоби машҳури «Таърихи табиии олам» Пичард, ки ҳанӯз соли 1844 нашр шуда буд, менависад, ки «дар Эрон, дар шаҳрҳо ва атрофи он асосан халқи аслии эронӣ сукунат доранд, ки дар ҳама ҷо на форс, балки тоҷик номида мешаванд. Тоҷикон хеле зебосимо мебошанд» (с.69-90). Дар сарчашмаҳое, ки сухан дар бораи форс меравад, аз ҷумла тоҷикон низ дар мадди назаранд ва арбоби фарҳанги ҷаҳонӣ тоҷиконро ҳамчун як мардуми фарҳангиву тамаддунсоз шинохтанд, ки аз зеҳнияти баланди созанда доштани онҳо дар гузашта шаҳодат медиҳад.

Донишманди аврупоӣ Карл Ясперс тоҷиконро ба шарофати ҳамон фарҳанги тоисломӣ, ба хусус таълимоти фалсафӣ-ахлоқии зардуштия, аз мардумони созанда ҳисобида, фарҳанги қадими онҳоро дар қатори панҷ «Фарҳанги меҳвар» ном бурдааст, ки дар қаламрави Осиёи Миёнаи кунунӣ ташаккул ёфтааст. Ба андешаи ӯ, дар заминаи фарҳанги тоҷикон-эрониён фарҳангҳои халқҳои дигар ғизо гирифта, ташаккул ёфтаанд.

Асри IX-XII давраи шукуҳи фарҳангии минтақаи исломӣ ҳисоб меёбад, ки обу ранги он шукуҳмандиро мардуми тоҷик(эронитаборон) ба он бахшидаанд. Ин шукӯҳмандии фарҳангӣ бо эҳёи дигарбораи тамаддуни мардуми Эронзамини таърихӣ алоқаманд буд. Осори илмиву адабии бузурге, ки дар ин давра офарида шуд, дар қиёс ба фарҳанги қибтиву бобулӣ ба таври инкорношуданӣ пойдориву мондагории забону фарҳанги форсӣ-тоҷикиро дар муқобили таҳоҷуми фарҳангии араб ба намоиш гузошт. Маҳз ҳамин дастовард яке аз омилҳои аслии ҳифзи бақои миллати мо ҳамчун воҳиди мустақили этнофарҳангӣ шуд. Пас, метавон гуфт, ки ин давра марҳилаи муҳими рушди ташаккули

ҳувийяти этникии тоҷикон мебошад. Мутаассифона, аз он ба баъд раванди заиф шудани ҳувийяти этникӣ, фарҳангу ифтихороти халқи тоҷик ба вуҷуд омад, мистикаю таассуби динӣ ҷои хирадгароиро гирифт, тақлид ва рукуди фикрӣ ҷойгузини он гардид ва танҳо аз нимаи дуюми асри XIX сар карда як андоза эҳёи фикрӣ пайдо шуд.

Дар асри XIX ҷунбишҳои миллӣ-озодихоҳӣ бар зидди мустамликадорон дар кишварҳои ба ном исломӣ шурӯъ шуданд. Дар муқобили нажодпарастӣ ва дағдағаи бузургдавлатии мустамликадорон ба тадриҷ миллатгароӣ ва панисломизм ба вуҷуд омад. Миллатгароӣ дар аксари кишварҳои мусулмоннишин, ки аҳолиашон зери нуфузи ислом ва рӯҳониёни мутаассиб қарор доштанд, ба тадриҷ тамоили панисломистӣ ба худ гирифт. Дар ҳоле, ки панисломизм ҳеҷ гоҳ наметавонад орзую омоли миллиро бароварда ва манофеи миллату давлати миллиро ҳифз кунад. Он бо хусусияти консервативии худ ҳатто дар кишварҳои арабӣ низ наметавонад омили рушди устувор, пешрафти илмиву технологӣ ва таҳаввулу таҷаддуди ҳамешагӣ бошад. Панисломизм чун идеологияи миллӣ хизмат карда наметавонад, балки бо ғояи хаёлии "иттиҳоди мусулмонон" ва он ҳам бар асоси таассуби бунёдгароёнаи динӣ, яъне бозгашт ба исломи ибтидоӣ ба рушди эҳсоси миллӣ ва ифтихороти миллӣ таъсири манфӣ мерасонад. Бедорӣ ва худшиносии миллӣ дар минтақаҳои мусулмоннишин на фақат ба муқобилияти сиёсию фарҳангии мустамликадорон, балки ба панисломизм барин идеологияи иртиҷоӣ низ дучор гардид. Ҳарчанд мубориаи ин халқҳо дар ниҳоят сабаби озодшавии онҳо аз юғи мустамликадорон, ташкили давлатҳои мустақили миллӣ шуда бошад ҳам, аммо таассуби исломгароёни ифротӣ раванди вопасгароӣ ва заминаи ташаннуҷу нооромиро дар ин кишварҳо ба вуҷуд овард. Давлатҳои тозаистиқлоли миллӣ ба

амалиёти зиддимиллии идеологиву сиёсӣ ва ҳатто аъмоли террористию ифротгароёнаи панисломистӣ рӯ ба рӯ шуданд. Ин ҷараёни тундрави ақидатӣ то ҳанӯз имкон намедиҳад, ки вазъи ин кишварҳо ором шуда, заминаҳои таҳаввулу рушди устувор дар он ҷомеаҳо ба вуҷуд ояд.

**Бояд дар назар гирифт, ки заминаҳои асосии ташаккули миллат пеш аз ҳама фарҳанг ва навъи ҷаҳонбинии он мебошад. Пас, барои ноил шудан ба рушди миллӣ пеш аз ҳама бояд фарҳанг ва ҷаҳонбинии ҷомеаро ҳамчун омили муайянкунандаи амалкардҳои ҷомеа мавриди бозбинӣ ва ислоҳот қарор дод. Дар ҷомеаҳое, ки ҷаҳонбинии мардум ва шуури ҷамъиятӣ ғайриратсионалӣ аст (мутаассифона, ҷомеаи мо низ аз ҳамин қабил аст), бидуни инқилоби фарҳангӣ ва тағйири зеҳнияти мардум ҳаргиз наметавон заминаи устувори рушди миллӣ ва ниҳодина кардани ин ҷараёнро ба вуҷуд овард.**

Баъзе ба ном коршиносон дар мавриди решашиносии мушкилоти миллии мо яке аз омилҳои онро ба “піршавӣ”-и миллати тоҷик рабт медиҳанд. Ин ҷо бояд таъкид дошт, ки фарзияи “піршавӣ”-и миллатҳо, ки онро баъзе назарияпардозони соҳаи миллатшиносӣ, алалхусус примордиалистҳо пеш гузоштаанд, асоси илмӣ ва воқеияти таърихӣ надорад. Тибқи ин фарзия миллатҳо ҳам мисли тамоми мавҷудоти биологӣ ба вуҷуд меоянд, ташаккулу такомул меёбанд ва баъдан аз байн мераванд. Ба қавли ин фарзиясозон, тӯли “умр”-и миллатҳо гӯё аз 1300 то 1700 сол будааст. Ин навъи муқоисаву арзёбӣ ва дар зимн фарзияе, ки аз он натиҷагирӣ шудааст, воқеъбинона нест. Миллатҳо низ чун ҳар мавҷуди биологӣ метавонанд дар ҳоли таҳаввули ҳамешагӣ қарор дошта бошанд ва дар низоми ҳамеша такомулёбандаи ҳастӣ худро ба шакли беҳтар аз он, ки

ҳастанд, табдил диҳанд. Яъне миллатҳо низ чун мавҷудоти биологӣ агар ба шароити доимо тағйирёбандаи муҳити зисти худ пайваста мутобиқ шаванд, он гоҳ на фақат завол намеёбанд, балки метавонанд беҳтар аз он шаванд, ки ҳастанд. Бисёре аз миллатҳои куҳанбунёд дар замони нав рӯҳи тоза ба худ гирифтаанд. Барои исботи нодурустии фарзияи "пиршавӣ"-и миллатҳо кофист, ки ба таърихи дерин ва мудернизатсияи кунунии кишварҳои Чин ва Ҳинд назар афканем. Ин миллатҳои ба қавле "пиршуда", ки на 1300-1700 сол, балки сечанди он "умр" доранд, на фақат завол наёфтаанд, балки бо пӯёиву навгароии худ ба қудратҳои сатҳи байналмилалӣ табдил шудаанд. **Чунонки қаблан гуфтем, дар шароити кунунӣ миллати куҳанбунёди тоҷик баҳри таҳкими истиқлол, устувор кардани пояҳои давлатдории хеш ва рушди миллӣ ҳатман бояд ба таҷаддудгароӣ ва модернизатсия рӯ орад ва худро аз нав созад. Барои анҷом додани ин кор ногузир ҳама гуна қолабҳову муқаррароти фарҳангу расму одатҳо ва оини худро, ки бунёдгароёнаву фаталистӣ ва догматикӣ буда, дар роҳи таҷаддудгароиву навҷӯӣ ва ташаккули ҷаҳонбинии илмӣ монеа эҷод мекунанд, бояд ислоҳ кунем ва ба шароити замони муосир созгору рақобатпазир созем. Инқилоби фарҳангӣ пешоҳанги ҳама гуна ислоҳот дар ҷомеаҳои рӯ ба рушд аст.**

Назарияи нодурусти аз байн рафтани миллатҳо ба таълимоти коммунизми илмӣ низ алоқаманд аст ва аз назарияи муборизаи синфҳо сарчашма мегирад. Аз рӯи ақидаи тарафдорони ин назария дар ҷомеаи коммунистӣ бинобар аз байн рафтани синфҳо ва омехташавии халқҳо умумияти иҷтимоие ба вуҷуд меояд, ки ҷои миллатро мегирад. Тибқи ин назария дар ҷомеаи инсонӣ ба тадриҷ давлат низ аз байн рафта, ҷои худро ба худидоракунии

ҷамъиятӣ хоҳад дод. Таҷрибаи сохтмони ҷомеаи сотсиалистӣ дар ИҶШС мафҳуми “халқи шӯравӣ”-ро дар нақшаҳои дарозмуддати худ ба ҷои миллат пеш гузошта буд, ки он аслан чизе ҷуз деэтнизатсияи миллатҳои нисбатан хурдтари ҳайати ИҶШС ва ба қисмати таркибии миллати давлатсози ин империя табдил додани онҳо набуд. Аз ин буд, ки дар марҳилаи заиф шудан ва фурӯпошии давлати Шӯравӣ истиқлолхоҳии миллатҳои қаламрави он ба ҳадде қувват гирифт, ки дар баъзе ҷойҳо барои нософзгориҳои ҳудудҳои миллӣ низоъҳои миллиро ба вуҷуд овард. Тамоми ин кишварҳоро авҷи истиқлолхоҳӣ ва эҳёи миллӣ фаро гирифт. Дар натиҷа ҳамаи ҷумҳуриҳои собиқ Шӯравӣ ба кишварҳои мустақил табдил ёфтанд.

Шуури миллӣ таъйинкунандаи сарнавишти миллат аст. Шуури миллӣ заминаи маънавии бунёди давлати миллиро аз тарафи миллат ба вуҷуд меоварад, давлате, ки бар пояи манфиатҳои миллӣ ба вуҷуд меояд. Тасаввур дар бораи ягонагии этникӣ ва дарки манофеи умумӣ аз тарафи аксарият дар сатҳи як гурӯҳи таърихан ташаккулёфтаи иҷтимоӣ ҷавҳари шуури этникиро ташкил медиҳад. Шуури миллӣ ҳадафҳои сиёсиро дар сатҳи миллат ба вуҷуд меорад, ки метавонад давлати миллиро бунёд гузошта, омили барангезандаи рушд ва таҳкими он бошад. Он ҳадафу мақсадҳои куллӣ ва оояндаи миллатро таъйин мекунад. **Шуури миллӣ маҷмӯи тасаввурот, дидгоҳҳо ва эътиқодоти фарогирест ки аксарияти афроди миллат дар бораи масъалаҳои ҷаҳоншиносӣ, фалсафӣ, ахлоқӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ, ояндангарӣ ва ғайра доранд. Шуури миллӣ сатҳи рушди маънавии миллатро нишон медиҳад**.

**Худшиносии миллӣ асоси шуури миллӣ мебошад. Худшиносии миллӣ шароити муҳими мавҷудият ва инкишофи миллатро ба миён меоварад. Он дар заминаи**

**хотираи таърихии миллат ба вуҷуд омада, заминаи аслии ташаккули ҳувийяти миллист. Яъне он сатҳи огоҳии миллат аз гузаштаи воқеӣ, решаҳои таърихӣ, арзишҳо ва манфиатҳои миллӣ, эҳтиром ба фарҳанг, забони миллӣ, Ватан, дарки нақш, ҷойгоҳ ва рисолати миллӣ мебошад. Аз ин ҷиҳат рушду фаъол будан ва масъулиятшиносии миллат дар самти ҳифзи манофеи худ ба дараҷаи худшиносии миллӣ вобаста аст. Пас, худшиноси миллӣ омили ангезабахши миллат дар ростои ҳифзи ҷойгоҳ ва манофеи худ аст.**

Тоҷикон миллати куҳанбунёд ва мутамаддин ҳастанд, ки ҳам ифтихороти сиёсӣ ва ҳам фарҳангӣ доранд. Миллати мутамаддин аслан миллатҳое дониста мешаванд, ки гузаштаи пурифтихору созандаи таърихӣ ва фарҳангӣ доранд. Инчунин дорои эҳсосу ифтихори миллӣ ва ваҳдату ягонагӣ мебошанд. Миллати мутамаддин ҳамчун субъекти бузурги иҷтимоии тамаддунсоз тасаввур мешавад. Ҳамчунин таҳти таъбири миллати мутамаддин миллатҳое дар назар гирифта мешаванд, ки соҳибдавлатанд ё ҳадди ақал дар гузашта давлати худро доштаанд. Миллатҳои мутамаддин давлатҳои миллии худро дар асоси умумиятҳои этникию миллии худ бино карда, ҳамзамон дар такя ба зарфияти интеллектуалӣ, таҷриба ва талоши худ нақши мондагоре дар таърихи башарият гузоштаанд.

Фарҳангу тамаддуни бузурге, ки тоҷикон дар тӯли таърих офаридаанд, на танҳо боиси ифтихори ин миллат, балки тамоми башарият аст. Падидаҳои барҷастаи фарҳанги миллии мо дастоварди тамаддуни башарӣ дониста мешаванд. Кофист суханони муҳаққиқи рус Е.Э.Бертелсро мисол оварем, ки фармудааст: "Ҳамаи он сифатҳое, ки хоси халқҳои Аврупо мебошанд, хоси эронитаборон низ ҳастанд. Касе онҳоро "фаронсавиҳо"-и Шарқ номидааст. Агар хусусияти

фаронсавиҳо бедории ақлӣ, фаросат, зеҳни тез бошад, чунин муқоиса дуруст аст. Вале ... аз рӯи ҳақиқат бояд гуфт, ки эронитаборон дорои бисёр афзалиятҳои дигар будаанд, ки фаронсавиҳо онҳоро надоштанд". *(Е.Э. Бертельс. История литературы и культуры. М.1988. с.412)*

Шуури миллии тоҷикон ва худшиносии онҳо бояд бар пояи арзишҳои асили ин фарҳанги бузург шакл гирад, то ин ки ифодагари ҳувийяти миллат бошад. Гузашта аз он, бояд зикр кард, ки шуури миллӣ, он таҳкурсие метавонад бошад, ки нерӯи миллатро барои озодӣ, пешрафт, навовариву фановарӣ ва ободонии кишвар сафарбар намояд.

Шуури миллӣ аз ҳама гуна ҷанбаҳои ғайриратсионалӣ, хурофот, аносири бегона ва гироишҳои бегонапарастонае, ки ба пешрафти миллат халал меоварад, бояд озод бошад. Ин ҷо сухан фақат аз зарари хурофоти динӣ намеравад, ҳарчанд, ки он монеаи ҷиддӣ барои пешрафти иҷтимоӣ, фарҳангию техникӣ аст, балки сухан аз бегонагиву бегонапарастӣ, масъулиятношиносии афроди миллат дар ростои ҳифзи манфиатҳои миллӣ меравад. Пас, вақти он расидааст, ки ҳар як фарди тоҷик дар бораи тақдири миллати худ ҳамчун дар бораи тақдири худ фикр кунад, дар андеша ва талоши он бошад, ки чӣ тавр метавон ба пешрафту рушди ҳамаҷонибаи ин миллат мусоидат кард, зеро саодати фардӣ наметавонад бидуни саодати ҷамъӣ ба дастояд. Нуфузу обрӯи миллат обрӯи ҳар фарди он низ ҳаст ва баръакс, нуфузу обрӯи ҳар як фард обрӯи миллатро меафзояд. Миллат ҳам бояд бузургмардони худро қадрдонӣ кунад, барои такомули шахсӣ ва ошкор шудани тавонмандиҳояшон мусоидат намояд.

Давлати миллӣ, ки нишонаи истиқлоли сиёсии миллат аст, дар шароити имрӯза, зери хатари равандҳои ҷаҳонишавӣ қарор дорад. Ин хатарҳо ҳам ба омилҳои иқтисодию сиёсӣ ва ҳам фарҳангӣ алоқамандананд. Ташаккули давлатҳои миллӣ дар

шароити кунунӣ ба рушди саноат вобастааст ва тавоноии давлатҳои миллӣ ба иқтидору тавсиаи иқтисод ва сатҳи рушди илму технологияи онҳо алоқаманд мебошад. Дар замони ҳозира, ки ҷомеаи пасазиндустриалӣ бунёд шудаву роҳ ба сӯи ҷомеаи иттилоотӣ дорад, тағйироти азиме дар ҳама соҳаҳои ҳаёти башарӣ, алалхусус иртибототи байниҳамдигарӣ ба вуҷуд омадаанд, ки бештаринашон хусусияти умумиҷаҳонӣ доранд. Ин ҷараён ба вижа дар соҳаи иттилоот ва иқтисодиёт бараъло намудор аст. Муносибатҳои иқтисодӣ ба таври кулл хусусияти ҷаҳонӣ пайдо кардаанд ва ё дар ҳоли хислати умумиҷаҳонӣ пайдо кардан мебошанд. Албатта, масъалаҳои иқтисодӣ хеле пурпечутоб буда, таҳлили таъсири онҳо ба давлатҳои миллӣ мавзӯи баҳси доманадор аст. Аммо дар ин ҷо он нуктаро бояд ёдовар шуд, ки аз нигоҳи иқтисодӣ ҷомеаи Тоҷикистон ҳоло дар ҳоли рушд қарор дорад ва барномаҳову иқдомҳои созандае барои саноатикунонии кишвар дар ҳоли татбиқ шудан аст. Вале ин маънии онро надорад, ки давлати миллии мо ва миллати тоҷик аз таъсири манфии равандҳои хатарбори имрӯза эмин бошанд. Баръакс, ҷомеаи мо дар вазъияти имрӯзаи иқтисодӣ ва иттилоотӣ нисбат ба кишварҳои постиндустриалӣ ва пешрафта бештар ин хатарро эҳсос мекунад.

Арзишҳои меҳварӣ ва асили миллию фарҳангии кишварамон, ки пойдевори миллат ва муносибатҳои миллиро ташкил мекунанд, ҳадафи аслии таҳоҷуми иттилоотиву фарҳангӣ ва идеологии гурӯҳҳои тавсеаталаби сатҳи минтақа ва байналмилалианд.

Дар ҷараёни ин муборизаҳову рақобатҳои ҳамешагии байналмилалӣ давлатҳои миллии рӯ ба рушд низ метавонанд худро ба шароити ҷаҳонишавӣ мутобиқ сохта, фарҳанги миллии худро ҳамчун қолаби зеҳниятсозии ҷомеа бозбиниву ислоҳ ва ба талаботи замон мутобиқу рақобатпазир созанд.

**Чигунагии фарҳанги миллӣ дар шаклгирии ҷаҳонбинӣ, менталитет, мавқеъгириву амалкардҳои ҷомеа ва дар зимн фаъолияти давлати миллӣ таъсири мустақим дорад. Маҳз ҷаҳонбинӣ ва арзишҳои ҷомеа ҳамчун бахши муҳими фарҳанги миллат хатти машйи миллиро ба вуҷуд меоваранд. Аз ин нигоҳ дар шароити кунунӣ вазифаи муҳимми соҳаҳои илму маориф, дигар сохторҳои фарҳангӣ ва табақаи худогоҳи ҷомеа ташаккули ҷаҳонбинии илмӣ, худшиносиву ҳувийяти миллӣ ва ҳифзи арзишҳои давлатӣ аст.** Вазъияте, ки имрӯз Тоҷикистон дар он қарор дорад, талаб мекунад, ки Вазорати маориф ва илми ҷумҳурӣ, сохторҳои фарҳангӣ, олимону равшанфикрон ва масъулони бахши идеологии кишвар барои ташаккули ҷаҳонбинии илмиву ҳувийяти миллии насли наврас аз тамоми воситаю имконот истифода кунанд, зеро пешрафту рушди ҷомеа бидуни рушди илму технологияи муосир ғайриимкон аст ва ҷаҳонбинии илмӣ заминаи ғоявӣ ва воситаи муҳимми ин пешрафт ба ҳисоб меравад.

Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ ҳамчун ниҳоди ҳамоҳангсоз вазифадоранд, ки дар самти пешбурди корҳои идеологӣ, зеҳниятсозӣ, таблиғу фарогир кардани арзишҳои миллӣ, таъмини авлавияти онҳо, пешгирии нуфузи ақидаҳои ифротию зиддимиллӣ, муқовимат бо таҳоҷуми иттилоотӣ, ташаккули ҳувийяти устувори миллӣ, риояти ин меъёрҳо дар тамоми идораю муассисаҳо ва ғ. фаъолияти тамоми дастгоҳи идеологии кишварро аз ҷиҳати мазмун ва шакл ҳамоҳанг ва роҳандозӣ намоянд.

**Барои анҷом додани ин кори созанда фарҳанги ҷомеаи мо, ба шумули қисматҳои таркибии он аз ҷумла ҷаҳонбинӣ, меъёрҳои рафтору ахлоқи миллӣ, шеваҳои тарбиятӣ, арзишҳову ормонҳои фардиву ҷамъӣ бар асоси манфиатҳои миллӣ ва алалхусус ҳифзи бақову рушди**

**миллӣ бояд шакл дода шавад. Мутаассифона, маҳз дар ҳамин масъала, яъне носозгор будани ҷаҳонбинӣ, арзишҳо, ахлоқи миллӣ, ҳадафҳову ормонҳои зиндагиамон бо манофеи миллӣ фарҳанги мо нуқтазаъфҳои зиёде дорад.** Сабаби ба чунин тарз шакл гирифтани ҷаҳонбинӣ, арзишҳо, ахлоқи миллӣ ва дигар унсурҳои фарҳанги миллиамон дар он аст, ки мардуми мо дар имтидоди чандин садсолаи охир бар асоси идеология, арзишҳо ва хостаҳову манфиатҳои миллатҳои дигар, ки дар сарзаминҳои мо ҳукм меронданд, зеҳниятсозӣ мешуд. Мутаассифона, айни замон низ меъёрҳои рафтору ахлоқи миллӣ, шеваҳои тарбиятӣ ва омилҳои ташаккули ҷаҳонбинӣ ва арзишҳои ҷомеаамон ҳамон меъёрҳо ва муқаррароти пешин аст. Заъфи худшиносиву ҳувийяти миллӣ, беэътиноии аксарияти мардум нисбат ба арзишҳову манофеи миллӣ ва бегонапарастии баъзе аз қишрҳои ҷомеаамон ба худии худ ба вуҷуд намеояд. Омили шаклгирии он дар фарҳанги роиҷи ҷомеаи мост. Беҳуда нагуфтаанд, ки "ҳар инсоне маҳсули фарҳанги ҷомеаи худ аст[1]". **Барои ташаккули шахсиятҳои миллӣ ва афроди меҳанпараст қабл аз ҳама дастгоҳи ташаккули зеҳнияту андеша ва танзими рафтори мардум, ки фарҳанги ҷомеа ном дорад, бояд бозбиниву ислоҳ шавад ва ба талаботи замон ҷавобгӯ шавад. Бидуни анҷоми ин кор таҳаввулоти фикрӣ ва тағйири ҷаҳонбинии ҷомеаамон имконнопазир аст. Бинобар ин, дар шароити кунунӣ масъалаи рушди давлатдории миллӣ ва устувор сохтани пояҳои маънавию идеологии он талаб менамояд, ки дар ҳувийяти тоҷикон, ки хусусияти динмеҳвар касб кардааст, ислоҳот ва таҳаввулот ба вуҷуд оварда, унсурҳои миллӣ ба унсурҳои муайянкунанда табдил дода шаванд.**

Барои иҷрои ин кори муҳим, қабл аз ҳама лозим аст, ки шуури миллӣ мутобиқ ба арзишҳо ва манфиатҳои миллӣ шакл дода шавад. Зеро номутобиқатӣ дар ин самт бунёди давлатдории миллии моро ноустувор хоҳад кард. Баҳри татбиқи босуръат ва низомманди ин ҳадаф беҳтар аст, ки асноди меъёрӣ-ҳуқуқие дар шакли консепсия таҳия гардад ва бо таъсиси ниҳоди татбиқкунандаи он роҳкорҳои ташаккулу тақвияти ҳувийяти миллӣ, ки дар тӯли таърих бинобар зеҳниятсозиҳо ва таҳоҷуми фарҳангии аҷнабиён заиф шудааст, дарёфт ва мавриди корбурд қарор дода шавад.

Бо назардошти ин масъала зарурат ба миён меояд, ки дар идома ба арзёбии фарҳанги миллӣ ва ироаи роҳкорҳои ислоҳи он пардозем.

## КИТОБНОМА


1. Андерсон Б. "Воображаемые сообщества. Размышления об истоках и распространение национализма", Москва. "КАНОН-пресс-Ц", "Кучково поле", 2001.
2. Аҳмади Эронӣ. Волтер файласуфи кӯбандаи дин. Лос Анжелес, с.1991
3. Амин Аҳмад. Зуҳо-ул-ислом.Ҷ.2. – С.49.
4. Бекзода Комил. Таърихи равшанфикрӣ аз даврони Ҷамшед то замони Фирдавсӣ- Душанбе, 2012.
5. Вернер Штегмайер. Оянданигарии фалсафӣ. Берлин/Ню Йорк: Валтер де Гройтер, 2008.
6. Гегель Г.В. Энциклопедия философских наук. Т. 3 Философия духа.– М.: Мысль, 1977.
7. Геродот, "История" — Москва: Эксмо, 2008. — 1030 с
8. Галлнер Э. "Нации и национализм", Перевод с английского, Ред. и послесл. И.И.Крупника. Москва. "Прогресс", 1991. -стр.23.

9. Говард Горднер, Ҳунар ва илми тағйири зеҳни худ ва дигарон. (тарҷумаи С.К.Харрозӣ). -Теҳрон, ширкати "Най", -1398. С.350

10. Девид Метюз, "Сиёсат барои мардум", Душанбе: -1998, С.316

11. Дюрант Вилям Ҷеймс. Таърихи фалсафа. Тарҷумаи Аббоси Зарёб, ширкати интишороти илмӣ ва фарҳангӣ. Теҳрон: -1387, С.501

12. Дарси хештаншиносӣ. (Маҷмӯаи мақолаҳо). 2 ҷилд. Душанбе, 1989-1991.

13. Дмитриев В.А., "Аммиан Марцеллин и персы", Новгород, 2003,
С.275, стр.208, 212)

14. Зарринкӯб Абдулҳусайн, Ду қарни сукут- Теҳрон, 1970.

15. Зебокалом Содиқ. Мо чӣ гуна мо шудем? Решаҳо ва сабабҳои ақибмондагӣ дар Эрон Теҳрон, 2000.

16. Ибни Балхӣ. Форснома. Душанбе, Ирфон, 1989.

17. Кант И., Трактаты и письма. – М.: Наука, 1980. – С. 360.

18. Ксенофонт, «Киропедия», Москва, издательство «Наука», 1976.–С.240, стр.7-10

19. Ковальченко И.Д., «Методы исторического исследования». –М.: Наука, 2003. –С.88

20. Кондаков Н.И. Логический словарь – справочник. - М.: Наука, 1975.

21. Коротаева В. "Теории национализма в зарубежных социальных
науках". Москва: РГГУ, 1999.

22. Лодан Амирҳусайн, "Худосолорӣ ва дармондагӣ", Теҳрон,
ширкати "Китоб", соли 1393(2014)

23. Маслоу Авраам Харолд, "Маслоу о менеджменте", Москва, 2003г.

24. Муҳаммадэзадӣ Алӣ, Чаро ақибмондаем?, Теҳрон, - 1388шамсӣ(2009мелодӣ), С.351

25. Маҳдии Бозаргон, "Созгории эронӣ", Теҳрон, нашрияи “Сабо”, соли 1384;

26. "Муқаддима ба назарияи миллатшиносӣ", Душанбе, "Ирфон", 2012,

27. Моунтстуарт Элфинстон, “Тоҷикон”, Сарредаксияи илмии Энсиклопедияи миллии тоҷик, Душанбе, 2018, саҳ.11-12

28. Мейендорф Е. К. “Путешествие из Оренбурга в Бухару”, Главная редакция восточной литературы издательства «Наука», 1975, стр. 24, сайт: www.vostlit.info).

29. Нурулҳақов Қамар. Ислом ва муносибатҳои миллӣ. Душанбе,
1989.

30. Раҳнамо Абдуллоҳ, "Ислом ва амнияти миллӣ", Душанбе,
"Ирфон", 2011.

31. Розӣ Закариё. Мунтахаби осор, Душанбе: Адиб, 1989

32. Ятимов С. Асарҳо. Душанбе. “Ганҷ нашриёт”, -2019

# ХАТАРҲОИ МУҲИТЗИСТӢ, СИРОЯТПАЗИРӢ ВА ДИПЛОМАТИЯИ ЧАНДСАМТӢ

**Номвар ҚУРБОНОВ**
*ходими калони илмии Шуъбаи таҳқиқоти стратегии назди Раёсати АМИТ*

## ГАРМШАВИИ ГЛОБАЛИИ ИҚЛИМ ВА ТАЪСИРИ ОН БА ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Яке аз мушкилоти мубрам ва ҳалталаби ҷомеаи муосир ошкор намудани таъсири равандҳои тағйирёбии иқлим ба муҳити зист ба ҳисоб меравад. Зеро мушкилоти тағйирёбии иқлим масъалаи комплексӣ буда, таъсироти манфии он тамоми ҷанбаҳои фаъолияти инсонро фаро гирифтааст ва дар умум, ба системаҳои иқтисодию иҷтимоӣ таъсири манфӣ расонида, тавозуни экологии сайёраро халалдор месозад. Маҳз бо назардошти мушкилоти мавҷуда, олимону коршиносон пайваста паҳлуҳои мусбату манфии тағйирёбии иқлимро аз дидгоҳҳои гуногун мавриди арзёбӣ қарор дода, аз рӯйи далелҳо ва натоиҷи бадастомада андешаю хулосаҳои хешро баён менамоянд. Аз ин ҷост, ки доир ба равандҳои тағйирёбии иқлим дар илм фарзияҳои гуногун ҷой дошта, то имрӯз назарияи ягонаи мавриди писанди ҳамагон қабул нагардидааст. Зиёда аз ин, дар аксар сарчашмаҳо ва инчунин, васоити ахбори омма, мушкилоти мазкур бештар дар ду шакл – «тағйирёбии иқлим» ва «гармшавии глобалӣ» истифода мегардад. Агар хоҳем, ки ин масоилро дурусттару дақиқтар ифода намоем, бояд «тағйирёбии иқлим» нависем ё ном барем, на «гармшавии глобалӣ». Зеро баландшавии ҳарорат,

яъне гармшавии ҳаво, ки пеш аз ҳама ҳавои наздизаминии атмосфера дар назар дошта мешавад, муҳимтарин ҷузъ ва нишондиҳандаи асосии раванди тағйирёбии иқлим мебошад [10]. Бинобар ин, вақте сухан доир ба тағйирёбии иқлим меравад, дигаргуншавии он мувозинати табиатро халалдор месозад: пиряххову барфҳои доимӣ об мешаванд, сатҳи оби Уқёнуси ҷаҳонӣ боло меравад, обхезӣ, хушксолӣ, тӯфон ва дигар ҳодисаҳои фавқулодаи гидрометеорологӣ ба амал меоянд, гуногунии биологӣ тағйир меёбад, набототу ҳайвонот ба шароити иқлими барояшон мусоид кӯч мебанданд ва ғайра.

Нишондиҳандаи дигари тағйирёбии иқлим ва гармшавии глобалӣ, ин афзоиши шумораи рӯзҳои бениҳоят гарм дар давоми сол мебошад, зеро тибқи ҳисобҳои таҳлилгарони Хадамоти хабаргузории BBC News [1], шумораи рӯзҳои ҳарораташон 50°C, нисбат ба солҳои 80-уми асри пор ду маротиба зиёд шудааст. Агар ба далоил назар намоем, он гоҳ мебинем, ки аз соли 1980 то соли 2009, ҳарорати 50°C дар давоми сол, дар маҷмӯъ на беш аз 14 рӯзро ташкил медод. Вале, ин нишондод давоми солҳои 2010-2023 ба 26 рӯз дар як сол расидааст. Чунин тамоюли гармшавии иқлим дар ҳудуди Тоҷикистон низ мушоҳида мешавад, дақиқан солҳои 1944, 1977, 1983, 1997 дар бисёр шабакаҳои обуҳавосанҷии ҷануби кишвар миқдори зиёди рӯзҳо бо ҳарорати аз 40°C баланд ба қайд гирифта шудааст. Мисол, мувофиқи маълумоти Агентии обуҳавошиносии Ҷумҳурии Тоҷикистон [10], агар миқдори чунин рӯзҳо дар Шаҳритӯс давоми солҳои 1980-1989 ба 273 баробар буд, дар даҳсолаи 1990-99 ба 318 расид ва мутаносибан, барои ҳамин даҳсолаҳо дар Бохтар аз 41 то 71 рӯз, дар Панҷ аз 83 то 126 рӯз ва дар Душанбе аз 20 ба 25 рӯз афзудааст.

Бо вуҷуди ин, сол то сол ҳарорати ҳаво меафзояд, тағйирёбии миқдори боришот шиддат меёбад ва умуман, амплитудаи бузургиҳои метеорологӣ, ки нишондиҳандаи асосии низоми иқлиманд, куллан дигар мешаванд ва боиси пайдоиши офатҳои табиии гидрометеорологӣ мегарданд. Чунин ҳолат олимону коршиносонро водор месозад, ки дар асоси мушоҳидаҳои гидрометеорологӣ, ҳисобҳои риёзию компютерӣ ва коркарди амсилаҳои гардиши умумии атмосфера ангораи (сенарияи) дурнамои тағйирёбии иқлимро таҳия намоянд. Зеро гармшавии иқлим хусусияти глобалӣ касб карда, мушоҳидаҳои метеорологӣ ва арзёбии институтҳои байналмилалии марбут ба иқлим, Созмони ҷаҳонии обуҳавошиносӣ, Гурӯҳи коршиносони байниҳукуматӣ оид ба тағйирёбии иқлим, Барномаи Созмони Милали Муттаҳид оид ба муҳити зист ва ғайра нишон медиҳанд, ки афзоиши ҳарорати ҳаво дар тамоми гӯшаю канори сайёра боиси нигаронӣ гардидааст.

Мувофиқи маълумотномаи Созмони ҷаҳонии обуҳавошиносӣ (СҶО), таҳти унвони «*Таъсири тағйирёбии иқлим дар Осиё шадидтар мешавад*» [3], обшавии босуръати пиряхҳо, коҳишёбии майдони яхбандиҳо ва инчунин, болоравии сатҳи уқёнус вусъат ёфта, ба рушди соҳаҳои иҷтимоию иқтисодӣ таъсири манфӣ мерасонад. Зиёда аз ин, раванди гармшавии иқлим дар Осиё, ки бузургтарин қитъаи кураи арз буда, то Арктика тӯл мекашад, аз сатҳи миёнаи ҷаҳонӣ баланд мебошад. Ва тибқи гузориши СҶО оид ба «*Ҳолати иқлими Осиё дар соли 2022*» [5], суръати афзоиши ҳарорати ҳаво дар ин қора давоми солҳои 1991-2022 нисбат ба солҳои 1961-1990 тақрибан ду маротиба афзудааст.

Табиист, ки гармшавии глобалии иқлим боиси афзоиши офатҳои табиии хусусияти обу ҳаво ва иқлимидошта гардида, танҳо соли 2022 дар қитъаи Осиё 81 офати марбут ба обу ҳаво,

иқлим ва об рух додааст ва беш аз 83%-и офатҳоро обхезию тӯфонҳо ташкил медиҳад. Масалан, пойгоҳи байналмилалии иттилоотии Олмон Deutsche Welle (DW) бо истинод аз арзёбии Гурӯҳи коршиносони байниҳукуматӣ оид ба тағйирёбии иқлим иттилоъ медиҳад [2], ки агар инсон дар даврони қабл аз инқилоби саноатӣ, ҳар 10 сол як маротиба боришоти шадидро аз сар мегузаронд, айни замон миқдори боришооти сел 30% зиёд шудааст. Дар сурати 1,5°С афзудани ҳарорати ҳаво миқдори боришоти сел зиёд шуда, 50%-ро ташкил медиҳад ва боиси 10,5% зиёдшавии намии таркиби ҳаво мегардад. Агар ҳарорати ҳаво 2°С баланд шавад, он гоҳ шароити обу ҳавои фавқулодда нисбат ба давраи пешазсаноатӣ 70% ва намии таркиби ҳаво 14% меафзояд.

Мувофиқи ахбори СҶО [5], бар асари ин офатҳо зиёда аз 5000 нафар фавтида, 50 млн нафар мустақиман осеб дидаанд ва дар маҷмӯъ, хисороти иқтисодии онҳо беш аз 36 млрд долларро ташкил медиҳад. Аз ҷумла, хисороти иқтисодӣ бар асари хушксолӣ дар Чин беш аз 7,6 млрд доллар ва дар Ҳиндустон зиёда аз 4,2 млрд доллар арзёбӣ гардида, шумораи аҳолии аз обхезӣ осебдида дар Покистон беш аз 33 млн нафарро (~14%-и аҳолии кишвар) ташкил медиҳад. Дар маҷмӯъ, хисороти иқтисодии танҳо хушксолии соли 2022 аз қимати миёнаи зарари хушксолиҳои солҳои 2002-2021 тақрибан 200% (2,6 млрд доллар) зиёд мебошад. Дар баробари ин, дар қисми зиёди минтақаи қораи Осиё беобӣ ва тӯфонҳои шадиди чангу ғубор ба амал омада, тӯфонҳо дар тарафи ғарбии қитъа ба ҳаёт ва фаъолияти аҳолӣ хисороти ҷиддӣ ворид намудаанд.

Аз рӯи арзёбии СҶО дар соли 2022 [3], ҳарорати миёнаи ҳаво дар Осиё, дар ҷойҳои дуюм ё сеюми сатҳи рекордӣ барои тамоми давраи мушоҳидавӣ қарор дошта, назар ба қимати миёнаи солҳои 1991-2020 ~0,72°С афзудааст. Қимати миёнаи

ҳарорати ҳаво барои солҳои 1991-2020 бошад, нисбат ба нишондиҳанда солҳои 1961-1990 ба андозаи 1,68°С боло рафтааст, ки гармшавии бармалои иқлим аст.

Аз рӯйи маълумоти гузориши СҶО оид ба ҳолати иқлими Африқо дар соли 2022 [4], давоми даҳсолаи охир суръати афзоиши ҳарорати ҳаво дар гармтарин қораи олам вусъат ёфта, хатарҳои марбут ба обу ҳаво ва иқлим шадидтар шудааст. Тибқи ҳисобҳои оморӣ, дар соли 2022 беш аз 110 млн нафар аҳолии Африқо аз хатароти обу ҳаво, иқлим ва об бевосита зарар дидаанд ва ҳаҷми хисороти иқтисодӣ аз ин офатҳо зиёда аз 8,5 млрд долларро ташкил медиҳад. Тибқи маълумоти мавҷуда, бар асари офатҳои хусусияти иқлимдошта 5 000 фавтидаанд, ки аз ин миқдор 48% бо хушксолӣ ва 43% бо обхезӣ алоқаманд мебошад. Вале эҳтимол меравад, ки қимати ҳақиқӣ бинобар сабаби кам будани маълумотҳо аз кишварҳои африқоӣ хеле зиёдтар бошад.

Гузориши СҶО оид ба ҳолати иқлими Аврупо дар соли 2022 [6], гузориши дуюми созмони мазкур ва Хадамоти Иттиҳоди Аврупо оид ба тағйирёби иқлим Коперник буда, мувофиқи маълумоти он, аз соли 1980 ин ҷониб ҳарорати ҳаво дар ин қитъа назар ба ҳарорати миёнаи глобалӣ ду маротиба бештар афзудааст. Тибқи нишондоди ҳарорати миёнаи ҳаво дар соли 2022, ҳарорати ҳаво дар ҳудуди Аврупо аз қимати миёнаи пешазсаноатӣ (солҳои 1850-1900) ~2,3°С баланд буда, яке аз далелҳои муътамад ҷиҳати иҷрои саривақтии уҳдадориҳои Созишномаи иқлимии Париж истифода мегардад. Маврид ба зикр аст, ки соли 2022 Иттиҳоди Аврупо бори нахуст дар тавлиди неруи барқ аз ҳисоби сарчашмаҳои барқароршавандаи энергия нисбат ба манбаъҳои сӯзишвории истихроҷ-шаванда пеш гузашт. Яъне, соли гузашта дар Иттиҳоди Аврупо аз ҳисоби энергияҳои офтобию шамолӣ

22,3% ва аз ҳисоби сӯзишвории истихроҷшуда 20% энергия истеҳсол карда шуд.

Мувофиқи маълумоти СҶО дар соли 2021 [7], ҳарорати сатҳи баҳр ва гармии уқёнус дар тарафи ҷанубу ғарби Уқёнуси Ором назар ба қимати миёнаи ҷаҳонӣ беш аз се маротиба афзудааст ва баландшавии сатҳи оби баҳру уқёнус бошад, кишварҳои ҷазиравӣ ва соҳилӣ хатароти зиёде дорад. Минҷумла, соли 2021 дар минтақа 57 офати табиӣ ба вуқӯъ пайвастааст, ки 93%-ро обхезию тӯфонҳо ташкил медиҳад. Дар маҷмӯъ, 14,3 млн нафар аз ин офатҳои табиӣ бевосита зарар дидаанд ва хисороти умумии иқтисодӣ 5,7 млрд долларро ташкил додааст. Маврид ба зикр аст, ки дар муқоиса бо ду даҳсолаи охир зарари иқтисодӣ аз ҳисоби тӯфонҳо 30% ва ҳисоби обхезиҳо ду маротиба зиёд шудааст.

Тавъам ба ин, мувофиқи иттилои СҶО оид ба тағйирёбии мавсимии иқлими ҷаҳонӣ [8], қувваҳои асосӣ, вале на ягона қувваҳои таҳрикдиҳандаи системаи иқлимии Замин, яъне ҳодисоти Эл-Нино ва Ла-Ниня давоми солҳои охир тағйир ёфтаанд. Ҳамчунин, созмони мазкур бюллетенҳои иттилоотии тағйирёбии мавсимии иқлими ҷаҳониро пайваста нашр менамояд, ки дар онҳо оид ба ҳолати омилҳои асосии мутаҳаррикаи иқлими сайёра – лаппиши Атлантикаи Шимолӣ, лаппиши Арктика ва диполи уқёнуси Ҳинд маълумоти ниҳоӣ интишор меёбад. Аз рӯйи чунин иттилоот, давоми ҳафт соли охир бори нахуст шароити Эл-Нино дар минтақаи тропикии уқёнуси Ором вусъат ёфта, ба афзоиши эҳтимолии ҳарорати глобалӣ мусоидат менамояд ва инчунин, ба дигаргуншавии амиқи обу ҳаво ва зиёдшавии миқдори тӯфонҳо дар манотиқи мухталифи сайёра боис мегардад. Аз ҷумла, шароитҳо ва тамоюлоти иқлимӣ дар Осиёи Марказӣ ба ҳаводиси иқлимие, чун Эл-Нино ва лаппиши Атлантикаи Шимолӣ вобастагии амиқ доранд. Яъне, зуҳури шадиди Эл-

Нино боиси афзоиши эҳтимолии хушксолӣ дар тарафи ҷанубии Осиёи Марказӣ ва навоҳии атрофи Каспий гардида, инкишофи фазаи манфии лаппиши Атлантикаи Шимолӣ ба зиёдшавии боришот дар манотиқи ҷанубии Аврупо, ҳавзаи баҳри Миёназамин ва Осиёи Марказӣ мусоидат мекунад.

Ҳамчунин, ҳодисаи Эл-Нино маъмулан боиси афзоиши боришот дар қисмати ҷанубии Амрикои Лотинӣ, ноҳияҳои ҷанубии ИМА ва канораҳои Африқо гардида, дар ҳолати баръакс, метавонад сабабгори хушксолии шадид дар Австралия, Индонезия, ноҳияҳои ҷанубии Осиё, Амрикои Марказӣ ва қимати шимолии Амрикои Ҷанубӣ шавад. Зиёда аз ин, дар фасли тобистон, оби аз ҳисоби Эл-Нино гармшуда ба пайдоиши тӯфонҳо дар қисматҳои марказӣ ва шарқии уқёнуси Ором боис мегардад ва дар ин вақт, чунин оби гарм дар ҳавзаи уқёнуси Атлантика аз ташаккули тундбодҳо пешгирӣ менамояд. Ҳамин тавр, Эл-Нино таъсири баръакси ҳодисаи Ла-Ниня, ки соли 2023 ба охир расид, мебошад ва аз рӯйи пешгӯии СҶО, эҳтимоли идома ёфтани он то нимаи дуюми соли 2023 90%-ро ташкил медиҳад. Ба андешаи дабири кулли СҶО профессор Петтери Таалас «*огози Эл-Нино рекордҳои ҳарорати глобалиро ба таври назаррас афзоиш дода, дар бисёр қисматҳои хушкӣ ва уқёнус боиси гармии шадид мегардад*» [8].

Ҳамзамон, сол аз сол бештар гарм шудани иқлим дар тамоми манотиқи сайёра мушоҳида мешавад. Фарзи мисол, агар дар бюллетени иттилоотии СҶО барои соли 2003 [9], нишон дода шудааст, ки даҳсолаи охири асри XX, алалхусус соли 1998, аз оғози мушоҳидаҳои метеорологӣ тавассути дастгоҳҳо, аз ҳама соли гармтарин бошад, мувофиқи гузориши ин созмон оид ба ҳолати иқлими ҷаҳонӣ [6], аз ҳисоби таъсири назарраси ҳодисаи Эл-Нино ва гармшавии антропогениии иқлим, соли 2016 ҳамчун соли гамртарин барои тамоми

таърихи ченкуниҳои метеорологӣ ба қайд гирифта шудааст. Дар баробари ин, ҳарорати миёнаи ҷаҳонӣ дар соли 2022 аз қимати миёнаи ҳарорати солҳои 1850-1900, дар натиҷаи таъсири сардшавии секаратаи ҳодисаи Ла-Ниня ~1,15±0,13°C баландтар будааст. Вале, таъсир ба ҳарорати глобалӣ одатан пас як соли инкишофи он амал меояд ва аз ин рӯ, эҳтимолан, соли 2024 нисбат ба дигар марҳилаҳои таърихии иқлимшиносӣ гамртар хоҳад буд. Зеро тибқи ҳисобҳои СҶО, ҳарорати тобистони соли 2023 рекордҳои гармии солҳои 1998 ва 2016-ро убур намуда, ба қимати максималӣ расидааст. Тибқи мушоҳидаи СҶО [3], аз моҳи феврали соли 2023 инҷониб аномалияҳои миёнаи моҳонаи ҳарорати сатҳи уқёнус дар минтақаи экватории уқёнуси Ором ба таври назаррас афзуда, аз қимати миёнаи пасти моҳи феврал (-0,44°C) то қимати миёнаи баланди моҳи май (+0,47°C) ба андозаи 0,5°C боло рафтааст. Масалан, танҳо давоми як ҳафта, ки маркази он ба санаи 14 июни соли 2023 рост меомад, аномалияҳои ҳарорати сатҳи уқёнус хеле афзоиш ёфта, то +0,9°C гарм шудааст.

Мувофиқи гузориши СҶО дар моҳи майи соли 2023 [8], ки аз ҷониби Бюрои метеорологии Британияи Кабир ва шарикон барои тамоми ҷаҳон таҳия гардидааст, нишон медиҳад, ки 66% эҳтимол дорад, ҳарорати миёнаи солонаи ҳавои наздизаминӣ давоми солҳои 2023-2027 нисбат ба қимати миёнаи ҳарорати пешазсаноатӣ беш аз 1,5°C баланд мешавад. Ба андешаи директори Сектори хидматрасонии иқлимии СҶО профессор Крис Хюитт «*ин маънои онро надорад, ки давоми панҷ соли оянда ҳарорати глобалӣ аз 1,5°C нишондодаи Созишномаи иқлимии Париж баландтар мешавад, балки дар ҳолати риоя накардани уҳдадориҳо дар назди ин созишнома ҷомеаи ҷаҳонӣ ба чунин мушкилот рӯ ба рӯ мегардад. Зеро, имрӯз аксар кишварҳои ҷаҳон ҷиҳати татбиқи ҳадафҳои Созишномаи иқлимии Париж то ҳол*

*дар масири дуруст ҳаракат накарда истодаанд, то ба таври қобили мулоҳиза коҳиш додани таъсири тағйирёбии иқлим маҳдуд созем».*

Ҳамин тавр, аз таҳлили гузоришҳои СҶО оид ба ҳолати иқлими манотиқи мухталифи кураи арз, бармало мегардад, ки раванди гармшавии иқлим дар миқёси сайёра мушоҳида гардида, таъсири он ба ҳолати иқлими Ҷумҳурии Тоҷикистон, чун ҷузъи иқлими минтақаю ҷаҳон бетаъсир намемонад. Маврид ба зикр аст, ки аз 56 шабакаи обуҳавосанҷии ҳудуди Тоҷикистон, ки дар баландиҳои аз 318 то 4169 м аз сатҳи баҳр воқеъ гардидаанд, маълумоти мушоҳидавии 30-тои онҳо дар давраи солҳои 1961-1990 мавриди омӯзиш қарор дода, ба чунин хулоса омадаанд: ҳарорати ҳаво дар Тоҷикистон, давоми 65 соли охир дар шаҳрҳо 1,2-1,9°C, ҳамвориҳо 0,7-1,2°C ва дар баъзе манотиқи миёнакӯх 0,1-0,7°C баланд шудааст. Ҳамзамон, муайян карда шудааст, ки дар ин муддат, дар баъзе минтақаҳои баландкӯҳи кишвар баръакс, пастшавии ҳарорат то андозаи 0,1-0,3°C ба назар мерасад. Вале, раванди пастшавии ҳарорати ҳаво дар ин ноҳияҳо хусусияти минтақавию орографӣ дошта, раванди афзоиши умумии ҳарорати ҳаво ё гармшавии иқлимро ҷуброн карда наметавонад.

Ҳамзамон, тибқи Стратегияи миллии мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлими Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 [11], давоми солҳои 1940-2017 болоравии ҳарорат барои ҳар даҳсола аз 0,1°C то 0,2°C мушоҳида гардида, миқдори рӯзҳо бо ҳарорати 40°C ва аз ин боло афзоиш ёфтааст. Болоравии ҳарорати нисбатан баланди ҳаво дар водиҳову ҳамвориҳо (Данғара – 1,2°C, Душанбе – 1,0°C) ба қайд гирифта шуда, дар минтақаҳои кӯҳсор афзоиш ба 0,3°C-0,5°C мерасад, дар ҳоле ки дар навоҳии баландкӯҳ болоравии ҳарорат то 0,2°C-0,4°C-ро ташкил медиҳад. Тамоюли охири

гармшавии ҳарорати ҳаво, ки дар давраи солҳои 2001-2010 ба қайд гирифта шудааст, нишон медиҳанд, ки ҳарорати миёна барои ҳар даҳсола нисбат ба ҳарорати миёнаи минтақаҳои дар баландии 1000-2500 метр аз сатҳи бахр воқеъгардида 0,8°C баландтар аст. Дар навоҳии баландкӯҳ афзоиши мушоҳидашаванда аз меъёри муқаррарӣ 0,2°C баланд буда, ҳарорати ҳаво ба ҳисоби миёна дар фасли зимистон 0,1°C-1,1°C, дар баҳор 0,1°C-1,3°C ва дар тирмамоҳ то 0,6°C-1,1°C баланд будааст.

Дар маҷмӯъ, ҳарорати миёнаи солона дар тамоми манотиқи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2030 нисбат ба солҳои 1961-1990 ба 0,2°C-0,4°C ва дар соли 2085 ба 5°C баланд мешавад; нишондиҳандаи мазкур бо тамоюле, ки давоми 15-20 соли охир мушоҳида мешавад, комилан мувофиқ мебошад. Зиёда аз ин, тибқи арзёбиҳо ҳарорати миёнаи солона то соли 2050 дар ҳавзаи дарёи Панҷ аз -0,6°C то +1,1°C, дар ҳавзаи дарёи Вахш аз +3,5°C то 5,0°C ва дар минтақаҳои яхистони Помир аз -2,6°C то -0,9°C баланд мешавад. Миқдори миёнаи солонаи боришот бошад, дар ин муддат то 5% коҳиш ёфта, зимистонҳо нисбатан хушк ва тобистонҳо бештар намнок мешаванд.

Аз далелу таҳлилҳои зикргардида бармало мегардад, ки раванди гармшавии глобалии иқлим ба ҳолати обу ҳаво ва иқлими Ҷумҳурии Тоҷикистон низ таъсири амиқ дорад, бинобар ин, олимону муҳаққиқони соҳаро зарур аст, ки муаммоҳои тамоюли тағйирёбии иқлимро вобаста ба мавқеи географӣ, хусусияти орографӣ, тавозуни экологӣ ва рушди иқтисодию иҷтимоии кишвар аз ҷанбаҳои гуногун мавриди арзёбии мушаххас қарор дода, омилҳои ангезиш ва самтҳои пешгирӣ намудану коҳиш додани таъсироти манфии онро дар робита бо арзишҳои илмӣ пешниҳод намоянд. Ҳарчанд тағйирёбии иқлим тамоюлот ва хусусияти даврӣ дорад, вале пайомадҳои манфии он назар ба дигар кишварҳои минтақа ба

Тоҷикистон ҳамчун кишвари осебпазир дар раванди мазкур, бештар хисорот ворид месозад. Новобаста аз ин, Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати коҳиш додани таъсироти манфии гармшавии глобалии иқлим, мутобиқшавӣ ба ин раванд ва инчунин, пешгирӣ намудани он, дар сатҳҳои байналмилалӣ, минтқавӣ ва миллӣ тадбирҳои мушаххасу илман асоснок андешида, чандин иқдомҳои наҷибу бузурги миқёси глобалиро пешниҳод кардааст ва аз ин рӯ, ҳамчун кишвари ташаббускори ғояҳои ҷаҳонии об, иқлим ва экология эътироф гардидааст. Бинобар ин, ниҳодҳои байналмилалиро зарур аст, ки барои комёб гардидан дар ин самт, дар доираи ташаббусҳои ҷаҳонии Тоҷикистон ҳамкориҳои муштаракро тақвият дода, дастгирии молиявии марбут ба иқлимро вусъат бахшанд.

## Феҳристи сарчашмаҳои истифодашуда


1. BBC News. Изменение климата: в мире теперь в два раза больше дней, когда зашкаливает за 50°С // URL: https://www.bbc.com/russian/ features-58562017
2. Deutsche Welle (2021). На 1,5 градуса выше. Как глобальное потепление меняет жизнь // URL: https://www.dw.com/ru/na-15-gradusa-vyshe-kak-globalnoe-poteplenie-menjaet-nashu-zhizn/a-59573908
3. WMO (2023). Climate change impacts increase in Asia // URL: https://public.wmo.int/en/media/press-release/climate-change-impacts-increase-asia
4. WMO (2023). State of the Climate in Africa 2022 // URL: https://public.wmo.int/en/our-mandate/climate/wmo-statement-state-of-global-climate/Africa-2022

5. WMO (2023). State of the Climate in Asia 2022 // URL: https://public.wmo.int/en/our-mandate/climate/wmo-statement-state-of-global-climate/Asia-2022

6. WMO (2023). State of the Climate in Europe 2022 // URL: https://public.wmo.int/en/our-mandate/climate/wmo-statement-state-of-global-climate/Africa-2022

7. WMO (2023). State of the Climate in the South-West Pacific // URL: https://public.wmo.int/en/our-mandate/climate/wmo-statement-state-of-global-climate/southwestpacific

8. WMO (2023). World Meteorological Organization declares onset of El Niño conditions // URL: https://public.wmo.int/en/media/press-release/world-meteorological-organization-declares-onset-of-el-ni%C3%B1o-conditions

9. ВМО-№952. Наш будущий климат. - Женева, Швейцария, 2023. - 36 с.

10. *Номвар Қурбон*. Баррасии мавзуи таълимӣ вобаста ба тағйирёбии иқлим // Маҷаллаи «Маорифи Тоҷикистон», 2023. - №8. - С.38-40.

11. Стратегияи миллии мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлими Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 // Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 октябри соли 2019, №482. - Душанбе, 2019.

**Хубон НАЗИРӢ**
*рӯзноманигор*

## РАВАНДИ ОБШАВИИ ПИРЯХҲО ВА АЛОҚАМАНДИИ ОН БО ТАҒЙИРЁБИИ ИҚЛИМ

Мусаллам аст, ки таъсири манфии тағйирёбии иқлим ба захираҳои об ба пайдоиши муаммоҳое, чун афзоиши ҳарорати ҳавои наздизаминӣ дар садаи охир, ки боиси коҳишёбӣ ва азбайнравии захираҳои об, аз ҷумла пиряхҳо гардидааст, мушкилоти экологии инсонро боз мураккабу афзун намуда, дар ин замина офатҳои фоҷиаборро ба бор овард. Аз ҷумла, мувофиқи Нишондиҳандаҳои рушди ҷаҳонӣ давоми 60 соли охир ҳарорати ҳаво дар сатҳи сайёра аз 0,5°С то 1,0°С афзуда, боиси таъсири амиқ ба захираҳои об, махсусан пиряхҳо гардидааст. Дар баробари ин, коршиносон арёзбӣ мекунанд, ки ин раванд ҳамасола ба иқтисодиёти ҷаҳон то 2 трлн доллари амрикоӣ хисорот ворид намуда, бо рушди демографӣ ҳиссаи замини кишти ба ҳар сари аҳолӣ ва таъмини аҳолӣ бо оби тозаи нӯшокӣ тадриҷан коҳиш меёбад. Азбаски дар тамоми манотиқи кураи арз қисми зиёди захираҳои об аз пиряхҳо сарчашма мегиранд, бинобар ин, таъсироти манфии гармшавии иқлим қабл аз ҳама дар коҳишёбии ҳаҷм ва майдони пиряхҳо мушоҳида мешавад.

Агар ба таърихи беш аз 130-солаи мониторинги системаи ҷаҳонии пиряхҳо назар намоем, мебинем, ки ҳанӯз соли 1894 дар рафти Конгресси VI-уми байналмилалии геологӣ дар Швейсария (Сюрих) Комиссияи байналмилалии пиряхҳо таъсис ёфта, ба мониторинги ҷаҳонии пиряхҳо бунёд гузошт. Ҳанӯз он замон касе доир ба тағйирёбии иқлим ё гармшавии иқлим аз ҷониби инсон ҳарф намезад. Сипас, бори нахуст дар

доираи Даҳсолаи байналмилалии гидрологӣ (солҳои 1965-1974) таҳти сарпарастии Идораи Созмони Милали Муттаҳид оид ба масъалаҳои маориф, илм ва фарҳанг (UNESCO) зарурати барӯйхатгирии ҷаҳонии массаи бисёрсолаи ях ва барф баррасӣ гардид. Соли 1986 аз ҷониби Барномаи СММ оид ба муҳити зист (UNEP), UNESCO ва Созмони ҷаҳонии обуҳавошиносӣ (WMO) Хадамоти мониторинги ҷаҳонии пиряхҳо оид ба нигоҳдории маълумотҳои мушоҳидаю тағйирот дар пиряхҳо ба фаъолият шурӯъ намуд. Барномаи байниҳукуматии гидрологии UNESCO бошад, бахшида ба 100-солагии мониторинги ҷаҳонии пиряхҳо монографияи «*Дар асри дуюми мониторинги ҷаҳонии пиряхҳо*»-ро (соли 1988) ба нашр расонид ва дар таҳияву нашри *Таснифи байналмилалии барфҳои мавсимӣ дар сатҳи замин* (соли 2009) ва *Луғати (Глоссарий) тавозуни массаи пиряхҳо ва истилоҳоти марбут ба он* (соли 2011) мусоидат намуд.

Дар ин маврид бояд тазаккур дод, ки баҳри омӯзиши пиряхҳои Тоҷикистон ду маротиба (солҳои 1928 ва 1957) экспедитсияҳои бузурги илмию тадқиқотӣ созмон дода шуда, ҳолати пиряхҳо, қабати барф ва динамикаи шароитҳои метеорлогӣ дар ноҳияҳои яхистони кишвар мавриди мушоҳидаву омӯзиш қарор гирифтанд. Арзёбиҳои илмӣ нишон медиҳанд, ки аз соли 1956 то соли 1990 захираи пиряхҳои Осиёи Марказӣ беш аз 3 маротиба коҳиш ёфтааст, ки ин ба ҳар соле, ба ҳисоби миёна 0,6-0,8% ва 0,1% кам шудани майдону ҳаҷми яххо баробар аст. Дар баробари ин, тибқи далелҳо, пиряхҳои Тоҷикистон, ки манбаи асосии дарёҳои ҳавзаи баҳри Арал мебошанд, давоми асри пор зиёда аз сеяки ҳаҷми худро гум кардаанд. Дар ин маврид ҳақ ба ҷониби Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аст, ки зимни суханронии хеш дар ҷаласаи нахустини Панели сатҳи баланд оид ба масъалаҳои об ва иқлим ба ҳолат ва

дурнамои пиряххои Тоҷикистон ва ҷаҳон таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуда, минҷумла дар баробари раванди босуръати таназзули пиряҳои Арктика, Антарктида ва Гренландия, аз тағйироти ҷиддӣ дар пиряххои континенталӣ (хушкӣ) ёдовар гардиданд. Зеро аз рӯйи натиҷаҳои тадқиқоти илмӣ, танҳо давоми 70-80 соли охир пиряхи Ванҷях беш аз як километр ақибнишинӣ карда, масоҳаташ то 44 $км^2$ ва ҳаҷмаш 15 $км^3$ коҳиш ёфтааст.

Аз ин ҷо бармало мегардад, ки ҳеҷ як натиҷаю дастовардҳои ниҳодҳои минтақавию байналмилалӣ раванди таназзулёбии пиряхҳо ва коҳишёбии майдонҳои яхистонро ба андозаи ташаббуси VI-ми Пешвои маҳбуби миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, яъне Соли байналмилалии ҳифзи пиряххо (соли 2025), Рӯзи ҷаҳонии ҳифзи пиряххо (21 март) ва таъсиси Бунёди махсуси байналмилалии ҳифзи пиряххо, ба таври возеҳу равшан ба ҷомеаи ҷаҳонӣ нишон дода натавонистанд. Зеро иқдоми навбатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳамияти пиряххоро ҳамчун ҷузъи таркибии даври гидрологӣ ва таъсири обшавии босуръати онҳоро ба иқлим, муҳити зист, экосистемаҳо, саломатии аҳолӣ ва рушди устувор махсусан зикр намуда, таъсири гармшавии глобалии иқлимро боиси коҳиш густурдаи криосфера арзёбӣ менамояд. Ва дар натиҷаи таъсири манфии гармшавии глобалии иқлим устуворӣ дар ноҳияҳои кӯҳсор коҳиш ёфта, миқдору мавсими маҷрои об ва захираҳои обро дар ҳавзаи дарёҳои барфу пиряхдор, аз ҷумла ҳавзаи дарёҳои Тоҷикистон тағйир додааст ва маҳз ин омил ба паст шудани маҳсулоти кишоварзӣ, афзоиши норасоии об ва баландшавии сатҳи оби баҳру уқёнусҳо таъсир мерасонад.

Аз ин ҷо бармало мегардад, ки тағйирёбии глобалии иқлим ба масъалаи бағоят муҳимми ҷомеаи ҷаҳонӣ дар асри XXI табдил ёфта, он на танҳо мушкилоти кишвари алоҳида ё минтақавӣ, балки мушкилоти тамоми кураи арз ва инсоният

мебошад ва маҳз тағйирёбии иқлим боиси баландшавии ҳарорати ҳавои наздизаминии атмосфера, густариши биёбоншавӣ, коҳишёбии захираҳои об, вусъатёбии раванди пиряхҳо дар сатҳи сайёра, аз ҷумла Тоҷикистон, зиёдшавии офатҳои марбут ба он гардидааст. Ҳарчанд Ҷумҳурии Тоҷикистон дар партовҳои газҳои гулхонаӣ дар миқёси минтақа ва ҷаҳон саҳми ночиз дорад, вале яке аз кишварҳои ба раванди мазкур осебпазир арзёбӣ мешавад. Тавъам ба ин, обшавӣ пиряхҳо ва коҳишёбии майдонҳои яхистон на танҳо барои Тоҷикистон ва минтақаи Осиёи Марказӣ, балки барои тамоми кишварҳои ҷаҳон ташвишовар мебошад. Фарзи мисол, аз рӯйи арзёбиҳо, давоми 70 соли охир 98%-и майдонҳои яхистони Венесуэла коҳиш ёфта, мувофиқи пешгӯйии коршиносон, пиряхҳои Индонезия, Мексика ва Словения бо ин мушкил рӯ ба рӯ мешаванд ва дар маҷмӯъ, то соли 2100 аз 20 то 80 дарсади пиряҳои кураи арз ба ҳолати амиқи таназзулёбӣ гирифтор мешаванд. Албатта, раванди мазкур дар ҳолест, ки 60% захираҳои оби минтақаи Осиёи Марказӣ аз пиряхҳои Тоҷикистон сарчашма мегиранд.

Мусалламан, мушкилоти мавҷуда ва дигар масоили марбут ба онро Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон амиқан ва бо диди хеле фарох таҳлилу баррасӣ намуда, пасон «Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо»-ро ҳамчун иқдоми моҳияти ҷаҳонию инсонидошта пешниҳод намуданд. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пиряхҳоро захираи асосии оби соф арзёбӣ карда, изҳор доштанд, ки обшавии босуръати онҳо дар баробари зиёдшавии истеъмоли об, ки бо афзоиши аҳолӣ ва рушди иқтисодӣ вобастагӣ дорад, метавонад ба оқибатҳои бағоят манфӣ оварда расонад. Муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид доштанд, ки обшавии пиряхҳои Арктика, Антарктида ва дигар ноҳияҳои яхистони наздик ба баҳру уқёнусҳо боиси баландшавии сатҳи Уқёнуси ҷаҳонӣ

гардидааст ва ин омил, дар навбати худ метавонад ба ҳаёт ва накӯаҳволии садҳо миллион сокинони сайёра, хусусан дар кишварҳои хурди ҷазиравӣ ва манотиқи наздисоҳилии онҳо, таҳдид ба бор орад. Маҳз бо назардошти ин мушкилот, иқдоми навбатии Сарвари давлат, ки чандин иқдоми тавъам ба он ва наҷибро дар бар мегирад, аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ ба хушнудӣ пазируфта шуд ва санаи 14 декабри соли 2022 Маҷмаи Умумии СММ зимни баргузории иҷлосияи 77-уми худ Қатъномаи «Соли 2025 – Соли байналмилалии ҳифзи пиряххо»-ро бо иттифоқи оро ва ҷонибдории 153 кишвари ҷаҳон пазируфт. Ва ҳамин тавр, пешниҳодоти ироашудаи ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар шахсияти Сарвари хирадманду дурандеши он муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз ҷониби раёсат ва кишварҳои узви СММ дастгирӣ ёфтанд:

– Эълон гардидани 21-уми март ҳамчун Рӯзи байналмилалии ҳифзи пиряххо;

– Эълон шудани соли 2025 ҳамчун Соли байналмилалии ҳифзи пиряххо;

– Дар назди СММ таъсис додани Бунёди боварии байналмилалӣ барои саҳмгузорӣ ба ҳифзи пиряххо;

– Дар соли 2025 (29-31 май) баргузор намудани нахустин Конфронси байналмилалӣ оид ба ҳифзи пиряххо дар шаҳри Душанбе.

Маврид ба зикр аст, ки ҳадафи меҳварии Конфронси байналмилалӣ оид ба ҳифзи пиряххо дар доираи Соли байналмилалӣ ҳифзи пиряххо пешбурди талошҳои ҷаҳонӣ ҷиҳати коҳиш додани таъсироти манфии тағйирёбии иқлим ба пиряххо, бартараф намудани раванди обшавии пиряххо ва таъсироти густурдаи он тавассути амалиёти муштарак, навовариҳои илмӣ ва ҳамоҳангии фаъолияти сиёсӣ байни кишварҳо ва ниҳодҳои минтақавию байналмилалӣ, тавассути сафарбар намудани захираҳо ва мусоидат ба ҳамкориҳои

байналмилалӣ мебошад. Ҳамзамон, зерҳадафҳои асосии конфронси мазкур аз тақвият бахшидани тадқиқоти илмӣ ва мониторинги динамикаи пиряххо, коҳиш додани оқибатҳои иқтисодию иҷтимоии раванди таназзулёбии пиряхҳо ва пешбурди стратегияҳои ҳамгирошудаи мутобиқнамоӣ, аз қабили системаҳои огоҳкунии бармаҳал ва коҳиши хатари офатҳои табиӣ иборат мебошад. Аз ин рӯ, бо боварии комил метавон гуфт, ки ҷомеаи ҷаҳонӣ ҳамчунин дар татбиқи саривақтии дигар ҳадафу уҳдадориҳои марбут ба обу иқлим ва пиряххову экология, бахусус баргузории Конфронси байналмилалии ҳифзи пиряххо, ки рӯзҳои 29-31 майи соли 2025 дар шаҳри Душанбе баргузор хоҳад гашт, саҳм хоҳад гузошт.

Ҳамин тавр, барои ҳифзи пиряххо ва коҳиш додани таъсири тағйирёбии иқлим, кам кардани партовҳои газҳои гулхонаӣ, пешбурди таҷрибаҳои устувор ва дастгирии тадқиқот оид ба ҳифзи пиряхҳо бағоят муҳим аст ва ҷомеаи ҷаҳониро зарур аст, ки дар масири мубориза бо тағйирёбии иқлим чораҳои муштараки саривақтӣ андешад:

*Коҳиш додани партови газҳои гулхонаӣ*. Гузариш ба манбаъҳои барқароршавандаи энергия, баланд бардоштани самаранокии энергия ва қабули энергияи устувор амалия, интихоби дурусту устувори ҳар як фард барои кам кардани партови газҳои гулхонаӣ бо ҳаракатҳои шахсӣ, аз ҷумла интихоби дуруст ва устувор дар рафти фаъолияти ҳаёт метавонанд нақши калон гузоранд. Ҳарчанд ин дар назари аввал ночиз менамояд, вале дар маҷмӯъ аҳолӣ метавонад миллиардҳо тонна $CO^2$, $CH_4$, $N_2O$ ва дигар газҳои заҳрнокро сарфа кунад. Интихоби дурусти устувор ва қадамҳои муҳим дар масири мубориза бо тағйирёбии иқлим, кам кардани истеъмоли аз меъёр зиёди гӯшт ва истифодаи ҷойивазкунандаи он бо маҳсулоти лӯбиёгӣ, хариди маҳсулоти маҳаллӣ, хариди ашёи таъмиршаванда,

истифодаи энергияи барқароршаванда, сарфа намудани барқ дар хона, бештар пиёдагардӣ ё бо велосипед, поезд, электроавтобус, троллейбус сафар кардан ва амсоли инҳо мебошанд.

*Ҳифзи экосистемаҳо.* Ҳифзи ҷангалҳо ва барқарорнамоии онҳо, ботлоқзорҳо, боғҳову манзараҳо, системаи экологии баҳриву уқёнусӣ ва дигар экосистемаҳои табиӣ ба танзими иқлим ва азхудкунии гази карбон кӯмак мекунанд. Ёдовар шудан ба маврид аст, ки бо ин мақсад, бо ташаббуси бевоситаи Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон *Барномаи мушаххаси давлатӣ оид ба кабудизоркунӣ барои давраи то соли 2040*, қабул гардидааст ва ҳадафи асосии он ба коҳиш додани газҳои гулхонаӣ, барқарорсозии ҳолати экологии ҳавои атмосфера, нигоҳдории устувори тавозуни табиӣ, мутобиқшавӣ ба равандҳои тағйирёбии иқлим нигаронида шудааст.

*Мусоидат ба рушди устувор* равиши махсусу мушаххасест, ки ҳадафи он таъмини тавозун байни рушди иқтисодӣ, ҳифзи муҳити зист ва эҳтиёҷоти иҷтимоӣ мебошад. Барои ҳифзи пиряххо ва экосистемаҳо рушди устувор нақши муҳим бозида, ба коҳиши таъсироти антропогенӣ ва тағйирёбии иқлим мусоидат менамояд. Дар ин самт бояд аз ҷониби кишварҳои мтараққӣ ба давлатҳои рӯ ба рушд, ки аз тағйирёбии иқлим осебпазиранд, барои инкишоф додани инфрасохтори устувор, дастрасӣ ва идоракунии устувори об, гузариш ба иқтисоди сабз дастгириро бештар намоянд, зеро агар кишварҳои бузурги саноатӣ дар партови газҳои гулхонаӣ саҳми асосӣ дошта бошанд, вале кишварҳое аз он бештар осеб мебинанд, давлатҳои рӯ ба рушд мебошанд. Бинобар ин, раванди мазкур имкон медиҳад, ки захираҳои табиӣ боэҳтиёт истифода шаванд ва экосистемаҳо, аз ҷумла пиряххо, ҳифз шаванд. Ин равиш ҳам барои ҳифзи табиат ва ҳам барои таъмини рушди

иқтисодӣ, ки ба наслҳои оянда таъсири манфӣ намерасонад, муҳим мебошад.

*Баланд бардоштани огаҳӣ*: Омӯзиши аҳолӣ дар бораи аҳамияти пиряххо ва пайомадҳои манфии таназзулёбии онҳо барои баланд бардоштани уҳдадориҳои байналмилалӣ оид ба ҳифзи онҳо муҳим аст. Аз ҷумла, тавассути корҳои тарғиботию ташвиқотӣ, навору гузоришҳои кӯтоҳи тарбиявӣ ба воситаи ВАО (рӯзнома, маҷалла, радио, телевизион, сомонаҳои интернатӣ) ва ғ.

Дар маҷмуъ, обшавии босуръати пиряххо мушкилоти глобалӣ буда, аз ҷомеаи ҷаҳонӣ татбиқи амалии чораҳои саривақтию таъхирнопазирро тақозо менамояд. Бо ҳалли масъалаҳои тағйирёбии иқлим, сармоягузорӣ ба равишҳову тадбирҳои мутобиқшавӣ ва рушди ҳамкориҳои байналмилалӣ, инсоният метавонад дар ҳифзи ин захираҳои табиии ҳаётан муҳим ва таъмини оянда устувори наслҳои оянда мусоидат намояд. Бо андешидани чунин тадбирҳо, инсон метавонад барои таъмини устувори захираҳои табиӣ, махсусан обу пиряххо ва хидматҳои муҳимми онҳо ба сайёраи ва бошандагони он мусоидат намоем.

**Рамзия ИМАТОВА**
*омӯзгори кафедраи*
*фанҳои гуманитарии*
*Донишгоҳи технологии Тоҷикистон*

## АҲАМИЯТИ СИЁСӢ ВА ИҶТИМОИИ ДИПЛОМАТИЯИ БИСЁРСАМТА ДАР РАВОБИТИ ХОРИҶИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Сиёсати хориҷӣ яке аз ҷузъҳои муҳими низоми сиёсати давлатӣ ба ҳисоб рафта, самти асосии фаъолияти як кишвар дар арсаи байналмилалиро муайян мекунад. Ин навъи сиёсат ифодаи манфиатҳои миллиро дар муносибат бо дигар давлатҳо ва созмонҳои байналмилалӣ дарбар гирифта, ба танзими равобити дуҷониба ва бисёрҷонибаи кишвар бо ҷаҳони беруна тавассути истифодаи василаҳои мухталифи дипломатӣ, сиёсӣ, ҳуқуқӣ ва иқтисодӣ равона мегардад. Ҳадафи асосии он – ҳимоя ва пешбурди манфиатҳои стратегӣ ва амнияти миллӣ, таъмини рушди устувори кишвар ва боло бурдани нуфузи он дар миқёси ҷаҳонӣ мебошад.

Дар ин раванд, дипломатия ҳамчун воситаи муассиртарини амалӣ намудани сиёсати хориҷӣ баромад мекунад. Он ҳамгироӣ ва муколама бо ҷомеаи байналмилалиро ба роҳ монда, барои рушди ҳамкориҳои гуногунсоҳа, ҳалли муноқишаҳо, баррасии мушкилоти глобалӣ ва ҷалби захираҳои хориҷӣ мусоидат менамояд. Дипломатияи муосир на танҳо ҳамчун василаи сиёсӣ, балки ҳамчун омили муҳими иқтисодӣ ва фарҳангӣ низ нақш мебозад.

Сиёсати хориҷӣ бо сиёсати дохилӣ робитаи ногусастанӣ дошта, муваффақияти он то ҳадде аз субот, рушди иҷтимоию

иқтисодӣ ва устувории сохтори идораи давлатӣ вобаста аст. Ҳар ду самт ҳамчун бахшҳои пуррагардида ва ҳамоҳангшудаи сиёсат бар асоси ҳадафҳои умумии давлатӣ ва манфиатҳои миллӣ амал менамоянд.

Бояд тазаккур дод, ки сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон низ бо дарназардошти манфиатҳои миллии кишвар, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон дар хориҷи кишвар, таҳкими истиқлолияти давлатӣ ва муаррифии давлат ҳамчун субъекти комилҳуқуқи муносибатҳои байналмилалӣ таҳия ва татбиқ мегардад. Ин раванд расман аз 31 декабри соли 2002 бо қабули принсипи сиёсати "дарҳои боз" шакл гирифт, ки ифодаи сиёсати бисёрсамта ва мутавозини Тоҷикистон дар арсаи ҷаҳонӣ мебошад.

Асосҳои сиёсати хориҷии Тоҷикистон ба як қатор принсипҳо ва ҳадафҳои стратегӣ такя мекунад. Яке аз сутунҳои асосии он эҳтироми истиқлолият ва баробарии ҳамаи тарафҳо мебошад, ки дар муносибатҳои байналмилалӣ нақши калидӣ мебозад. Тоҷикистон кӯшиш мекунад, ки бо ҳар як кишвар ва созмон бар пояи эҳтиром ва манфиатҳои мутақобилан судманд ҳамкорӣ намояд. Ҳадафи дигари муҳим таъмини амният, фароҳам овардани имконият барои дастрасӣ ба бозорҳои хориҷӣ ва ҷалби сармоягузории мустақим мебошад, ки барои рушди иқтисоди кишвар ва беҳбудии сатҳи зиндагии аҳолӣ аҳамияти хоса дорад. Инчунин, сиёсати хориҷии кишвар ба дипломатияи фаъол ва ҳамкориҳои минтақавию байналмилалӣ мутамарказ шудааст. Тоҷикистон бо истифода аз платформаҳои гуногуни созмонҳои минтақавӣ ва ҷаҳонӣ, аз қабили СММ, СААД, СҲШ ва дигарҳо, барои ҳалли мушкилоти глобалӣ, пешбурди ташаббусҳои миллӣ ва таҳкими нуфузи кишвар дар арсаи байналмилалӣ иқдом мекунад.

**Ҷадвали 1. Механизмҳои татбиқи дипломатияи бисёрсамта дар сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Манбаъ: Таҳияи муаллиф.**

| | Номи механизм | Мазмун ва моҳият | Намунаи татбиқ |
|---|---|---|---|
| | **Механизми ҳамкории дуҷониба** | Барқарорсозии равобити дипломатӣ ва иқтисодӣ бо кишварҳои гуногун | Созишномаҳои ҳамкорӣ бо Русия, Чин, Узбекистон ва дигарон |
| | **Механизми дипломатияи бисёрҷониба** | Иштирок дар ташкилотҳо ва созмонҳои минтақавӣ ва байналмилалӣ | Аъзогии фаъол дар СҲШ, СААД, СММ, ИДМ, ЭКО |
| | **Механизми ташаббусҳои байналмилалӣ** | Пешниҳоди ташаббусҳо дар масоили об, иқлим, амният ва рушди устувор | Ташаббусҳои обии Пешвои миллат дар СММ |
| | **Механизми дипломатияи иқтисодӣ** | Ҷалби сармоя, ҳамкориҳои тиҷоратӣ ва энергетикӣ бо кишварҳои гуногун | Созишномаҳои сармоягузорӣ бо Чин, Арабистон, Эрон ва кишварҳои Аврупоӣ |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | **Механизми дипломатияи фарҳангӣ ва илмӣ** | Табодули фарҳанг, таҳсилоти байналмилалӣ, донишҷӯён ва конфронсҳои илмӣ | Баргузории ҳафтаҳои фарҳангӣ ва конфронсҳои байналмилалӣ дар Тоҷикистон |
| | **Механизми амнияти минтақавӣ** | Ҳамоҳангсозии сиёсати амниятӣ бо кишварҳои минтақа | Ҳамкорӣ бо СААД, СҲШ ва дар марз бо Афғонистон |
| | **Механизми ҳуқуқӣ ва меъёрии сиёсати хориҷӣ** | Қабули санадҳо ва қонунҳо барои танзими равобити хориҷӣ | Қонуни "Дар бораи хизмати дипломатӣ", "Дар бораи шартномаҳои байналмилалӣ" |
| | **Механизми иттилоотӣ ва таблиғотӣ** | Муаррифии Тоҷикистон дар сатҳи байналмилалӣ, таҳкими симои мусбат | Агентии иттилоотӣ, саҳифаҳои расмӣ ва суханронии роҳбарият дар арсаи ҷаҳон |

Ҷадвали мазкур тасвири мукаммали ҷанбаҳои амалии татбиқи дипломатияи бисёрсамта дар сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистонро пешниҳод менамояд. Тавре ки дар ҷадвал нишон дода шудааст, сиёсати хориҷии Тоҷикистон бо истифодаи василаи ҳамзамон ва ҳамоҳангсозишудаи чандин

механизмҳо ба сӯи ҳадафҳои стратегии миллии худ равона мегардад.

Механизмҳои дуҷониба ва бисёрҷониба имконият медиҳанд, ки Тоҷикистон муносибатҳои гуногунсамтаро бо кишварҳо ва ташкилотҳои гуногуни минтақавӣ ва ҷаҳонӣ ба роҳ монад. Дар баробари ин, ташаббусҳои байналмилалии Тоҷикистон, бахусус дар соҳаи обу иқлим, дипломатияи кишварро дар арсаи ҷаҳонӣ ҳамчун ташаббускор муаррифӣ мекунанд.

Дипломатияи иқтисодӣ яке аз самтҳои муҳими стратегӣ маҳсуб меёбад, ки барои ҷалби сармоя ва ҳамгироии иқтисодӣ дар минтақа нақши калидӣ мебозад. Ҳамзамон, дипломатияи фарҳангӣ ва илмӣ ба таҳкими робитаҳои нарм (soft power) ва муаррифии симои мусбати кишвар мусоидат мекунад.

Аз ҷумла, механизмҳои амнияти минтақавӣ ва танзими меъёрии ҳуқуқӣ заминаи устувори сиёсӣ ва ҳуқуқии ҳамкориҳоро фароҳам меоранд, ки барои таҳкими суботи дохилӣ ва ҷойгоҳи байналмилалии Тоҷикистон хеле муҳим мебошанд. Дар маҷмӯъ, ҷадвал нишон медиҳад, ки дипломатияи бисёрсамтаи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо истифода аз маҷмӯи васеи василаҳо, аз ҳамкорӣ бо созмонҳои байналмилалӣ то ташаббусҳои дипломатии инфиродӣ, ба як навъи мувозинати хирадмандона дар сиёсати хориҷӣ ноил мегардад.

Аммо сиёсати хориҷии кишвар то қабули расмии принсипи мазкур марҳилаи мураккаби ташаккулро аз сар гузаронид. Ин марҳила аз оғози даврони истиқлол оғоз ёфта, дар заминаи мушкилоти иқтисодию иҷтимоӣ, гумшавии робитаҳои собиқи иттиҳодиявӣ, буҳрони амиқи молиявӣ ва, махсусан, ҷанги таҳмилии шаҳрвандии солҳои 1992–1997 ба вуқӯъ пайваст. Ин ҳама омилҳо татбиқи босамари сиёсати хориҷиро дар солҳои аввал мушкил мегардониданд.

Бо ба сари қудрат омадани ҳукумати қонунии кишвар тахти роҳбарии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва қабули самти сиёсати хориҷии бисёрсамта, марҳилаи нави рушди ин сиёсат оғоз гардид. Аз рӯзҳои аввал, Президенти кишвар бо хирадмандӣ ва дурандешӣ дарк намуд, ки рушди устувори Тоҷикистон бидуни робитаи зич бо ҷомеаи ҷаҳонӣ ва ҳамгирой бо низоми муносибатҳои байналмилалӣ ғайриимкон аст. Вобаста ба ин як қатор шартномаҳои ҳамкори ба кишварҳои ҳамсоя ба тасвиб расид, ки дар диаграммаи дар зер овардашудааст.




**Манбаъ: таҳияи муаллиф**

Аз рӯи диаграммаи мазкур маълум аст, ки ҷамъи ҳамкориҳои дипломатии Тоҷикистон бо кишварҳои ҳамсоя дар солҳои 2018 то 2024 бо чӣ шиддат ва фарқият рушд кардааст.

Узбекистон бо нишондиҳандаи 66 ҳамкорӣ дар ҷойи аввал қарор дорад. Ин далели равшани рушди босуръати равобити сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ миёни ду кишвар баъд аз беҳбуди

муносибатҳо пас аз соли 2016 мебошад. Муносибатҳои тиҷоратӣ, кушодани роҳҳо, табодули донишҷӯён ва афзоиши созишномаҳои марбут ба обу энергетика ин рақамро шарҳ медиҳанд.

Чин бо 60 ҳамкорӣ дар ҷойи дувум қарор гирифтааст. Чин шарики муҳими стратегӣ барои Тоҷикистон ба ҳисоб меравад ва ҳамкориҳо бештар ба самтҳои сармоягузорӣ, амният, сохтмони инфрасохтор ва лоиҳаҳои энергетикӣ равона шудаанд.

Афғонистон бо 46 ҳамкорӣ дар ҷойи сеюм ҷой гирифтааст. Ин рақам вобаста ба тағйироти сиёсӣ ва амниятӣ дар худи Афғонистон каме тағйирпазир буд, аммо Тоҷикистон ҳамчун ҳамсояи наздик манфиатдор аст дар суботи минтақавӣ ва ҳамкорӣ дар бахшҳои нақлиёт, энергетика ва муҳоҷират.

Қирғизистон бо 35 ҳамкорӣ дар сатҳи пасттар қарор дорад. Сабабҳои асосӣ — баҳсҳои марзӣ ва муноқишаҳои даврӣ мебошанд. Бо вуҷуди ин, музокиротҳо ва талошҳои дипломатӣ барои беҳбуди равобит идома доранд.

Диаграмма возеҳ нишон медиҳад, ки Тоҷикистон сиёсати хориҷии бисёрсамта ва ҳамкориҳои гуногунсамтиро бо кишварҳои ҳамсоя дар асоси манфиатҳои муштарак ва зарурати таъмини суботи минтақа татбиқ менамояд. Афзоиши ҳамкорӣ бо Узбекистон ва Чин натиҷаи дипломатияи фаъол ва мутавозини кишвар мебошад.

Яке аз аввалин ифодаҳои возеҳи самтгирии сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Муроҷиатномаи таърихии Сарвари давлат ба мардуми кишвар, ки санаи 12 декабри соли 1992 ироа гардид, таҷассум ёфт. Дар ин ҳуҷҷати барномавӣ, ки дар шароити душвори баъд аз ба даст овардани истиқлолият ва оғози ҷанги шаҳрвандӣ таҳия шуда буд, принсипҳои асосии сиёсати хориҷии кишвар ба таври равшан муайян карда шуданд.

Дар ин муроҷиатнома таъкид гардида буд, ки Тоҷикистон бояд ҳамчун субъекти мустақили муносибатҳои байналмилалӣ ба ҷомеаи ҷаҳонӣ ворид гардад, муносибатҳои дипломатӣ бо кишварҳои ҷаҳон бар пояи баробарӣ ва манфиатҳои мутақобила бунёд ёбанд, ва узвият ба созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ ба сифати омили таҳкими мақому манзалати кишвар дар арсаи ҷаҳонӣ таъмини амният ва рушди устувор арзёбӣ карда шавад [1].

Инчунин, таҳкими робитаҳо бо кишварҳои ҳамминтақа ва ИДМ ҳамчун яке аз самтҳои стратегӣ пешниҳод гардид, ки на танҳо ба барқарории суботи дохилӣ, балки ба рушди иқтисодӣ ва ҳамгироии минтақавӣ мусоидат мекард. Ин ҳуҷҷат, воқеан, нуқтаи оғози ташаккули сиёсат ва дипломатияи муосири Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор меравад ва самти ҳаракати минбаъдаро дар сиёсати хориҷии кишвар муайян намуд.

Санаи 4 январи соли 1992, яке аз ҳуҷҷатҳои муҳими барномавии давраи аввали истиқлолияти давлатӣ – "Муроҷиатнома ба кишварҳои ҷомеаи ҷаҳонӣ" аз ҷониби Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардид. Ин санади сиёсӣ ифодаи иродаи қатъии давлат ва мардуми Тоҷикистон дар самти пайвастан ба ҷомеаи ҷаҳонӣ ва ташаккули сиёсати хориҷии мустақил ба шумор мерафт [2].

Дар муроҷиатнома равшану ошкоро ҳадафҳои стратегии Тоҷикистон дар самти муносибатҳои байналмилалӣ баён гардида, чунин масоили калидӣ, аз ҷумла таъмини фазои демократӣ дар дохили кишвар, истифодаи таҷрибаи пешқадами ҷаҳонӣ, гузариш ба иқтисоди бозаргонӣ, фароҳам овардани шароити мусоиди ҳамкории иқтисодӣ бо кишварҳои хориҷӣ, ва тақвияти мақоми Тоҷикистон ҳамчун узви комилҳуқуқи ҷомеаи ҷаҳонӣ таъкид ёфтанд.

Ба андешаи мо, ин санад на танҳо ифодаи ҳадафҳои сиёсӣ ва иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони нав буд, балки ҳамчун поягузори ҳуқуқии дархости расмии шомилшавии кишвар ба созмонҳо ва сохторҳои байналмилалӣ хизмат кард. Ҳамзамон, он ба ҷомеаи байналмилалӣ паёми равшан фиристод, ки Тоҷикистон омодааст бо кишварҳои дунё бар асоси принсипҳои эҳтироми мутақобила, ҳамкорӣ ва ҳамзистии осоишта равобити дипломатӣ барқарор намояд. Маҳз ин муроҷиатнома дар таърихи ташаккули сиёсати хориҷии кишвар нақши муҳим бозида, заминаи ҳуқуқӣ ва сиёсӣ барои ба расмият шинохтани истиқлолияти Тоҷикистон ва эътирофи он ҳамчун субъекти муносибатҳои байналмилалӣ гардид.

Бешак, бояд қайд намуд, ки муваффақияти сиёсати хориҷӣ ва рушди низоми дипломатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар марҳилаи истиқлолият ба омилҳои гуногуни дохилӣ ва хориҷӣ алоқаманд мебошад. Аз ҳама муҳим, ин муваффақият беш аз ҳама аз барномарезии ҳушмандона, диди стратегӣ ва дурандешии роҳбарияти сиёсӣ, бахусус нақши муассири Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон сарчашма мегирад.

Ташаккули сиёсат ва дипломатияи самаранок дар кишвар бо такя ба анъанаҳои таърихии давлатдорӣ, арзишҳои миллӣ, фарҳангӣ ва маънавӣ, инчунин касбияти баланди мутахассисони соҳаи муносибатҳои байналмилалӣ ва дипломатия сурат гирифтааст [3].

Ба андешаи сиёсатшиносон ва таҳлилгарони умури байналмилалӣ, ҳадафи асосии ҳар як сиёсати хориҷӣ — таъмини манфиатҳои миллӣ, ҳифзи истиқлолияти сиёсӣ, амният, суботи дохилӣ ва муаррифии шоистаи кишвар дар арсаи ҷаҳонӣ ба шумор меравад. Дар ҳамин замина, сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон низ аз рӯзҳои нахустини

истиқлолият ба ин ҳадафҳо такя намуда, роҳу равиши фаъолияти хориҷии худро бар асоси тавоҷҷуҳ ба манфиатҳои миллӣ ва эҳтироми меъёрҳои байналмилалӣ тарҳрезӣ намуд.

Ба андешаи мо агар ба таърихи 30- соли охир назар афканем, равшан мегардад, ки сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон марҳилаҳои муҳими ташаккул, рушди устувор ва таҳаввули сифатӣ-ро паси сар намудааст. Дар ин раванд нақши Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун меъмори асосии сиёсат ва дипломатияи муосири тоҷик хеле назаррас ва тақдирсоз мебошад. Зери роҳбарии оқилонаи ӯ, кишвар тавонист дар фазои бисёрсамта ва мураккаби байналмилалӣ мавқеи худро муайян ва таҳким бахшад, робитаҳои мутақобилан судманд бо кишварҳои ҷаҳон ва созмонҳои байналмилалиро ба роҳ монад, ва симои дипломатии Тоҷикистони соҳибистиқлолро дар сатҳи ҷаҳонӣ устувор гардонад.

Таърих ва таҷриба нишон медиҳанд, ки маҳз хирад, садоқат, масъулиятшиносӣ ва касбияти баланд дар сатҳи идоракунии сиёсати хориҷӣ ва хадамоти дипломатӣ буданд, ки имкони татбиқи як сиёсату дипломатияи босамар ва манфиатоварро фароҳам оварданд. Имрӯз Тоҷикистон ба ҳайси кишвари фаъол, ташаббускор ва эътимоднок дар бисёр масъалаҳои глобалӣ ва минтақавӣ шинохта мешавад, ки ин ҳама дастоварди сиёсати хориҷии устувор ва дипломатияи оқилона мебошад.

Ҳамзамон, дар ҷараёни ташаккули сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон, қабул ва тасвиби як қатор асноди муҳими меъёрӣ-ҳуқуқӣ, ки заминаи ҳуқуқии фаъолияти хориҷии давлатро муайян менамоянд, нақши калидӣ бозиданд. Ин санадҳо ба тартиб додани сохтор ва низоми амалисозии сиёсати хориҷӣ, муайянсозии мақоми мақомоти дахлдор ва танзими равобити байналмилалии кишвар

мусоидат намуда, заминаи сифатии ҳуқуқӣ барои рушди дипломатияи касбӣ ва ҳамкориҳои хориҷӣ фароҳам оварданд. Дар ин замина, асноди зерин дорои аҳамияти махсус ба ҳисоб меравcomponentand:

Низомнома дар бораи Сафорати Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз 23 январи соли 1995, №165, ки тартиби ташкили фаъолияти сафоратҳои хориҷии кишвар ва ваколатҳои онҳо дар кишварҳои муқимро танзим менамояд;

Низомнома дар бораи ҳуқуқу уҳдадориҳои асосии Сафири Фавқулода ва Мухтори Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҳамон санаи 23 январи соли 1995, №165, ки мақому вазифаҳои намояндагони олитарини дипломатии кишварро мушаххас мекунад;

Оинномаи консулии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз 30 июли соли 1998, №275, ки асосҳои фаъолияти муассисаҳои консулии кишвар, тарзи ҳамкорӣ бо шаҳрвандон ва муҳофизати ҳуқуқи онҳо дар хориҷро муайян месозад;

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи шартномаҳои байналмилалӣ", ки дар се муҳлат – 06 августи 2001, 28 декабри 2005 ва 22 июли 2013 – қабул ва таҷдиди назар гардид ва механизми ҳуқуқии бастан, тасдиқ, иҷро ва қатъ кардани созишномаҳои байналмилалиро танзим менамояд;

Консепсияи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз 24 сентябри соли 2002, ки принсипҳо, ҳадафҳо ва самтҳои асосии сиёсати хориҷиро дар заминаи муосири геополитикӣ муайян менамояд;

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи хизмати дипломатӣ", аз 2 декабри соли 2002, ки принсипҳои ташкил ва татбиқи фаъолияти дипломатиро ба танзим медарорад ва асоси ҳуқуқии ташкили хадамоти касбии дипломатиро ташкил медиҳад.

Қабули ин санадҳо ба таври муассир ба таҳкими заминаи ҳуқуқии сиёсати хориҷии кишвар, тақвияти сохторҳои марбутаи идоракунии дипломатӣ ва фароҳам овардани шароити мусоиди ҳуқуқӣ барои фаъолияти муассисаҳои хориҷии Тоҷикистон мусоидат намуданд. Ин раванд дар ниҳоят, ба ташаккули сиёсати хориҷии самаранок ва дипломатияи муосири миллӣ заминаи воқеӣ гузошт.

Дар робита бо гуфтаҳои боло зикр намудан ба маврид аст, ки сиёсати хориҷӣ ҳамчун ҷузъи таркибии сиёсати давлатӣ ба танзими муносиботи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ҷомеаи байналмилалӣ нигаронида шуда, ба ҳимояи манфиатҳои миллӣ, таҳкими истиқлолият, таъмини амният ва рушди устувор мусоидат менамояд. Дар шароити пас аз истиқлолият ва душвориҳои марҳилаи гузариш, сиёсати хориҷии кишвар бо қабули принсипи "дарҳои боз" шакли мутавозин ва бисёрсамта гирифт.

Ташаккули дипломатияи тоҷик дар ин давра бо такя ба таҷрибаи таърихӣ, арзишҳои миллӣ ва сиёсати хирадмандонаи роҳбарияти кишвар, бахусус Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, амалӣ гардид. Қабули як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ заминаи ҳуқуқии мустаҳками рушди сиёсати хориҷиро фароҳам овард ва ба таҳкими нуфузи байналмилалии Тоҷикистон мусоидат намуд. Имрӯз Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун субъекти фаъоли муносибатҳои байналмилалӣ шинохта шуда, дар ҳалли масъалаҳои глобалӣ ва минтақавӣ саҳми назаррас мегузорад, ки ин дастоварди сиёсати хориҷии устувор ва дипломатияи босамари он маҳсуб меёбад.

## Адабиёт

1. Раҳматуллозода Э. Дипломатияи тоҷик таърихи чандҳазорсола дорад. URL: https://pressa.tj/diplomatiyai-to-ik-tarihi-chandin-azorsola-dorad/ (санаи муроҷиат: 12.10.2022).

2. Назриев Д., Сатаров И. Республика Таджикистан: история независимости. Год 1992-й. Душанбе, 2005

3. Рахмонов Э. Независимость Таджикистана и возрождение нации. Том первый – Душанбе, 2004. -358 с. С. 119

4.Зокиров Г.Н. Сиёсатшиносӣ. Душанбе: "ЭР-граф", 2010. С. 490.

5.Маҳмадов П., Шарифов А. Хадамоти дипломатии кишварҳои хориҷӣ. Душанбе: "Сармад компания", 2018. С. 349.

6.Мирзоев Н.М., Мирзоев Ҳ.Т. Инъикоси дипломатияи тоҷик дар сарчашмаҳои таърихӣ. file:///C:/Users/pc/Downloads/osveschenie-istorii-tadzhikskoy-diplomatii-v-istoricheskih-istochnikah.pdf (санаи муроҷиат: 15.02.2025).

7.Муҳаммадзода П. А. Малангова И. И. Таҳлили дастовардҳои сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2013-2020 //Тоҷикистон ва ҷаҳони муосир. 2020, №4(72) С.16.

8.Назаров Т., Сатторзода А. Дипломатияи муосири тоҷик. – Душанбе: "Ирфон", 2006.

9.Назриев Д., Сатаров И. Республика Таджикистан: история независимости. Год 1992-й. Душанбе, 2005.

10.Неъматов Н. Давлати Сомониён: тоҷикон дар асрҳои IX-X.- Душанбе: Ирфон, 1989. 304 с.

11.Нуриддинов Р.Ш. Дипломатия. Душанбе: "ЭР-граф", 2017. -576 с.

12.Рахмонов Э. Независимость Таджикистана и возрождение нации. Том первый – Душанбе 2004, 358 с.С. 119

**Идона АМИНОВА**
*магистранти курси дуюми*
*шуъбаи илмҳои тиббӣ ва фарматсевтии*
*назди Раёсати Академияи миллии*
*илмҳои Тоҷикистон*

## ВИРУСИ ТАВХОЛ ВА ПАҲНШАВИИ ОН МИЁНИ КӮДАКОН

Яке аз проблемаҳои ҷиддии тиббию иҷтимоии замони ҳозира сироятёбӣ бо вируси тавхол ба ҳисоб меравад. Ин бемори майли гузариши вазнин дошта, сифати зиндагии одамонро паст намуда, мутобиқшавии иҷтимоиро вайрон мегардонад. Дар даҳсолаи охир босуръат зиёдшавии сироятёбӣ бо вируси тавхоли одӣ дар тамоми кураи замин ба қайд гирифта шуда, нисбати зиёдшавии аҳолӣ дар пеш меистад [1,10].

Бемории вирусии тавхол объекти фаъоли тахқиқотҳои илмӣ ба ҳисоб рафта, соҳаҳои гуногуни тиб ба омӯзиши он машғул мебошанд. Ин раванд бо он алоқаманд аст, ки дар заминаи доимо ба сироят дучор гардидани аҳолӣ ба онҳо ҳамроҳ гардидани сирояти вируси тавхоли одӣ гузариши бемориҳои сироятиро вазнин мегардонад. Дар замони ҳозира зиёда аз 6 навъи вируси барангезандаи бемории тавхол кашф карда шудааст, ки ҳар кадоми онҳо аз якдигар фарқ дошта, сабаби пайдоиши бемориҳои гуногунӣ вирусӣ мегарданд. Душвории дигар ҳангоми сироятёбӣ бо вируси тавхоли одӣ аз он иборат аст, ки оид ба пешгирии паҳншавии вирус мушкилоти зиёд вуҷуд дорад [2,107]. Зеро ин беморӣ дар баъзе ҳолатҳо бе ягон аломати клиникӣ, дар ҳолатҳои дигар бошад, дар шакли атипикӣ мегузарад ва ҳар кадоми онҳо майл

нисбати табдил ёфтан ба ҳолати музминро дошта, баъдан тез-тез хуруҷ мекунад.

Таҳқиқотҳои солҳои охир нишон медиҳанд, ки ба ҳисоби миёна дар байни популятсияҳо ҳангоми сироятёбӣ бо вируси тавхоли одӣ аз 50 то 80%-и сироятёфтагон дучори норасоии масунияти бадан гардида, боиси тез-тез хуруҷ кардани бемории шуда, дар натиҷа ба ҳолати равонию иҷтимоии беморон таъсири манфии худро мерасонад [3,9]. Ҳангоми сироят ёфтан бо вируси тавхоли одӣ аломатҳои клиникии беморӣ бениҳоят гуногун буда, аз шакли сироятёбии пинҳонӣ то ба сепсис дучор гардидан вохурда, танзими он душвор мегардад [4, 7].

Чи хеле ки ба ҳамагон маълум аст, омӯзиши хусусиятҳои биологӣ, паҳншавӣ ва пешгирии сироятёбӣ аз вируси тавхол яке аз мубрамтарин масъалаҳои тибби дунё ва Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Ба ақидаи коршиносони ташкилоти байналхалқии тандурустӣ, дар замони ҳозира зиёда аз 50%-и аҳолии кураи замин бо вируси тавхол сироят ёфтаанд. Муҳимияти мавзуъ аз он иборат аст, ки вирусҳои тавхол якчандто буда, зиёда аз даҳтои онҳо ангезандаҳои гуногуни бемориҳои сироятӣ ба ҳисоб меравaнд [5,32]. Гарчанде қисми зиёди ин вирусҳо бемориҳои сироятиеро ба амал меоранд, ки аломатҳои клиникиашон на он қадар равшан аст, вале гурӯҳи дигари ин вирусҳо боиси инкишофи бемории саратон, гурӯҳи сеюми вирусҳои тавхол бошад, системаи иммунии организмро суст намуда, сабаби сироятёбӣ бо вируси норасоии масунияти бадан мегарданд [6,1534; 7,25].

Бинобар ин, мо дар доираи рисолаи магистрии худ ва дар асоси худмуроҷиати шаҳрвандон хусусияти эпидемиологии вируси одии тавхол -- 1-ро дар байни кӯдакони синну солашон гуногун зери санҷиши худ қарор додем.

Дар расми 1 ҳамаи кӯдакони синну солашон гуногун, ки оид ба муайян намудани вируси тавхоли одии 1 дар зери санҷиш қарор доштанд, ба ҳисоби миёна 1015-нафарро дар бар мегиранд. Чи хеле ки ба ҳамагон маълум аст, роҳи асосии дар байни кӯдакон паҳншавии вируси тавхоли одии 1 қисман дар натиҷаи дар дохили батни модар ҷой доштан ба таври амудӣ аз модари сироятёфта ба ҷанин мегузарад. Қисмати дигари кӯдакон бошанд, ҳангоми таваллуд тавассути моеъе, ки ҷанинро рӯйпӯш намудааст, сироят меёбанд. Роҳи аз ҳама маъмули ба сирояти вируси тавхоли одии 1 дучор гардидани кӯдакон муомилаи калонсолон ҳангоми нигоҳубини кӯдакон мебошад, яъне дар ин ҳолат вирус сироят мекунад ва кӯдакон ба беморӣ гирифтор мешаванд.




Расми 1. Гурӯҳи кӯдакони синну солашон гуногун, ки оиди муайян намудани вируси тавхоли одии 1 дар зери санҷиш қарор доштанд. 1-кӯдакони синну солашон аз 1 то 4. 2-кӯдакони синнашон аз 5 то 8. 3- кӯдакони синнашон аз 9 то 12. 4 кӯдакони синнашон аз 13 то 18-сола.

Аз натиҷаҳои бадастомада бармеояд, барои он ки вируси тавхоли одии 1 ба организми кӯдакон ворид гарданд, ҳатман осеби пардаи пӯст зарур аст. Хусусан, вируси тавхоли одии 1

қаробати наздик нисбати ҳуҷайраҳои пардаи луобии лабҳо ва пардаи луобии даҳон дорад. Дар зинаи якум афтидани вируси тавхоли одии 1 ба ҷойи осебдидаи пардаи луобии лабҳо ба амал омадааст. Дар ин зина мо варамкунии пардаи луобии лабҳоро мушоҳида мекунем. Дар зинаи дуюм дар минтақаи вирус ҷойгиршуда сӯзиш, хориш, сих задан ба амал меояд. Хусусан, ин аломатҳои клиникӣ ҳангоми гап задан, нӯшидани нӯшокиҳои гарм ва хӯрок пуршиддаттар мегарданд. Дар зинаи сеюм баъди 1-2 рӯзи сироят ёфтан дар минтақаи осебёфта ҳубобчаҳо пайдо мегарданд, ки дохилашон пур аз моеъ мебошад. Дар зинаи чорум бошад, ҳубобча кафида моеъи дохилии он берун мебарояд ва дар ҷойи осебдида захм, ки аз боло ба пардаи зардчатоб рӯйпӯш гардидааст, мушоҳида мегардад. Дар зинаи 5-ум бошад, баъди нофаъол гардидани вирус захми осебдида оҳиста-оҳиста пурра барқарор мегардад.

Дар расми 3 шумораи кӯдакони сироятёфта бо вируси тавхоли одии 1 дарҷ гардидааст. Аз натиҷаҳои бадастомада маълум гардид, ки дар байни кӯдакони синнашон аз 1 то 4-сола дараҷаи сироятёбӣ бо вируси тавхоли 1 33,9%, дар байни кӯдакони аз 5 то 8-сола 25%, дар байни кӯдакони аз 9 то 12-сола 40%, дар байни кӯдакони 13-18-сола бошад, 42,8%-ро ташкил медиҳад. Натиҷаҳои бадастомада шаҳодат аз он медиҳанд, ки бо мурури калоншавии кӯдакон шумораи сироятёфтагон зиёд шудан мегиранд. Хусусан, ин раванд ба таври боварибахш дар кӯдакони 9-12-сола ва 13-18-сола ба мушоҳида расид. Мо дараҷаи баландтарини сироятёбиро бо вируси тавхоли одии 1 дар кӯдакони синнашон аз 13 то 18-сола мушоҳида намудем.




Расми 3. Шумораи кӯдакони сироятёфта бо вируси тавхоли одии 1. 1-кӯдакони синну солашон аз 1 то 4. 2-кӯдакони синнашон аз 5 то 8. 3- кӯдакони синнашон аз 9 то 12. 4 кӯдакони синнашон аз 13 то 18-сола.

Дар расми 4 миқдори кӯдакони сироятёфта бо вируси тавхоли одии 2 дарҷ гардидааст. Аз натиҷаҳои бадастомада маълум гардид, ки вируси тавхоли одии 2 дар байни кӯдакон нисбатан камтар во-мехурад. Чи хеле ки ба ҳамагон маълум аст, вируси одии тавхол 2 бештар ба узвҳои таносул ва пешоброҳа таъсири худро мерасонад ва ин вирус дар бештари ҳолатҳо тавассути алоқаи ҷинсӣ мегузарад. Аз натиҷаҳои бадастомадаи мо маълум мегардад, ки вируси одии тавхол 2 аз ҳама зиёдтар дар байни кӯдакони синнашон аз 1 то 4-сола ба мушоҳида мерасад. Ин нишондод ба ҳисоби миёна 2,3%-ро ташкил медиҳад. Гарчанде дараҷаи сироятёбӣ дар байни кӯдакони аз 1 то 4- сола на он қадар баланд бошад ҳам, ба ақидаи мо, сабаби асосии сироятёбӣ бо вируси тавхол 2 аз модар ба кӯдак гузаштан мебошад. Миқдори кӯдакони бо вируси тавхоли одии 2 сироятёфта дар байни кӯдакони 5-8-

сола аз ҳама дараҷаи пасттарин буда, ба ҳисоби миёна 0,43%-ро ташкил медиҳад. Дар байни кӯдакони аз 9 то 12-сола бошад, мо каме зиёдшавии сироятёбиро бо вируси тавхоли одии 2 мушоҳида мекунем. Ин нишондод ба ҳисоби миёна 1,8%-ро ташкил медиҳад.




Расми 4. Шумораи кӯдакони сироятёфта бо вируси тавхоли одии 2. 1-кӯдакони синну солашон аз 1 то 4. 2-кӯдакони синнашон аз 5 то 8. 3- кӯдакони синнашон аз 9 то 12. 4 кӯдакони синнашон аз 13 то 18-сола. Миёни кӯдакони аз 13 то 18-сола бошад, дараҷаи сироятёбӣ боз камтар гардида, ба ҳисоби миёна 0,58%-ро ташкил медиҳад.

## Хулоса

Тавхол яке аз бемориҳои сироятии васеъ паҳнгардидаи кураи замин ба ҳиоб рафта, табиати вирусӣ дорад. Ҳангоми ба организм ворид шудани вируси тавхол мо якчанд зинаи пайдарпайро мушоҳида намудем. Дар зинаи якум афтидани вируси тавхоли одии 1 ба ҷойи осебдидаи пардаи луобии лабҳо ба амал омадааст. Дар ин зина мо варамкунии пардаи

луобии лабҳоро мушоҳида мекунем. Дар зинаи дуюм дар минтақаи вирус ҷойгиршуда сӯзиш, хориш, сих задан ба амал меояд. Хусусан, ин аломатҳои клиникӣ ҳангоми гап задан, нӯшидани нӯшокиҳои гарм ва хӯрок пуршиддаттар мегарданд. Дар зинаи сеюм баъди 1-2 рӯзи сироят ёфтан дар минтақаи осебёфта ҳубобчаҳо пайдо мегарданд, ки дохилашон пур аз моеъ мебошад. Дар зинаи чорум бошад, ҳубобча кафида моеъи дохилии он берун мебарояд ва дар ҷойи осебдида захм, ки аз боло ба пардаи зардчатоб рӯйпӯш гардидааст, мушоҳида мегардад. Дар зинаи 5-ум бошад, баъди нофаъол гардидани вирус захми осебдида оҳиста-оҳиста пурра барқарор мегардад.

Аз натиҷаҳои таҳқиқоти гузаронидаи мо маълум гашт, ки вируси тавхол дар байни кӯдакони синнашон аз 1 то 4-сола 33,9%, дар байни кӯдакони аз 5 то 8-сола 25%, дар байни кӯдакони аз 9 то 12-сола 40%, дар байни кӯдакони 13-18-сола бошад, 42,8%-ро ташкил медиҳад. Ҳамин тариқ, бо калон шудани синну соли кӯдакон дараҷаи сироятёбӣ низ баланд мегардад. Мо дараҷаи аз ҳама баландтарини сироятёбиро дар байни наврасони 13-18-сола мушоҳида намудем, ки ин нишондод қариб 13%-ро ташкил медиҳад.

**Адабиёт**

1.Злотникова М.В., Новикова И.А. Механизмы естественного и адаптивного иммунитета при инфекциях, вызванных вирусами простого герпеса 1 и 2 типа. Проблемы здоровья и экологии. 2014; 1 (39): С. 7 – 14.

2. Камбачокова З.А. Функциональная активность фагоцитов у больных простым герпесом. Вестник новых медицинских технологий. 2011; 18 (3): С. 106 – 108.

3. Мельниченко А.В., Алимбарова Л.М., Трегубова М.И., Мезенцева М.В., Баринский И.Ф., Львов Н.Д. клинико-

вирусологическая и иммунологическая характеристика больных с разными формами герпес-вирусных инфекций. Лечение и профилактика. 2017, т.: 7, №4 (24), 2017, с. 7-13.

4. Желязникова Г.Ф. Воздействие вирусов на систему цитокинов хозяина. Вопр. вирусол. 2002;4: С.6 – 8. 61

5. Gill N., Chenoweth M.J., Verdu E.F., Ashkar A.A. NK cells require type I IFN receptor for antiviral responses during genital HSV-2 infection. Cell. Immunol. 2011; 269 (1): P. 29 – 37.

6. Lieberman L.A., Hunter C.A. Regulatory pathways involved in the infection-induced production of IFN-gamma by NK cells. Microbes. Infect. 2002; 4 (15): P. 1531 – 1538.

7. Семенова Т.Б. Простой герпес. Клинико-эпидемиологические особенности, диагностика, лечение. Лечащий врач. 2003;7: С. 23-26

# СИМОҲОИ ФАРҲАНГӢ ДАР РАВЗАНАИ ОШНОӢ

**Нозим НУРЗОДА**
*Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон*

## ШИНОХТИ ЯК ШАХСИЯТ ДАР ҚОЛИБИ ЯК СУҲБАТ

*(дар ҳошияи шастумин солгарди умри муҳаққиқ ва мактабшиноси муосири тоҷик Саъдулло Носиров)*

Дар бораи дӯстони ҳақиқӣ навиштан ва гуфтану суҳбат кардан, аз як тараф, кори басо саҳлу осон ва аз тарафи дигар, хеле саъбу мушкил ҳам ҳаст. Саҳлу осон, ба он хотир ки дӯстон мисли ойина софу беғуборанд ва барои шинохти онон вақту фурсати зиёд лозим набуда, бо андак таааммул метавон ҳарфҳое отифию самимӣ иброз дошту дар ҳолатҳои зарурӣ чоп кард. Саъбу мушкил, ба хотири он ки дӯстони ҳақиқӣ, бо он самимияту илтифоте, ки доранд, дар чаҳорчӯби як матлабу мақолаи ёддоштӣ ва ҳатто китобу маҷмуаи хотиротӣ намеғунҷанд. Афзун бар ин, вусъати муҳаббату иродаташон ба ҳаддест, ки марзи таассуроту бардоштҳои моро убур мекунанду ба як тартиби муаяйн оростану ҷамъу ҷур намудани мулоҳизотро мушкил месозанд. Ба ин тартиб, ҳар андешаву мулоҳизае, ки мо дар атрофи дӯстони ҳақиқию самимӣ ироа медорем, хоҳу нохоҳ нокомиланд ва дар маҷмуъ, порае аз шахсияту ҳайсияти ононро ба намоиш мегузоранду халос.

Ростӣ, ман ҳам дӯстони зиёде дорам ва аммо дӯстони ҳақиқию самимӣ, ки дидгоҳи миллию биниши илмӣ дошта, ба сарнавишти миллату давлату ҷомеа бетавофут нестанд, хеле

ва хеле кам. Хушбахтона, дар феҳристи дӯстони андаки самимию ҳақиқиам, ки ҳукми бародарӣ ҳам дорад, акаи Саъдулло Носиров қарор дорад. Ҳарчанд ки ба дидори дӯсту бародари азиз -- акаи Саъдулло Носиров хеле кам мушарраф мешавам, аммо самимияту илтифоту лабханде, ки мунҳасир ба фарди ӯст, симои нуронию отифиашро ҳамеша пеши назарам ҷилвагар месозад. Гоҳо акаи Саъдуллоро ҳангоми иштирок дар конфронсу нишасту маҳфилу ҳамоишҳои ҷумҳуриявӣ дучор меоям, ки аз дур бо лабханди ҳамешагӣ дуруду паём мефиристаду бо пайдо шудани фурсати муносиб ҳозир шуда, гарму ҷӯшон ҳолу аҳвол пурсида, пас аз пурсупоси муқаддимотӣ дарҳол ҷилави суҳбату гуфтугӯро ба тарафи адабу фарҳанг ва илму фалсафа мекашонад. Вақту фурсати фориғ аз конфронсу маҳфилу нишасту ҳамоишро ғанимат даниста, акаи Саъдулло бо ҷамъи дӯстону ҳампешагон атрофи масъалаҳои ҳзассоси замон гуфтугӯ мекунад ва ҳамчун муаллиму педагоги асил нуқтаназароти дигаронро доир ба мавзуъҳои мавриди назар бо диққати том мешунаваду дар коргоҳи фикриаш месанҷад. Ин аст, ки амдан ба самти илму маориф ва фарҳангу фалсафа кашонидани суҳбат яке аз вежагиҳои шахсиятию илмию иҷтимоию ихтисосии дӯсти гиромии мо акаи Саъдулло Носиров аст.

Дар чунин як нишасте, ки ба Рӯзи матбуоти тоҷик (11 марти соли ҷорӣ) бахшида шуда буд, бо акаи Саъдулло Носиров вохурдем. Дидори мо вақте иттифоқ афтод, ки нишасти расмӣ ба муносибати Рӯзи матбуоти тоҷик дар толори калони Театри опера ва балети ба номи С. Айнӣ анҷом пазируфта, ширкаткунандагон, ки асосан аз рӯноманигорону собиқадорони қишри журналистии ватанӣ таркиб ёфта буданд, аз чорабинӣ мунсариф шуда, дар саҳни Театри опера ва балети ба номи С.Айнӣ ҳолу аҳволгирию табрикоти ҳамдигарро идома медоданд. Мо ҳам дар миёни ҷамъи

дӯстони рӯзноманигор қарор гирифта, ба табрикоту шодбошиҳо шарик мешудем ва аз ҳузури журналистон дидор тоза мекардем.

Дар ин ҳангом буд, ки акаи Саъдулло наздамон ташриф оварданд. Ақрабаки соати дастӣ аллакай ба марзи 12 наздик мешуд. Мунтаҳо, акаи Саъдулло Носиров чун ҳамешагӣ бо лабханди базеб ва одобу таомулу таоруфи махсуси кӯҳистонӣ наздамон омад ва ҳар ду ҳамдигарро гарм истиқбол гирифта, ба ифтихори Рӯзи матбуоти тоҷик якдигарро табрик кардем. Чун одати ҳамешагӣ акаи Саъдулло пас аз ду дақиқаи таоруфи муқаррарӣ маро сӯйи Боғи фарҳангию фароғатии Куруши Кабир, ки дар шафати Театри опера ва балети ба номи С. Айнӣ қарор дорад, ташвиқ намуда, роҳорас ҷилаву суҳбатро ба тарафи масоили фарҳангӣ ва сарнавишти расму русуми неки аҷдодӣ дар шароити бархурдҳои сиёсию тамаддунӣ кашид. Ҳамин ки ба даромадгоҳи Боғи фарҳангию фароғатии Куруши Кабир расидем, аз ҷазбаи суханороии акаи Саъдулло ногузир ба суҳбат ҳамроҳ шуда, иҷмолан атрофи масоили воқеан, доғи фикрию фарҳангӣ, аз ҷумла: ногоҳию бехабарии насли наврасу ҷавон аз таҳоҷумоти муғризонаи хориҷӣ дар заминаи суннату анъанаҳои неки аҷдодӣ; хатари беҳувиятию худбохтагӣ ба амнияту суботи давлати миллӣ; заъфи ҳувияти тоҷикӣ ва сабабу авомили бегонашавӣ; истифодаи омилу фактори дину мазҳаб дар бозиҳои геополитикии минтақавию ҷаҳонӣ; нақши зиёину фарҳангиёни миллӣ дар маҳор кардани бухронҳои фикрию ҳувиятӣ; сатҳи ҷаҳонбинии илмию фалсафӣ дар миёни доираҳои донишҷӯйиву муҳитҳои донишгоҳӣ суҳбат кардем. Бештар акаи Саъдулло сухан мекард ва он ҷо ки сухан аз боби вазъи ҳувиятию ҷаҳоншиносии қишри муаллимию донишгоҳию илмию маданӣ мерафт, эҳсосоташ боло мегирифт ва бидуни вақфаю даранг назар медод, далел

меовард ва ҳамин тур, баҳсу мунозираро гармтар менамуд. Чун баҳс ҳассостар мешуд, як кам таваққуф намуда, идомаи суҳбатро бар дӯши ман вомегузошт. Суҳбатончунон гарму самимию ихтисосӣ ҷаран гирифт, ки гузашти вақту фурсатро аз ёд баровардам ва ақрабаки соати дастӣ сӯйи рақами 14 мешитофт, яъне ҳар ду ҳудуди зиёда аз ду соат суҳбат кардему гузашти замонро қариб ки эҳсос накардем. Ин замону фурсати қимат ба шарофати суҳбати гарми акаи Саъдулло даст дод ва тайи он лаҳазоти хотирмон хеле нукоти заруриро аз дӯсту бародари муҳтарамамон Саъдулло Носиров омӯхтам.

Ба муҳокимаронию мавқеъгириҳои акаи Саъдулло тайи суҳбати сарибоғӣ (манзур суҳбатест, ки зуҳри 11 марти соли 2025 дар Боғи фарҳангию фароғатии Куруши Кабири пойтахт иттифоқ афтода буд) гӯш дода, ихлосу эътиқодам ба ин шахсияти миллӣ афзун мегардид. Худ тасаввур кунед, ки як инсони фарҳангӣ ва зиёии ватанӣ дар симои акаи Саъдулло Носир, ки тайи фаъолияти пурсамари илмию таълимию тадрисию эҷодӣ дар ростои тарбияи худогоҳию худшиносии миллӣ ва тарбияи насли ҷавон дар руҳияи ватандӯстию донишмадорӣ умри азизро сарф кардааст, ба кадом масъалаҳо таваҷҷуҳ менамояд ва муҳимтар аз ҳама, ба сарнавишти халқу ватан ва миллату давлати тоҷик бетафовут нест. Мусалламан, садҳо ва ҳазорон зиёиву фарҳангиро бо шумули муаллим, олим, донишманд, доктор, номзади илм, дотсент, профессор, академик, рӯзноманигор, муҳандис, шоир, нависанда, адиб, пизишк ва амсоли инҳоро медонему мебинем, ки ба сарнавишти миллату давлат аслан таваҷҷуҳе надоранд ва дунболи кору бору зиндагии худ мегарданд. Вале Саъдулло Носиров барин шахсиятҳо, ки мутаассифона, шуморашон дар ҷомеа хеле кам аст, ба сарнавишт ва қисмати тоҷику фарҳанги тоҷик бетаваҷҷуҳ нестанд ва аз тариқи ибтикороту ташаббусоти созандаи худ дар тарбияи насли ҷавони

донишмадору ҳувиятдори миллӣ саҳми сазовор мегузоранд. Шояд ин гуна мавқеъгирии мо аксари зиёиёну фарҳангиёни ватаниро хуш наояд, вале воқеият воқеият аст, аз он ҷойи гурезе нест. Агар мо, воқеан, зиёиёну фарҳангиёни саршиноси дилсӯзу дурбину донишманд зиёд медоштем ва онҳо тамоми неруи фикрию ҳувиятию ақлонию иҷтимоию мадниашонро рӯйи як нуқтаи меҳварӣ – огоҳию бедории насли наврасу ҷавону миёнсолу солманди ҷомеаи тоҷик тамаркуз медоданд, ҷанги бародаркушӣ дар кишвар аланга намегирифту ҷони саду панҷоҳ ҳазор тоҷику тоҷикистониро аз даст намедодем. Ин нуктаи асосиро Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар дидору мулоқоту вохуриҳояшон бо намояндагони ҷомеа ва аҳли илму маорифи кишвар, ки 9 март ва 30 майи соли 2024 доир гардида буданд, равшану ошкор ироа кардаанд. Ба ин маъно, дӯсти азизи мо акаи Саъдулло Носир аз ҷумлаи он зиёиёни ватаниест, ки бепарвоию бетаваҷҷуҳии аҳли зиёии кишварро ба қисмати миллату давлат гуноҳи кабира медонад.

Чун суҳбати баҳории мо дар Боғи фарҳангию фароғатии Куруши Кабир аз мавзуи сарнавишти ойину суннатҳои неки бобоӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ оғоз ёфта буд, фурсати хайрухушро ғанимат шумурда, пешопеш акаи Саъдуллоро ба муносибати ҷашни миллию мардумии Наврӯзи бостонӣ, ки дар садри силсиларусумоти миллӣ қарор дорад, табрик намудам. Акаи Саъдулло изҳори сипос намуда, дар омади гап, ишора кард, ки иттифоқан 20 март – замони фарорасии Наврӯзи бостонӣ зодрӯз дорад ва ба синни муборакӣ 60 мерасад. Ман ҷашни мелоди акаи Саъдуллоро бо зуҳури Наврӯзи бостонӣ фоли нек дониста, мукаррар ӯро табрик кардам ва ҳамин тариқа, суҳбату дидори онрӯзаи мо бо акаи Саъдулло дар саҳифаи рӯзгори фардиам ба некӣ сабт гардид.

Албатта, мо инсонҳо даргузашти умри худро сахт эҳсос карда, ба қадри лаҳазоти зиндагӣ расида, солрӯзҳои 50, 60, 70,

80, 90, 100 ва аз он зиёдаро муборакү хуҷаста шумурда, ҷашн мегирем. Бештари ин гуна солрӯзҳо бо ҳузури дӯстону ҳампешагону ҳамкорон дар доираи конфронсу нишасту маҳофил таҷлил мегарданд ва маҳсули умри инсонӣ дар қолиби меҳрномаю хотироту ёддоштҳо интишор ҳам меёбад, ки ин суннату иқдоми хуб аст.

Пас аз дидору мулоқоту суҳбат бо акаи Саъдулло Носир нимаи дуюми рӯзи 11 марти соли ҷорӣ ба утоқи корӣ баргашта, атрофи муҳтавои суҳбате, ки бо мавсуф доштам, фикр кардам. Бештар сари он меандешидам, ки мавқеъгирию дидгоҳи акаи Саъдулло дар ростои шинохти манофеи миллӣ ва ташхиси буҳронҳои фикрию ҳувиятӣ аз куҷо сарчашма гирифтаанд ва чаро ӯро вазъи беҳувиятию худбохтагии насли наврасу ҷавони ҷомеа сахт нигарон месозад?! Охир, ӯ ҳам метавонад мисли соири ҳамкорону ҳампешагону зиёиёну фарҳангиёни ватанӣ дунболи кору бори худ гардад ва андешидану тамаркуз кардан сари мушкилоти миллӣ ва бурунрафт аз буҳронҳои маънавиро канор гузорад. Аммо ин тур нест: акаи Саъдулло худро мувazzаф медонад, ки сари мушкилоти имрӯзӣ ва сарнавишти миллӣ дар шароити бархурдҳои шадиди тамаддунӣ фикр кунад ва аз тариқи ташаббусу ибтикороти илмию таълимию эҷодӣ пеши роҳи эпидемияи ноогоҳию хурофазадагию беҳувиятиро, ки миёни миллатро мешиканад, бигирад. Тавре ки болотар ишора кардам, на ҳар зиёию фарҳангӣ ва бахусус, муаллими мактаби олӣ ба ин гуна иқдомоти ҷиддӣ даст мезанад, балки ҷуръаташро надорад. Аммо акаи Саъдулло аз раванди бозшиносии мушкилот на танҳо худро канор намегирад, балки ба он ҷараён мепайвандад. Барои посух ба пурсишоти худ дар ин замина сафаҳоти собиқаи кории акаи Саъдуллоро тайи зеҳнам варақгардон кардам: фаъолияти меҳантиашро аз муаллимӣ оғоз карда, баъдан ба симати муовини директор ва

директори мактаби таҳсилоти миёнаи умумии №96 шаҳри Ҳисор мушарраф шудааст. Дар имтидоди солҳои 1986-2010 дар вазифаҳои мухбири Рӯзномаи ноҳиявии “Ҳисори шодмон”, мудири шуъбаи маркетинг, директори Маркази таълимии “Садр”, директори генералии Корхонаи фаръии корпоратсияи “SADR ink” (ИМА) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ноиби президент оид ба муносибатҳои байналмилалӣ, котиби Шурои директорони Донишгоҳи байналмилалии Тоҷикистон, муовини декани факултаи дипломатия ва журналистикаи Донишгоҳи гуманитарии Тоҷикистон, декани факултаи муносибатҳои байналмилалӣ, муовини якума ректор оид ба таълими Донишгоҳи технологияҳои инноватсионӣ ва коммуникатсияи Тоҷикистон, дотсенти кафедраи ҷомеашиносӣ, ходими калони илмии Сектори фанҳои ҷамъиятии Пажуҳишгоҳи рушди маорифи Академияи таҳсилоти Тоҷикистон фаъолият кардааст. Пасон ба Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон ба кор омада, тайи солҳои 2010-2024 дар ин боргоҳи олии таълимӣ вазифаҳои пурмасъули мудири шуъбаи тарбия, Сардори шуъбаи илм ва робитаҳои байналмилалӣ, Сармуҳаррири Рӯзномаи “Молия ва иқтисод”, Сардори шуъбаи табъу нашри Раёсати илм ва инноватсия, дотсент ва мудири кафедраи фанҳои гуманитарии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистонро бар ухда доштааст. Аз соли 2024 инҷониб сармутахассиси шуъбаи мониторинг ва идораи сифати таълими Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон мебошад.

Саъдулло Носир дар баробари мудир-омил ва менеҷери хуб будан, дар мавриди масъалаҳои муҳимми илмию педагогӣ, аз ҷумла тарбияи шаҳрвандӣ, сатҳи донишҳои илмии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, вазъи зеҳнию интеллектуалии ҷомеа (дар мисоли хонандагони

муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва олии касбӣ) пажуҳишҳои илмӣ анҷом медиҳад. Осори илмию пажуҳишӣ ва таълимию методии акаи Саъдулло Носиров бо шумули “Тарбияи шаҳрвандии хонандагон дар ҷараёни таълими фанни “Ҳуқуқи инсон” (-Душанбе: Ирфон, 2007. -160 с.), “Роҳу воситаҳои донишҳои зеҳнии хонандагон” (-Душанбе: Ирфон, 2010. -162 с.), “Ташаккули донишу маҳорат ва малакаҳои зеҳнии муҳассилин дар раванди таълим/Даастури таълимӣ” (-Душанбе: Сифат, 2018. -148 с.), “Назария ва амалияи ташаккули салоҳиятҳои зеҳнии хонандагон (дар заминаи фанҳои гуманитарӣ-ҷамъиятӣ) /Монография. (-Душанбе: Ирфон, 2021. -252 с), “Асосҳои дидактикию психологии ташаккули дониш ва маҳорату малакаҳои зеҳнии хонандагон” (-Душанбе: Ирфон, 2023. -350 с.) ва амсоли инҳо ба масъалаҳои муҳимми тарбияти зеҳнӣ ва сабку шеваи таълиму тарбияи дархури имрӯзӣ бахшида шудаанд.

Аз мурочеа ба собиқаи корӣ ва таҷрибаи пажуҳишию таълимию тадрисии Саъдулло Носиров дарёфтам, ки он кас беҳуда ба масоили тарбияти зеҳнӣ ҳассосият нишон намедодаанд. Яъне, мавсуф дидаю дониста аз вазъи имрӯзии пружаҳои сиёсию мафкуравии хориҷӣ, ки пеш аз ҳама, ба ҳувияти миллӣ ва тарбияти зеҳнии хонандагон таъсири манфӣ мерасонанд, изҳори нигаронӣ мекунад. Ваҷҳи нигаронии ӯро дарк мекунам. Охир нафаре, ки умрро сарфи омӯзишу пажуҳиши зеҳни хонандагон ва тарзу шеваю роҳҳои боло бурдани сатҳи малака, маҳорат ва ҳунари маърифатии қишри талабагӣ ва таҳсилии ватанӣ кардааст, табиист, ки дар ин вазъ сукут варзидану хомӯш будан наметавонад. Аз ин гузашта, акаи Саъдулло Носир парвардаи мактаби таҳқиқию омӯзгории устоди арҷманди самти педагогикаи муосири миллӣ Маҳмадуллои Лутфулло аст. Мусаллам аст, ки академики Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, устод

Маҳмадулло Лутфулло на танҳо донишманди нотакрори педагогикаи ватанӣ, балки шахсияти батамом миллист. Саъдулло Носир маҳз аз ин мактаби тарбиятии устод Маҳмадуллои Лутфулло гузаштааст, ки нисбат ба ҳар масъалаи ҳатто ҷузъии тарбиятӣ, ки ба ин ва ё он восита ба ҳувияти миллӣ иртибот мегирад, ҳассосият нишон медиҳад. Тарбия дар мактаби педагогикаи миллӣ Саъдулло Носирро бар он вомедорад, ки бо ҳар нафари огоҳу дилсӯз ба истилоҳ, дарди дил кунад ва масъалаҳои гуногунро дар миён гузошта, роҳҳал ҷӯяд. Воқеан, ин рисолаати фарди огоҳи миллат аст, ки дар ин самт акаи Саъдулло пешсафу намуна мебошад.

Барои рӯшан кардани паҳлуҳои дигари шахсиятию ҳувиятии акаи Саъдулло ба сафаҳоти собиқаи ошноиам бо ӯ руҷуъ кардам. Маълум кардам, ки ошноиам бо акаи Саъдулло Носир аз соли 2007 шуруъ мешавад. Дақиқан, моҳи ноябри соли 2007 дар ҳайати як Гурӯҳи кории Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Донишкадаи технологияҳои инноватсионӣ ва коммуникатсионии Тоҷикистон рафта будам ва маҳз дар он ҷо бо акаи Саъдулло Носиров, ки дар симати мудир-омили муваффақи самти таълими Донишкадаи мазкур фаъолият дошт, ошно шудам. Пасон, соли 2008 бо ибтикори бевоситаи доктори имлҳои педагогӣ, профессор Хуррам Раҳимзода идар конфронси ҷумҳуриявии Донишкадаи технологияҳои инноватсионӣ ва коммуникатсионии Тоҷикистон ширкат ва суханронӣ кардам. Дар ҷараёни кори конфронс бо акаи Саъдулло, ки аз масъулини пружаи конфронсӣ маҳмуб мешуд, суҳбати муқаддимотӣ анҷом додам. Дар имтидоди солҳои 2009, 2010, 2012, 2017, 2019, 2021 низ суҳбатҳое бо акаи Саъдулло доштам, аммо он суҳбати ҷолибе, ки дар Боғи Куруши Кабир зухри 11 марти соли ҷорӣ иттифоқ афтод, аз соири суҳбату гуфтугӯҳо мутафовит буд. То ин дам бо акаи Саъдулло дар атрофи масоили гуногуни

иҷтимоию маданӣ суҳбат мекардам. Аммо суҳбати ахирӣ, ба лиҳози фарогирии мавзуот, сатҳи маълумоту иттилоот, муҳтавою мундариҷот, мубрамияту муҳимот, сахт мутафовит буд.

Ба сухани равшантар, дар доираи як суҳбати на он қадар тулонӣ, вале пурмуҳтаво аз шахсияти миллӣ будани акаи Саъдулло Носир огоҳ шудам. Ҳарчанд ки донимашанду мутахассису коршиноси хуби соҳаи педагогика буданашро қаблан медонистам, аммо зимни суҳбати ихтисосии дусоатае, ки ба туфайли Рӯзи матбуоти тоҷик -- 11 марти соли ҷорӣ дар Боғи фарҳангию фароғатии Куруши Кабири пойтахт сурат баст, барои худ зиёию фарҳангии асил будани ӯро кашф кардам. Худ, ки ҳамеша дунболи шахсиятҳои дилсӯзи миллӣ мегардам, акаи Саъдуллоро аз нав шинохтам.

Пас аз ду рӯзи мулоқот бо акаи Саъдулло тасодуфан адабиётшинос ва рӯшангари муосири миллӣ устод Ҷамолиддин Саидзодаро дучор омадам ва дар мавриди ошноиаш бо акаи Саъдулло сухан ба миён овардам. Чун медонистам, ки устод Ҷамолиддин Саидзода солҳо дар Пажуҳишгоҳи рушди маорифи Академияи таҳсилоти Тоҷикистон фаъолият карда, миёни доираҳои ихтисосии ин боргоҳи бонуфузи педагогикаи ватанӣ соҳибэҳтиром аст, аз чигунагии шахсияти коршиноси умури педагогӣ Саъдулло Носиров пурсон шудам ва муҳтавои суҳбати рӯзи 11 март иттифоқафтодаро хидмати устод Ҷамолиддин Саидзода арз доштам. Устод Ҷамолиддин Саидзода, ки аз рӯшангарону рӯшанфикрони ватанӣ буда, як умр дар ростои шинохти ҳувияти миллӣ ва боло бурдани сатҳи худогоҳию худшиносии ҷомеа талош меварзад, аз боби ошноӣ бо акаи Саъдулло суҳбат карда, бар он ишора фармуд, ки мавсуф, дар ҳақиқат, ба сарнавишти насли наврасу ҷавони тоҷик ва умуман, қисмати миллату давлат бетафовут нест. Назари устод

Саидзода дар бораи шахсияти миллии акаи Саъдулло Носиров маро бори дигар бар дурустии доварию баҳогузориам дар нисбати мавсуф мутақоид сохт ва мутмаинам шудам, ки дӯсти гиромии мо – акаи Саъдулло Носиров, воқеан як шахсияти миллӣ ва зиёию фарҳангии барҷуръати ватанист. Ҳузури ин гуна шахсиятҳо дар фазои Тоҷикистони соҳибистиқлол ифтихори мост.

Аз фурсати муносиб истифода бурда, шастумин солгарди умри акаи Саъдулло Носировро шодбош гуфта, бароящ сиҳатӣ, тавонмандии илмию эҷодӣ, баракати зиндагӣ ва саодати рӯзгорро таманно менамоям.

Шасти камолот муборак, дӯсти донишманду дилогоҳ Саъдулло Носирови гиромӣ!

## ТАҚРИЗ ВА ТАҲИЯ

**Меҳр СОБИРИЁН**
*ходими пешбари илмии*
*Шуъбаи таҳқиқоти стратегии*
*назди Раёсати АМИТ*

# ИЛМУ НАВОВАРӢ - ЗАМИНАИ РУШДИ ИҚТИСОДИВУ ИҶТИМОӢ ДАР КИШВАРҲО

*(бардоштҳо аз китоби Марк Закари Тейлор зери унвони “Сиёсатгузориҳои навоварӣ: чаро дар илму технология баъзе кишварҳо аз дигарон беҳтаранд”)*

Дар доираи омӯзиши масоили рушди иқтисодӣ, пештар чанд маводи илмиеро мавриди таҳлил қарор дода будем, ки ҳар яке ба кулбори дониш оид ба ин мавзуъ назари наве ворид мекард. Дар ҷустори "Нақши шуури ҷамъиятӣ дар рушду ақибмондагии миллатҳо" (ниг: gundishopur.tj/blogs/меҳр-собириён/Мақолаи%20илмӣ/na-shi-shuuri-amiyat-dar-rushdu-a-ibmondagii-millat-o) андешаҳои табиб ва равоншиноси фаронсавӣ Гюстав Лебон, аз китоби ӯ зери унвони “Равоншиносии миллатҳо ва тӯдаҳо” мавриди муҳокима қарор гирифта буд. Гюстав Лебон мегӯяд, ки тақдири миллатҳоро ниҳодҳои мавҷудаи он не, балки рӯҳияи он ҳал мекунад, ки ин рӯҳия ё худ зеҳнияту равони миллӣ дар заминаи фарҳангу суннатҳои муайян ташаккул меёбад. Яъне фарҳанг аст, ки ҳама чиро заминагузорӣ мекунад ва агарислоҳоти лозимӣ ба фарҳанги як миллат ворид нагардад, нусхабардории сиёсатҳову ниҳодҳои кишварҳои пешрафта дар як кишвари ақибмонда чизеро иваз нахоҳад кард. Баъдан

назари олимони амрикоӣ Дарон Осимоғлу ва Ҷеймс Робинсон дар мақолаи "Дар ҷустуҷӯи омилҳои рушд" (ниг: gundishopur.tj/blogs/меҳр-собириён/Тақриз/dar-ustu-i-omil-oi-rushd) баррасӣ карда шуд, ки дар китоби онҳо зери унвони "Чаро миллатҳо шикаст мехӯранд: решаҳои қудрат, шукуфоӣ ва фақр" оварда шудаанд (ин китоб соли 2024 ҷоизаи Нобел дар иқтисодро соҳиб гардид). Хулосаи муаллифони китоби мазкур ин аст, ки омили асосии рушд ё ақибмондагии кишварҳо, ниҳодҳои бароҳмондаи онҳо мебошанд ва ин ниҳодҳо ҳастанд, ки кишварҳои муайянро ба як пайроҳае ворид месозанд, киояндаи онҳо ва ҷойгоҳи онҳоро дар сатҳи байналмилалӣ муайян месозанд. Агар раҳбарон дар як кишвар ниҳодҳои фарогир (inclusive) ба роҳ монда тавонанд, кишвар бо суръат рушд намуда ба зинаҳои баланди рушди иқтисодиву иҷтимоӣ мерасад, вале агар дунболи манфиати шахсии худу атрофиён гашта, ниҳодҳои истихроҷӣ (extractive) ба роҳ монанд, кишвар аз вартаи фақру ақибмондагӣ ҳаргиз берун нахоҳад шуд.

Дар ин матлаб китоби донишманди дигари амрикоӣ Марк Закари Тейлор зери унвони "Сиёсатгузориҳои навоварӣ: чаро дар илму технология баъзе кишварҳо аз дигарон беҳтаранд" (ниг.: MARK ZACHARY TAYLOR, The Politics of Innovation Why Some Countries Are Better Than Others at Science and Technology, Oxford University Press, New York, 2016, 449 p.) мавриди баррасӣ қарор мегирад, ки ӯ дар баробари таҳлили назарияҳои гуногун дар атрофи мавзуи рушди илму технологияҳо ва дар заминаи он пешравии иқтисодию иҷтимоии давлатҳо, назарияи худро низ пешниҳод мекунад. Махсусан таъсири ниҳодҳо ба пешрафти илму технология ва дар заминаи ин пешрафт таъмини рушди иқтисодии босуръати онҳо мавриди омӯзиши ӯ қарор гирифтааст. Марк Тейлор таъсири мусбати ниҳодҳоро дар ин ҷода агарчи инкор

намекунад, вале таъкид мекунад, ки ниҳодҳо бахше аз омилҳои аслии рушд ё ақибмондагии давлатҳо мебошанд. Ба қавли ӯ, бо вуҷуди саҳми муайян доштани ниҳодҳо наметавон як бастаи муайяни онҳоро ҳамчун намуна барои рушди кишварҳои ҷаҳон пешниҳод кард. Илова бар ин, ниҳодҳо нишон медиҳанд, ки чӣ тавр як кишварро ба пайроҳаи рушд метавон ворид кард, аммо ба саволи чаро як кишвар мехоҳад ба пайроҳаи мазкур ворид шуда, дар баробари дигар давлатҳо рақобату истодагарӣ кунад, ҷавоб дода наметавонанд. Ин ҷо муаллиф назарияи нави худро бо номи "ноамнии офаринанда" пешкаши хонандагон месозад. Ӯ мегӯяд, ки "Ноамнии офаринанда ин идеяе мебошад, ки нигарониҳои амниятии ҳар миллат дар ростои тағйири баланси хатароти дохиливу хориҷӣ, ба дараҷаи навовариҳо дар он таъсир мерасонад. Махсусан, нигарониҳои амниятӣ ба омодагиҳои мардум барои пазириши ҳазинаҳои сангину хатарҳо ва гузаштҳои лозимӣ барои эҷоди иқтидори илмӣ-технологии миллии рақобатпазир, таъсири мусбат мерасонад" (саҳ. 5).

Марк Закари Тейлор доктори(PhD) илмҳои сиёсатшиносӣ буда, айни замон дотсенти факултети сиёсати давлатии Институти технологии Ҷорҷиаи ИМА мебошад. Ӯ кори доктории худро зери унвони "Иқтисоди сиёсии тағйироти технологӣ: тағйирот дар баҳс" соли 2006 дар Институти технологии Массачусетси ИМА ҳимоя намудааст, ки ин асар барандаи ҷоизаи Вирҷиниа Волш дар соли 2008 барои беҳтарин рисола дар ҳавзаи илм, технология ва сиёсатҳои зистмуҳитӣ гардидааст. Соли 2024 ӯ аз Институти технологии Ҷорҷиа ду ҷоиза ба даст овардааст. Яке ҷоиза "Барои дастовардҳои мумтоз дар тадрис" (барои дарсдиҳӣ дар сатҳи бакалавриат ва магистратура) ва дигар ҷоиза "Барои навоварӣ дар таълими берунazсинфӣ" (барои коркард ва амалисозии барномаи GTDC) аз Маркази омӯзиш ва тадриси Донишгоҳи

технологии Ҷорҷиа. Ду китоб ва даҳҳо мақолаи илмӣ дар соҳаҳои иқтисоди сиёсӣ, муносибатҳои байналмилалӣ, ҳукумати ИМА, сиёсати иҷтимоӣ ва сиёсати илмӣ мунташир намудааст, ки баъзе аз онҳо дар платформаи илмии Google Scholar садҳо ва баъзеи дигар даҳҳо маротиба иқтибос шудаанд. (саҳифаи ӯро дар ин платформа бо линки зерин дарёфт карда метавонед: scholar.google.com/citations?user=WcsW-j4AAAAJ&hl=en)

Китоби"Сиёсатгузориҳои навоварӣ: чаро дар илму технология баъзе кишварҳо аз дигарон беҳтаранд" дуюмин асари калонҳаҷми Марк Тейлор буда, соли 2016 бо забони англисӣ мунташир шуда, соли 2019 бо забони чинӣ ва соли 2024 бо забони португалии Бразилия, дар нашриёти Донишгоҳи Оксфорд ба нашр расидааст. Китоби мазкур соли 2017 сазовори Ҷоизаи Дон К. Прайс барои беҳтарин китоб дар бораи илм, технология ва сиёсат гардид, ки аз ҷониби Бахши илм, технология ва сиёсати зистмуҳитии Анҷумани улуми сиёсии Амрико (American Political Science Association) дода мешавад. Ин китоб аз се боб, даҳ зербоб ва хулоса иборат мебошад. Боби аввал (саҳ. 2-66) зери унвони "Қонуни Кардвел" се зербоб дошта, дар он қонуни мазкур баррасӣ шуда, мафҳумҳо дар риштаи омӯзиши илм ва технология муҳокима мегарданд ва таҷрибаи кишварҳои гуногун дар давраҳои гуногун дар роҳи илму технология ва навовариҳо мавриди таҳлил қарор гирифтаанд. Дар боби дуюм (саҳ. 67-180), ки "Чӣ тавр миллатҳо навоварӣ мекунанд? Сиёсатҳо ва ниҳодҳо" ном дорад, муаллиф масоили вобаста ба сиёсатгузориҳои давлатӣ дар соҳаи илму технологияро баррасӣ намуда, ба пурсишҳои чаро миллатҳо шикаст мехӯранд ва чӣ тавр миллатҳо муваффақ мешавад посух медиҳад. Дар боби сеюм (саҳ. 181-274), ки "Чаро миллатҳо навоварӣ мекунанд? Ноамнии офаринанда" ном дорад, муаллиф ба асоснок кардани

назарияи "ноамнии офаринанда"-и худ пардохта, моҳият, зарурат ва татбиқи амалии онро мавриди баҳс қарор додааст.

**Боби 1. Қонуни Кардвел**

**1. Муқаддима: Муаммои Қонуни Кардвел.** Дар зербоби 1 тадқиқоти таърихшиноси британиёӣ Доналд Кардвел, ки ба муайян кардани ҷаҳишҳои асосӣ дар таърихи технологияҳо дар кишварҳои Ғарб нигаронида шуда буд, мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтааст. Моҳияти Қонуни Кардвел ин аст, ки ҳар як ҷомеа, агар ба таври худ гузошта шавад, танҳо барои як марҳилаи кутоҳ навовариву офарандагӣ мекунад, дер ё зуд қувваҳои иртиҷоие пайдо мешаванд, ки пеши роҳи онро бо ҳар баҳона мегиранд. Марк Тейлор эътироф мекунад, ки дар воқеъ баъзе аз ҷанбаҳои Қонуни Кардвел дар замони муосир низ коршоям ҳастанд. Масалан, мегӯяд ӯ, чанд кишвари ангуштшумор имрӯз дар сатҳи ҷаҳонӣ дар ихтироъ ва истеҳсоли илм ва технология пешсаф ҳастанд, ки баъзе аз онҳо то солҳои чилуми асри гузашта он қадар ҳам дар ин ҷода дастовард надоштаанд ва ҳатто як қисми онҳо дар харитаи сиёсии ҷаҳон вуҷуд надоштанд. Ба ин гурӯҳи пешсаф кишварҳои ИМА, Ҷопон, Олмон, Тайван, Шветсия, Корея, Исроил ва чанде дигар ворид мешаванд. Баъзе кишварҳои дигар собиқаи зиёди пешсафӣ дар илму навоварӣ доштанд, ки имрӯз хеле кам навоварӣ мекунанд, ба монанди Испания, Италия ва Австрия. Ҳамчунин даҳҳо кишваре вуҷуд дорад, ки ба таври ғайри қобили тавзеҳ, ҳамеша хеле кам навоварӣ мекунанд. Дар ҳоле, ки шароити хубе барои пешрафти илму навоварӣ донад. Ба ин гурӯҳ метавон Аргентина, Чили, Филипин, Африқои Ҷанубӣ, Тайланд ва Туркияро дохил кард. Кишварҳои номбаршуда то дараҷаи лозимӣ ниҳодҳои ба ҳам монанд доранд, вале дар ростои эҷоди илм ва инноватсия аз ҳам фарқ мекунанд. Дар ҳоле, ки Кардвел баландшавӣ ва афтиши кишварҳоро дар замону макон эътироф мекунад, на ӯ

ва на каси дигар то ҳол натавонистааст, ки ба пуррагӣ ин фарқият дар имконоти миллӣ байни кишварҳоро, тавзеҳ диҳад(саҳ. 3-4). Ин муамморо муаллиф кӯшиш мекунад дар дар ин асари худ ҳал кунад.

Дар доираи муҳокимаи "Қонуни Кардвел" Марк Тейлор Ҷопон ва Фаронсаро ҳамчун мисол меорад, ки таҷрибаи онҳо метавонад қонуни мазкурро дар амал нишон диҳад. Ҷопон, ки то Ҷанги Дуюми Ҷаҳон ва давоми солҳои 1950-ум дар соҳаи навовариву ихтироъкорӣ ақибмонда шинохта мешуд, дар чанд соли минбаъда тавонист ба як ҷаҳиши назаррас дар ин ҷода даст ёбад, ки аллакай дар соли 1970 маҳсулоти инноватсионии ин кишвар ҷаҳонро тасхир карда, бо маҳсулоти кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон рақобат мекарданд. Дар солҳои 1960-1990 Ҷопон тибқи Қонуни Кардвел парчами навоварии сатҳи ҷаҳониро дар даст дошт. Марк Тейлор ин ҷо Фаронсаро бо Ҷопон муқоиса карда мегӯяд, ки ин кишвар бо доштани садсолаҳо собиқаи навовариву пешсафӣ дар илму технология дар ин муддат натавонистааст, дар ин ҷода натиҷаҳои наздик ба Ҷопонро ба даст оварад. Дар ҳоле, ки дар ин давра Фаронса ҳамаи шароитро барои баробар шудан бо Ҷопон дошт. Захираи зеҳнӣ, сармоя, ниҳодҳои мувофиқ ва сиёсати дурустро барои пешбурди босуръати илму технология дошт, вале ҳамчун кишвари навовари сатҳи миёна буд, на монанди Ҷопон пешсаф дар навоварӣ. Ин ҷо метавон гуфт, ки давраи пешсафии Фаронса гузашта буд ва тибқи қонуни номбаршуда дар ин марҳила парчами илму навоварӣ дар дасти ҷопониҳо афтода буд (саҳ. 5-6).

Таҷрибаи Британия Кабир ва ИҶШС низ то дараҷае "Қонуни Кардвел"-ро тасдиқ мекунанд. Британия Кабир дар асрҳои 17-18 дар илму навоварии технологӣ пешсафи ҷаҳон буд, вале дар охири асри 19 ва аввали асри 20 ҷойи худро ба ИМА вогузошт. Дигар ин ИМА буд, ки дар ин ҷода

пешсафиро дар сатҳи ҷаҳонӣ ба даст гирифта буд. Албатта, наметавон гуфт, ки ин кишвар дигар ҳеҷ навоварие надошт ва дар асри 21 ҳам навоварӣ надорад, вале яқинан он пешсафии худро, ки дар давраи Инқилоби саноатии аввал дошт, дигар аз даст додааст. Иттиҳоди Шуравӣ низ чанд даҳсолаи баъди Ҷанги Дуюми Ҷаҳон дар илму технология пешсафиро ба даст оварда буд. Ин пешравии босуръат кишварҳои Ғарбро нигарон карда буд ва онҳо роҳҳои даст ёфтан ба суръати баландтари рушди илму навовариҳоро меҷустанд. Вале баъдтар суръати рушди ИҶШС дар ин ҷода якбора паст шуд ва дигар ҳеҷ таҳдиде ба Ғарб дошта наметавонист.

Чӣ тавр метавон таъсири "Қонуни Кардвел"-ро ба рушди илму навоварӣ дар як кишвар кам кард ва онро дар сафи пеши навоварони ҷаҳонӣ нигаҳ дошт? Ин масъала дар қисмати охири зербоби яки китоб мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Дуруст аст, ки масъалаи ба роҳ мондани ниҳодҳову сиёсатҳои мувофиқ барои рушди илму навоварӣ бояд мавриди назар бошад. Чунин ниҳодҳову сиёсатҳои мувофиқ метавонанд аз ҳамдигар фарқ кунанд ва дар ин ҷода баҳсҳо зиёданд. Як гурӯҳи коршиносон ба ин назар ҳастанд, ки онҳо ҳатман бояд демокративу ғайримутамарказ бошанд, то рақобати солимро ҳам дар сиёсат ва ҳам дар иқтисод таъмин карда, ширкатҳову марказҳои илмиро ба бештару самараноктар кор кардан водор намоянд. Ин назария дар китоби мазкур мавриди нақд қарор гирифтааст. Муаллиф мегӯяд, ки ниҳодҳову сиёсатҳои дохилӣ наметавонанд ба дурусти дараҷаи навоварӣ дар як кишварро муайян кунанд. Чунки кишварҳои зиёди дорои ниҳодҳову сиёсатҳои хуб вуҷуд доранд, ки дар навоварӣ пешсафӣ надоранд (масалан Норвегия, Австрия, Италия) ва ё кишварҳои дигаре ҳам ҳастанд, ки бо доштани ниҳодҳову сиёсатҳои на он қадар "хуб" ғайричашмдошт навоварии зиёде кардаанд(масалан Тайван, Исроил, Кореяи Ҷанубӣ)(саҳ. 12).

Муаллиф менависад, ки барои дастёбӣ ба дараҷаҳои баланди навоварӣ давлат на танҳо бояд ниҳодҳову сиёсатҳои дурустро ба роҳ монад, балки шабакаҳои иҷтимоиро низ дар ин ҷо дар назар гирифта, барои ба роҳ мондани муносибатҳои хуби донишмандону ширкатҳои ватанӣ бо ҳамтоёни хориҷии онҳо чораҳои зарурӣ андешад. Ин ҷо шабакаҳои иҷтимоӣ ба маънои Фейсбуку Инстаграм набуда, балки робитаи тахассусии навоварони дохилӣ бо ҳамтоёни хориҷии онҳо дар назар дошта шудааст.

Ниҳодҳо, сиёсатҳо ва шабакаҳои иҷтимоии мувофиқ танҳо ба саволи ин ки чӣ тавр миллатҳо навоварӣ мекунанд ҷавоб дода метавонанд, на ба ин савол, ки миллатҳо аз чӣ ангеза мегиранд, то чунин низомро барои рушди босуръати илму технология ва навовариҳо дар кишвари худ ба роҳ монанд. Назарияи "ноамнии офаринанда"-и худро муаллиф барои пайдо кардани ҷавоб ба ин савол пешкаш карда, мавриди муҳокима қарор медиҳад.

Дар воқеъ, ҳама раҳбарони кишварҳои ҷаҳон дар ду садсолаи охир аз рушду пешрафт сухан мегӯянд, вале бо вуҷуди дар сад соли охир дастраси ҳамагон гаштани роҳу воситаҳои ворид шудан ба пайроҳаи рушди босуръату устувори иқтисодиву иҷтимоӣ ва илмиву технологӣ, аксари онҳо аз ин воситаҳо истифодаи дуруст намекунанд. Чаро? Чаро як гурӯҳи хурдтари кишварҳои ҷаҳон дар дусад соли охир дар солҳои муайян ислоҳоти ҷиддӣ гузаронида пешрафт карданд, вале як гурӯҳи калони дигар наметавонанд ва ё намехоҳанд аз онҳо истифодаи самаранок намуда, давлат ва аҳолии худро ба дараҷаи баланди рушду пешрафт расонанд? Марк Тейлор назарияи "ноамнии офаринанда"-и худро дар таҷрибаи чанд кишваре, ки дар марҳилаҳои муайяни таърихии худ ба рушду пешрафти илмӣ-технологӣ ва иқтисодӣ-иҷтимоӣ даст ёфтанд, аз санҷиш гузаронида, нишон

медиҳад, ки аз ноамниҳои дохилӣ дида хатароти беруна бештар ангезабахши ҳукумат ва мардуми ин кишварҳо шуда, имкони амалӣ кардани ислоҳоти ҷиддиро барои онҳо фароҳам овардааст. Дар ростои ниҳодҳову сиёсатҳо таъкид мекунад, ки "ниҳодҳо ва сиёсатҳо аслан абзорҳое ҳастанд, ки миллатҳо барои тақвияти қобилиятҳои илмиву технологии хеш аз онҳо истифода мекунанд. Аммо на сиёсатҳо ва на ниҳодҳо боиси навоварии миллатҳо шуда метавонанд. Бо пеш овардани ин иддао ин китоб эътироф мекунад, ки ҳатто абзорҳои муносиб низ агар дар дасти афроди номуносиб ё касоне, ки ангезаи истифодаи дурусти онҳоро надоранд, қарор гиранд, натиҷаи хубе нахоҳанд дод (саҳ. 13)".

Ҳар як навоварӣ дар ҷомеа барандагону бозандагони худро дорад, ки аввалиҳо барои ҷорӣ намудани он ҳам омодагӣ доранд ва ҳам тайёр ҳастанд риску хатарҳои дарпайдоштаи онро қабул намоянд. Вале дуюмиҳо ҳамеша мекӯшанд, ки бо ҳар роҳе ҷорӣ шудани он навовариро пешгирӣ намуда, ҳолати истисноии хешро нигаҳ доранд. Агар давлат ва ҷомеа аз берун хатарҳои бузургтарро эҳсос намояд, эҳтимолӣ ислоҳоти ҷиддӣ ва ҷорӣ шудани навоварӣ дар он зиёд мегардад. "Ноамнии офаринанда вазъияте аст, ки дар он таҳдиди хатароти хориҷӣ аз рақобатҳои дохилӣ бештар эҳсос мешаванд. Ин тафовути мусбат байни таҳдидҳои рақобатҳои иқтисодӣ ё ҳарбӣ аз хориҷ ва хатароти рақобатҳои сиёсӣ-иқтисодӣ дар дохил аст. Яке аз ёфтаҳои аслии бадастомада аз далелҳои овардашуда дар ин китоб ин аст, ки ноамнии офаринанда дар умум ангезабахши ҳимояти густардаву пойдор аз илму фановарӣ аст. Ҳар чӣ ноамнии офаринанда зиёд бошад ва ҳар чӣ як миллат муддати тӯлонитаре бо он рӯ ба рӯ бошад, мардуми он бештар ҳозиранд сармояи сиёсӣ ва манбаъҳои иқтисодии худро барои пешрафти босуръати илму технология ба хатар биандозанд. Ин робита новобаста аз ниҳодҳо ё сиёсатҳои

пешгирифтаи як кишвар нигаҳ дошта мешавад. Нуктаи аслӣ ин аст, ки кишварҳое, ки таҳдидҳои хориҷӣ барои онҳо нисбатан бештар аз танишҳои дохилӣ аст, бояд дараҷаи нававарии миллии болотаре нисбат ба кишварҳое дошта бошанд, ки танишҳои дохилӣ дар онҳо нисбат ба таҳдидҳои хориҷӣ бештар аст. (саҳ.13)".

**2. Ченкунии қуттии сиёҳ.** Зербоби 2 марзҳо, мафҳумҳо, ченакҳо ва додаҳоро, ки барои муайян кардани ҷойгоҳи як кишвар дар радабандиҳои навоварони ҷаҳонӣ истифода мешаванд, муҳокима мекунад. Посух ба ин суол,ки навоварӣ чист ва чӣ тавр мо онро арзёбӣ мекунем, як масъалаи осон ба назар мерасад, вале ин масъала баҳсҳои хеле мураккабро ба миён меорад. Агар мафҳумро дақиқ нашаванд, марзҳо муайян нагарданд ва додаҳои қобили эътимод дастрас набошанд, наметавон ҷойгоҳи як кишварро дар сатҳи ҷаҳонӣ аз рӯйи навовариҳои илмӣ ба дурустӣ муайян намуд. Марк Тейлор дар ин зербоб кӯшиш кардааст, ки ба ин масъала равшанӣ андозад ва дар се замима (1. Баҳси бузурги мафҳумҳо, 2. Таърихи мухтасари ченкунии навовариҳо, 3. Сайре ба ченакҳои навоварӣ, додаҳо ва манбаъҳо) ин масъаларо амиқ муҳокима кардааст ва таърифи мафҳумҳои лозимиро барои истифода дар ин китоб пешниҳод намудааст. Ҳамин тариқ:

-**Технология** ин як маҳсули физикӣ ё раванди тағйирдиҳии физикии маводҳо аст, ки барои ҳалли мушкилу масъалае, кумак мерасонад (саҳ. 28).

-**Илм** бо афзудан ба ганҷинаи дониши умумӣ сарукор дорад. Ин ба унвони равишшиносии умумӣ ва такрорпазир барои тавзеҳ, пешбинӣ ё контроли робитаҳои сабаб ва натиҷа дар табиат (физикӣ ё иҷтимоӣ) ё ҷамъовариву табақабандии додаҳо барои он шинохта мешавад (саҳ. 28).

-**Навоварӣ** ба унвони кашф, муаррифӣ ва ё коркарди технологияи нав ё татбиқи фановарии мавҷуда бо як усули нав ё дар як муҳити физикӣ ё иҷтимоии нав таъриф мешавад (саҳ. 28).

-**Дараҷа ва ё сатҳи навоварии миллӣ** тағйироти технологии бумии як кишвар дар як давраи замонии мушаххас мебошад (саҳ. 28).

-**Ниҳодҳо** дар ин ҷо ба унвони маҷмуи равияҳо, қоидаҳо ё қонунҳои расмие шинохта мешаванд, ки равобити байни афрод, гурӯҳҳо ва созмонҳоро танзим мекунад (саҳ. 30).

-**Сиёсатҳо** ин иқдомот, ҳадафҳо ва изҳороти давлатҳо дар мавриди мавзуъҳои хос буда, қадамҳоест, ки барои иҷрои онҳо бояд бардошта шаванд ва тавзеҳоте, ки онҳо барои ҳодисаҳои рухдода медиҳанд (саҳ. 30).

Бисёре аз навовариҳо барои аксари кулли мардум ҳамчун қуттии сиёҳ ҳастанд, чун мо танҳо қисме аз онҳоро истифода карда, зоҳирашонро мебинем. "Аксарият эҳсос мекунем, ки тавассути қуттиҳои сиёҳе, ба монанди телевизиорҳо, мошинҳо, телефонҳои мобилӣ ва ҳатто яхдонҳои худ иҳота шудаем. Мо метавонем воридот ва таҷрибаи гирифтани натиҷаро аз онҳо бинем, вале он чиро, ки даруни қуттии сиёҳ мегузарад барои аксари мо номаълум аст" (саҳ. 33). Ҳатто коршиносони соҳа низ дар баъзе ҳолат дар шинохти навовариҳо хато мекунанд. Ин масъаларо Марк Тейлор бо овардани мисолҳои зиёд дар ин зербоб мавриди баррасӣ қарор додааст.

**3. Қонуни Кардвел дар амал.** Дар зербоби 3 муаллиф сайри кутоҳе ба таърих намуда, мегӯяд, ки "бо нигоҳе ба таърихи чандҳазорсолаи башар, метавон дарёфт, ки парчами пешсафии ҷаҳонӣ дар илму фановарӣ, зоҳиран ба таври тасодуфӣ, дар тули панҷ ҳазор соли гузашта, байни ҷомеаҳои гуногун даст ба даст шудааст. Чанд таҳқиқоти амиқи таърихи тағйироти технологӣ нишон медиҳанд, ки феҳристи кутоҳи

пешсафони навоварии ҷаҳонӣ кишварҳои гуногунеро дар бар мегирад, ба монанди мисриёни қадим, юнониҳо, румиҳо, хилофатҳои аввалини исломӣ, сулолаи Юани Чин, давлатшаҳрҳои Италия, Ҷумҳурии Ҳоланд дар "даври тиллоӣ"-и он ва Британия дар давраи инқилоби аввалини саноатӣ, ки танҳо чанд намунае аз онҳо мебошанд" (саҳ. 40).

Дар ин рӯйхат Эрони бостон нест, ки бояд мебуд. Аммо гуноҳи мо аст, ки таъриху фарҳанги худро бештар тарғиб накардем ё онҳо моро нодида гирифтанд, номаълум боқӣ мемонад.

Муаллиф қайд мекунад, ки то охирҳои асри гузашта илму навоварӣ ҳамчун низом роҳандозӣ нашуда буд ва имкони танзими давлатии раванди рушди илму технологияҳо вуҷуд надошт. Илму навоварӣ машғулияти гурӯҳи хурди ҳавасмандон ва сарватмандон буд. Дар чунин ҳолат Қонуни Кардвел бештар амал мекард. Ҷомеаҳои муайян дар саргаҳи навигариҳо ногаҳон пайдо мешуданд ва баъди муддате ҷойгоҳи худро ба дигарон вогузор мекарданд.

Дар замони муосир муносибат ба илму технология ва навовариҳо ба куллӣ дигар шудааст. Ҷомеаҳо зарурати онро дарк карда, дарёфтанд ки рушди илму технологияҳо метавонад сатҳи зиндагӣ, рақобатпазирии иқтисодӣ ва амнияти онҳоро боло баранд. "Дар натиҷа тақрибан ҳамаи кишварҳо акнун ҳадди ақал бахше аз манбаъҳои худро ба дунбол кардани илму фановарӣ ихтисос медиҳанд. Ин тағйироти чашмгир мумкин аст, ҳар чизе ба монанди "Қонуни Кардвел"-ро беасар карда бошад" (саҳ. 41). Барои муайян кардани ин, муаллиф ҷойгоҳи кишварҳои ҷаҳонро дар илму технология ва навовариҳо дар чанд даҳсолаи охир мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода, ба хулосае меояд, ки бо вуҷуди дахолати давлатҳо ба раванди рушди илму технология ва кӯшишҳои нигаҳ доштани ҷойгоҳи худ дар ин ҷода, Қонуни

Кардвел ҳанӯз ҳам эътибори хешро гум накардааст. Дар 70 соли охир чанд давлати ангуштшумор дар иқтидори илмӣ-технологии худ рушди хеле баландсуръат доштанд (Ҷопон, Финландия, Исроил, Тайван, Корея, Сингапур, Ирландия). Баъзе кишварҳои дигар тавонистанд ҷойгоҳи баланди хеш дар ҷодаи илму технологияро нигаҳ доранд (ИМА, Шветсария, Олмон, Шветсия). Чанд кишвари дигар ҳамчун навоварони миёна боқӣ монданд (Фаронса, Британияи Кабир, Дания, Белгия). Ва чандин кишвари дигар бо вуҷуди доштани шароити хуб дар зинаи поёни навоварӣ боқӣ монданд (Венгрия, Малайзия, Португалия, Полша, Африқои Ҷанубӣ, Туркия, Аргентина, Филипин, Мексика).

**Боби 2. Чӣ тавр миллатҳо навоварӣ мекунанд? Сиёсатҳо ва ниҳодҳо**

**4. Технологияҳо ба давлат ниёз доནанд? Панҷ сутуни навоварӣ.** Дар зербоби 4 саҳми давлат дар раванди рушди илму технология ва навоварӣ баррасӣ мегардад. Муаллиф ду мактаби фикриро ин ҷо баррасӣ мекунад. Аввалӣ бар ин аст, ки давлат дар навовариҳо нақши калидӣ дорад. Давлат ниҳодҳову сиёсатҳои муайянеро барои пешбарии илм ва навовариҳо роҳандозӣ карда, шароити мусоид барои рушди илму технология фароҳам меоварад. "Барои ҳимоят аз ин бовар, пажуҳишгарон намунаҳои зиёдеро дар мавриди чигунагии осеб расонидани ниҳодҳо ва сиёсатҳои нобуда, нокоромад ё фосид ба пешрафти илму навоварӣ, ироа мекунанд. Дар ҳамин ҳол, таҷрибаи муваффақи бисёр миллатҳо шомили ниҳодҳову сиёсатҳои давлатие аст, ки барои тақвияти навоварӣ иқдом мекунанд" (саҳ. 69).

Мактаби дигар бардошти баръакс дошта, мегӯяд, ки даст надоштани давлат дар раванди рушди илму технология навовариро бештар мекунад. Агар танзими ин раванд ба бозор гузошта шавад, қонунҳои бозорӣ худ онро ба пайроҳаи дуруст

мебаранд ва истеҳсолкунандагон барои рақобатпазир будан кӯшиш мекунанд, ки навгонӣ кунанд. Талаботу таклифот дар бозор беҳтарин танзимкунанда ва таҳрикдиҳандаи фаъолияти илмӣ ва навоварӣ барои дарозмуддат мебошанд. Онҳо барои тасдиқи ин ақидаи худ таҷрибаи нокоми ИҶШС ва ҶМЧ дар давраи Мао Зедунро ҳамчун мисол меоранд, ки аввалӣ баъди як давраи нисбатан кутоҳи пешравиҳои назаррас бо сукут мувоҷеҳ шуда, барҳам хурд ва дуюмӣ, то даст ба ислоҳоти ҷиддӣ назад ва муносибатҳои иқтисодии бозаргониро ба роҳ намонд, муваффақ нашуд. Аммо бозор ҳам ба таври идеалӣ кор намекунад ва бе дахолати давлат ба бухронҳои амиқ гирифтор мегардад. Ин аст, ки танҳо ба бозор вогузоштани раванди мазкур наметавонад ҷомеаҳоро ба сатҳи баланди навовариҳои илмӣ расонад. Марк Тейлор бо мисолҳо камбудиҳо ва сабабҳои шикасти қонуни бозорро баррасӣ карда, хулоса мекунад, ки "давлат метавонад бо танзими бозор хатару шикастҳои онро камтар намуда, як иқтисоди навоваронаро роҳандозӣ намояд. Ҳатто дар миёни ҷонибдорони бозори озод аксарият ҷонибдори онанд, ки давлат бояд масъалаи шикастҳои бозорро ҳал намояд" (саҳ. 73). Дар идомаи ин зербоб муаллиф ба баррасии 5 роҳкори асосӣ барои пешгирии шикасти бозор ва ё кам кардани таъсири манфии бухронҳо ба рушди илму технология ва навовариҳо пардохта, онҳоро "панҷ сутуни навоварӣ" меномад.

**а) Сутуни якум: Ҳуқуқи моликият.** Маълум аст, ки фаъолияти илмӣ ва навоварӣ риску хароҷоти зиёде дорад. Барои дастёбӣ ба як технологияи сифатан нав ва ё тақвияти назарраси технологияи мавҷуда ниҳодҳои илмӣ, ширкатҳо, соҳибкорон, гурӯҳҳо ва ё шахсиятҳои алоҳида вақту пули зиёд сарф мекунанд. Вале дар ҳар давру замон ва махсусан асри технологияҳои иттилоотӣ паҳн шудани маълумот ва нусхабардорӣ шудани он аз ҷониби дигарон ба маротиб

арзону камсарф аст. Ин нусхабардории натиҷаҳои бо заҳмату масрафи зиёд бадастомада манфиати худи навоварро кам карда, ангезаи идомаи фаъолияти навоваронаро коҳиш медиҳад. Барои пеши роҳи чунин раванди манфиро гирифтан давлатҳоеро, ки мехоҳанд мизони навоварии худро болотар баранд, лозим аст, ки ҳуқуқи моликият барои навовариҳоро таҳияву ҷорӣ намуда, ба навоварон имкони ба даст овардани манфиат тахминан барои 20 солро фароҳам оваранд. Ин ҷо боз таҷрибаи Иттиҳоди Шуравиро ҳамчун намуна баррасӣ карда, шикасти ин давлатро дар роҳи илму технология ва навовариҳо баъди 20 соли пешсафӣ дар ин ҷода, ба дуруст таъмин накардани ҳуқуқи моликият рабт медиҳад. Қайд мекунад, ки "патентҳо ва ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ як муомилаи муҳим байни ҷомеа ва ихтироъкунандагон аст: агар навоварон дониш ва ихтироъҳои нави худро бо ҷомеа ба иштирок бигузоранд, ҷомеа ба онҳо як монополияи кутоҳмуддатро, маъмулан 20 сол барои патентҳои технологӣ, 18 сол барои истеҳсоли маҳсулот бар асоси он навоварӣ, таъмин менамояд, то навоварон тавонанд сармоягузории худро ҷуброн карда, даромади муайянеро ба даст оваранд. Дар ИМА ин муомила дар Низоми патентие, ки соли 1790 роҳандозӣ шуда буд, муқаррар шудааст. Аз он замон патентҳо ба унвони як абзори сиёсии асосӣ барои пешбурди рушд дар илму фановарӣ дар ИМА мавриди истифода қарор гирифтаанд" (саҳ. 76).

**б) Сутуни дуюм: Дастгирии давлатии пажуҳишҳо ва коркард.** Навоварӣ гаронарзиш аст, мегӯяд Марк Тейлор, "рушди илму навоварии тоза, маъмулан як раванди тулонии озмоиш ва хаторо дар бар мегирад, ки метавонад натиҷаҳои ғалати фаровонеро ҳам бо худ дошта бошад. Илова бар ин, ин раванд ҷалби кормандони баландихтисосу таҷрибадор дар илм, технология, муҳандисӣ ва риёзиро тақозо мекунад, ки дар бештар маврид талабот ба онҳо зиёд буда, пешниҳод

камтар аст ва бинобар ин, гаронарзиш мебошанд. Сармояи физикӣ ба монанди лабораторияҳо ва марказҳои озмоишии муҷаҳҳаз бо таҷҳизоти илмӣ, ҳазинаҳои навовариро афзоиш медиҳад. Аз ин рӯ, агар қарор бошад, ки сиёсатмадорон фақат аз як навъи иқдомоти давлатӣ барои кумак ба болоравии ҷойгоҳи кишвар дар навоварии ҷаҳонӣ ҳимоят кунанд, пас он метавонад афзоиши маблағгузорӣ дар ҷодаи рушди илму фановарӣ бошад. Ин аст, ки кумакҳои давлатии пажуҳишу коркард ба таври суннатӣ сутуни дуюми классикии иқдомоти давлат барои кумак ба навовариро ташкил медиҳанд" (саҳ. 82).

Албатта, ин ҷо дигар паҳлуҳои масъала низ бояд дар назар гирифта шуда, банақшагирӣ ва назорат аз болои маблағҳои барои рушди илму пажуҳиш ва коркарду беҳсозии маҳсулоти нав равонашуда дуруст ба роҳ монда шавад. Ба худии худ зиёд кардани маблағгузорӣ ба ин соҳа навовариро зиёд намекунад. Ин маблағҳо ба осонӣ метавонанд бесамар ва ғайримақсаднок истифода шаванд.

Аҳамияти дастгирии давлатии илму таҳқиқоти илмӣ ҳанӯз аз асрҳои қадим маълум буд. Ҳамеша олимон ва мактабҳои илмӣ аз ҷониби шоҳону раҳбарони давлатҳо дастгирӣ меёфтанд. Олимон аз қаламрави давлатҳое, ки ба ин соҳа таваҷҷуҳ надоштанд ва ё бадтар аз он бо ҳар сабабе, ба вижа бо сабаби таассуботи диниву мазҳабӣ онҳоро мавриди озор қарор медонанд, берун шуда, ба кишварҳое мерафтанд, ки баръакс барои онҳо муҳити мусоид офарида, дастгирии молиявӣ мекарданд. Ин ҳам метавонад то ҷое муаммои Қонуни Кардвелро равшан кунад. Дар минтақаи мо низ намунаҳои таърихӣ вуҷуд дорад. Ба мисоли Академияи Гундишопури давраи Сосониён, ки шароити хуби пешбурди фаъолияти илмӣ тадқиқотиро барои олимону донишмандон фароҳам оварда буданд ва олимони зиёде аз Юнону Рум бинобар

пайгирии мазҳабиёни насронӣ гурехта ба ин ҷо омада, фаъолияти илмӣ мекарданд.

**в) Сутуни сеюм: Маориф.** Аҳамияти маориф ва таълиму тарбияи босифати аҳолӣ дар тули таърих на ҳамеша эътироф мешуд. Вале баъди пайдо шудани давлатҳои миллӣ ва инқилоби санъатӣ эҳтиёҷ ба қувваи кории босаводу соҳибтахассус зиёд гардида, аҳамияти онро зиёд намуд. Марк Тейлор қайд мекунад, ки "маориф бо се роҳ навовариро тақвият медиҳад. Якум, олимон ва муҳандисони омӯзишдида имкони мустақиман иштирок кардан дар раванди навовариро доранд. Муайян шудааст, ки кормандони баландихтисос муназзам дар раванди навоварӣ ва тақвияти маҳсулот саҳмгузорӣ мекунанд. Дуюм, ҳатто агар кормандон дар офариниши технологияҳои нав саҳм надошта бошанд, бисёре аз онҳо ҳанӯз ҳам барои иҷрои вазифаҳои худ ба омӯзиши илму фановарӣ ниёз доранд. Барои мисол, тағйироти технологӣ метавонанд маҳорати кормандонро такмил диҳанд, ба тавре, ки афзоиши яке талабот ба дигареро зиёд менамояд. Сеюм, истеъмолкунандагони таҳсилкарда низ майл ба пешбурди тағйироти технологӣ доранд. Барои мисол, Эрик Вон Ҳиппел нишон додааст, ки дар бисёре аз заминаҳо на тавлидкунандагон, балки истеъмолкунандагон навовариро ҳидоят мекунанд. Ӯ қайд намудааст, ки чӣ гуна дар соҳаҳои мухталиф, аз таҷҳизоти илмӣ гирифта то нармафзору маҳсулоти варзишӣ, истеъмолкунандагон масъули бахши қобили таваҷҷуҳе аз тағйироти технологӣ ҳастанд" (саҳ. 88-89).

**г) Сутуни чорум: Донишгоҳҳои таҳқиқотӣ.** Пажуҳишгоҳҳо дар донишгоҳҳо низ яке аз сарчашмаҳои рушди илму технология ва навоварӣ дар ҷаҳон мебошанд. Марк Тейлор менависад, ки "донишгоҳҳо аз чандин тариқ ба рақобатпазирии миллӣ дар илму фановарӣ кумак мекунанд. Маълум аст, ки озмоишгоҳҳои донишгоҳҳо ҷойе мебошанд, ки

бисёре аз таҳқиқоти илмӣ ва навовариҳои технологӣ дар онҳо анҷом меёбад. Кашфиёт ва ихтирооти бешуморе, монанди қалби маснуӣ, шабакаи ҷаҳонии интернет ва эгергияи атомӣ натиҷаи мустақими пажуҳишҳои донишгоҳӣ будаанд. Донишгоҳҳо ҳамчунин ба таври ғайримустақим, аз тариқи иртибот бо саноат ва давлат, тағйироти технологиро тақвият медиҳанд" (саҳ. 95).

**д) Сутуни панҷум: Сиёсати тиҷорӣ.** Сиёсати тиҷорӣ олимону пажуҳишгарон, соҳибкорону истеҳсолкунандагони маҳсулоти инноватсиониро бо ҳамтоёни худ дар дигар давлатҳои ҷаҳон пайваст мекунад. Пеш аз ҳама онҳо ба донишҳо, идеяҳои нав ва маҳсулоти навоваронаи кишварҳои дигар дастрасӣ пайдо карда, тарзи истифода ва тиҷорати онҳоро аз худ мекунанд. Илова бар ин, мегӯяд Марк Тейлор, тиҷорат рақобатро миёни соҳибкорону ширкатҳои кишварҳои гуногун ба ба вуҷуд оварда, мусобиқоти байналмилалиро барои ба даст овардани самаранокии бештар ва маҳсулоти навтар ба миён меоварад. Ҳамчунин, тиҷорат сабаби тахассусманд шудани давлатҳо дар соҳаҳои муайян мегардад, ки ин имконоти ба даст овардани навоварӣ дар он соҳаҳоро бештар месозад. Муҳимтар аз ин, тиҷорат сарвату дороии ширкатҳову давлатҳоро зиёд карда, имкони бештар сарф кардани маблағ барои пажуҳишҳову коркарди маҳсулоти навро фароҳам меоварад (саҳ. 99). Ин ҷо аз ҳама бештар кишварҳои нисбатан хурд метавонанд манфиат ба даст оваранд. Чунки ин кишварҳо наметавонанд аз имконоти иқтисодиёти ҳаҷм дар доираи бозори хурди худ истифода намоянд. Тиҷорат бозори маҳсулоти навоваронаи онҳоро васеъ намуда, имконоти молиявиашонро зиёд мекунад ва ангезаи идома додани фаъолиятҳои илмӣ-таҳқиқотии онҳоро ҷиҳати кушодани марзҳои нави технологӣ нигаҳ медорад.

Албатта, сиёсати тиҷорӣ нозукиҳои худро дорад ва имкон надорад ба якборагӣ ҳама маҳдудиятҳои гумрукиро бардошт. Дар ин росто, шарти асосӣ ёфтани он миёнгине аст, ки ҳам корхонаҳои навтаъсиси ватанӣ дар пайи фишори ширкатҳои соҳибтаҷрибаи хориҷӣ варшикаста нашаванд ва ҳам маҳдудиятҳо то ҳадде набошанд, ки дар ҷавоб кишварҳои дигар бозори худро ба рӯи ширкатҳои ватанӣ банданд. Маҳдудиятҳои тиҷорӣ барои дастгирии ширкатҳои ватаниро метавон танҳо барои як муддати кутоҳ ҷорӣ кард. Он ширкатҳо дар навбати худ вазифадор ҳастанд, ки дар ин муддат то дараҷае қавӣ гарданд, ки дар бозори ҷаҳонӣ рақобат карда тавонанд. Дар ин қисмат муаллиф ҳамаи ин нозукиҳоро бо овардани мисолҳо ва таҳлили додаҳо муҳокима намудааст.

**5. Чаро миллатҳо шикаст мехуранд: капитализм, демократия, ғайримутамарказӣ**. Дар зербоби 5 муаллиф эътироф мекунад, ки панҷ сутуни навоварие, ки мавриди муҳокимаву баррасӣ қарор гирифт, ба пуррагӣ наметавонанд фарқият байни миллатҳоро дар ҷодаи илму навоварӣ нишон диҳанд. Боз ҳам баъзе паҳлуҳои нофаҳмои ин масъала вуҷуд доранд. Бинобар ин, дар боби 5 таъсири капитализм, демократия ва ғайримутамаркази (десентрализатсия)-и сиёсӣ мавриди баррасӣ қарор гирифта, таъсири онҳо ба илму навоварӣ дар давлатҳои гуногун санҷида мешавад. Дар ин қисмат муаллиф чанд назарияи дигарро мавриди баҳсу баррасӣ қарор додааст:

**а) Низоми навоварии миллӣ.** Дар миёнаи солҳои 1980-ум, ки пешсафони навоварӣ дар сатҳи ҷаҳонӣ ба монанди ИМА, Британияи Кабир ва Ҷопон дар ин ҷода заифтар шуда, чанде аз кишварҳои дигар босуръат пеш мегузаштанд, ба монади Тайван ва Кореяи Ҷанубӣ, парадигмаи Низоми навоварии миллӣ ба вуҷуд омад. "Маҷмуи ниҳодҳову сиёсатҳое, ки дар ҳамоҳангӣ амал намуда, навовариро тақвият медиҳанд, ҳамчун

Низоми навоварии миллӣ шинохта мешавад, ки барои тавзеҳи ҷойгоҳи як кишвар дар илму навоварӣ истифода мегардад" (саҳ. 108).

Парадигмаи Низоми навоварии миллӣ бар он аст, ки навоварӣ новобаста аз он, ки аз ҷониби кӣ ба даст оварда мешавад, дар доираи ниҳодҳои иқтисодиву сиёсии муайян ба миён меояд. Ин "ниҳодҳо ва сиёсатҳо ба ҳам омада, системаеро ташкил медиҳанд, ки ҷойгоҳ ва самти ҳаракати як кишварро дар ростои илму навовариҳои ҷаҳонӣ муайян менамоянд. Азбаски ин ниҳодҳову сиёсатҳо дар кишварҳои гуногун аз ҳам фарқ мекунанд ва дар воқеъ миллатро то дараҷае муаррифӣ мекунанд, онҳо Низоми навоварии миллиро ташкил медиҳанд" (саҳ. 109).

Ҷонибдорони ин назария Низомҳои навоварии миллии кишварҳои гуногунро мавриди таҳлил қарор дода, дарёфтанд, ки тағйирёбандаҳои зиёде дар он вуҷуд доранд, ки ҳар кишвари муваффақ аз як қисми онҳо истифода бурдааст ва наметавон як бастаи умумиеро пайдо кард, ки ҳама кишварҳо истифода намуда, ба пешравиҳои илмӣ ва навовариҳои ҷиддӣ даст ёфта бошад. "Барои мисол муҳаққиқони Низомҳои навоварии миллӣ дар мавриди ИМА ба ин натиҷа расиданд, ки дар он муҳаррикҳои калидии пешрафти илмӣ-технологӣ аз замони Ҷанги Дуюми Ҷаҳонӣ барномаҳои низомӣ, иқдомоти зиддиинҳисории саривақтиву қавӣ, ширкатҳои хурд ва донишгоҳҳо будаанд. Ин дар ҳолест, ки ҳеҷ як аз ин тағйирёбандаҳо ба таври қобили таваҷҷуҳ дар Низоми навоварии миллии Ҷопон нақш надорад. Балки қудрати навоварии Ҷопон дар давраи баъдиҷангӣ ба назорати қавии давлат аз болои тиҷорату сармоягузорӣ, равобити хоси корхонаҳову кормандон ва усули хоси мудирияти ширкатҳо рабт доштааст, ки ҳеҷ кадом аз онҳо дар мавриди ИМА вуҷуд надоштааст. Пажуҳишҳои монанд дар ростои Британия

Кабир, Олмон, Фаронса, Корея ва Тайван низ нишон медиҳанд, ки ҳамчунин тағйирёбандаҳои мазкур дар онҳо дигаргуна буда, феҳристро васеътар мекунанд. Ҳар кишваре маҷмуи фарққунандаи ниҳодҳову сиёсатҳоеро дорад, ки Низоми навоварии миллии хоси ҳамон миллатро ташкил медиҳанд." (саҳ. 110).

Илова бар ин, як бастаи ниҳодҳову сиёсатҳои муайян дар як кишвар натиҷаи хуб медиҳад, вале ҳамин баста дар кишвари дигар ҳамон натиҷаро дода наметавонад. Ин аст, ки назарияи Низоми навоварии миллӣ низ натавонист фарқияти кишварҳоро дар илму навоварӣ ба таври қаноатбахш тавзеҳ намояд.

**б) Намудҳои капитализм.** Назарияи дигаре, ки кӯшиш мекунад фарқият дар сатҳи пешрафти илму технология ва навовариҳоро дар кишварҳои гуногун маънидод намояд, назарияи "Намудҳои капитализм" мебошад. Ин назария бар он аст, ки "ҳар чи қадаре, ки як давлат ба бозор имкон медиҳад, ки худ робитаҳои иқтисодиашро танзим намояд, ба ҳамон андоза бозингарони иқтисодии он навовартар хоҳанд буд. Баракс, ҳар чи қадаре, ки як давлат робитаҳои иқтисодии дохилиро танзим намуда, аз механизмҳои ғайрибозорӣ истифода мекунад, ҳамон андоза навоварии бозингарони иқтисодӣ дар он кундтар ва тадриҷитар мешавад"(саҳ. 111).

Яъне ин назария бештар ба озодиҳои иқтисодӣ ва ё ба қонунҳои бозор вогузор кардани раванди рушди илму навовариҳо таваҷҷуҳ намуда, сатҳи озодиҳои иқтисодиро омили асосии пешрафт дар ин ҷода медонад. Ин назария ширкатҳоро дар маркази диққати худ қарор дода, мегӯяд, ки фаъолияти босамари як ширкат аз муносибати он бо қувваҳои корӣ, сармоягузорон, давлат ва дигар ширкатҳо вобаста аст. Ба ибораи дигар, озодии бештар дар фаъолият, камтар будани дахолати давлат ба кори онҳо, таъмин будани рақобати солим

дар кишвар ва мавҷудияти қонунҳои коршоям барои мубориза ба зидди ҷинояткориву монополизм муҳити хуберо барои рушди илму навоварӣ таъмин карда метавонад. Ин ҷо муаллиф ду намуди капитализмро таҳлили амиқтар мекунад: иқтисодҳои бозории либералӣ(ИМА, Австралия, Канада, Британияи Кабир, Ирландия, Зеландияи Нав) ва иқтисодҳои бозории ҳамоҳангшуда(Австрия, Белгия, Дания Финландия, Олмон, Ҷопон, Нидерландия, Норвегия, Шветсия, Шветсария). Дар иқтисодҳои бозории либералӣ озодии бештар буда, ширкатҳо бештар тибқи қонунҳои бозор кор мекунад ва дар иқтисодҳои бозории ҳамоҳангшуда ширкатҳо бештар муносибати дӯстона дошта, фаъолияти хешро бар хилофи қонунҳои бозор дар бисёр ҳолат ҳамоҳанг мекунанд (саҳ. 112).

Дар ин зербоб Марк Тейлор навовариҳоро ба ду гурӯҳ тақсим мекунад: навовариҳои қатъӣ ва навовариҳои тадриҷӣ. "Навоварии бунёдӣ навоварие аст, ки маҳсулот ва ё хизматрасониҳои комилан наверо ироа менамояд. Аз ин рӯ, он тағйироти зиёд дар хатҳои тавлид ва раванди истеҳсолотро талаб мекунад. Навоварии тадриҷӣ, аз тарафи дигар, тақвиятҳои кучак, вале муназзамеро дар хатҳои тавлид ва раванди истеҳсолот бо худ дорад. Бар хилофи тавлид бар асоси навоварии бунёдӣ, ки дар он суръат ва тағйирпазирӣ бисёр муҳим ҳастанд, тавлид бар асоси навоварии тадриҷӣ ҳифзи сифати баланди маҳсулоти мавҷударо дар авлавият қарор медиҳад" (саҳ. 113).

Кишварҳои дорои иқтисоди бозории либералӣ имкони ба даст овардани навовариҳои қатъиро дошта, дар бозори ҷаҳонӣ мавқеи устувортарро ишғол мекунанд. Дар кишварҳои дорои иқтисоди бозории ҳамоҳангшуда бештар навовариҳои тадриҷӣ дида мешаванд (саҳ. 114). Барои санҷиши ин назария ва тасдиқи таъсири он ба сатҳи навовариҳо дар кишварҳои ҷаҳон, муаллиф дар саҳифаҳои 115-122 додаҳои зиёдеро аз

ташхис гузаронида ба хулоса меояд, ки бо вуҷуди он, ки наметавон ин назарияро ба пуррагӣ рад кард, вале ин ҳам наметавонад ба пуррагӣ фарқияти кишварҳоро дар илму навоварӣ тавзеҳ диҳад. Чунки ташхис нишон медиҳад, ки баъзе кишварҳо бо ҷорӣ кардани озодиҳои хеле зиёд дар иқтисоди хеш навовариҳои зиёде надоштаанд ва дар радабандиҳо ҷойгоҳи нисбатан пасти худро нигаҳ доштаанд, ба монанди Руминия, Ангола, Молдова Албания, Никарагуа, Словения, Ботсвана, Булғористон, Перу ва Хорватия. Кишварҳои дигар, ки озодиҳои иқтисодии зиёдеро тули даҳсолаҳо доштанд, вале ҳанӯз ҳам кишварҳои миёна аз ҷиҳати навовариҳо шинохта мешаванд, ба монанди Австралия, Зеландияи Нав, Британияи Кабир ва Чили. Дар баробари ин, чанд кишвари дигар бо доштани иқтисоди бозории ҳамоҳангшуда ва маҳдудтар будани озодиҳои иқтисодӣ тайи чанд даҳсолаи охир навовариҳои зиёде ба вуҷуд оварда, ҷойгоҳи худро дар ин ҷода дар сатҳи ҷаҳонӣ ба таври назаррас боло бурдаанд, ба монанди Тайван, Сингапур ва Кореяи Ҷанубӣ. Дар маҷмуъ, наметавон як намуди хоси капитализмро дарёфт кард, ки фарқият миёни кишварҳои ҷаҳон дар сатҳи навовариҳоро ба таври қонеъкунанда нишон диҳад.

**в) Демократия.** Дар саҳифаи 123 Марк Тейлор аҳамияти мавҷудияти низоми демократиро дар як кишвар барои навовариҳо баррасӣ намуда, назари барандаи ҷоизаи Нобели соли 1993 дар иқтисод Дуглас Норсро меорад. Ӯ мегӯяд, ки мавҷудият ва коршоямии ҳамаи сутунҳои навоварӣ аз сиёсат вобаста аст ва бояд сиёсат пеш аз ҳама самаранок, яъне демократӣ, бошад. Ба ақидаи Норс "самараноктарин ниҳодҳои сиёсӣ онҳое ҳастанд, ки қонуну сиёсатҳоеро ба тасвиб мерасонанд, ки иқтисодро тадриҷан рушд медиҳанд. Чунин қонунгузориҳо метавонанд ба рушди илму навовариҳо, сохтани саноатҳои нав, кушодани бозорҳои нав, тақвияти

маҳорати кормандон ва кашфи захираҳои табиии нав суръат бахшанд" (саҳ. 123).

Дар як низоми демократӣ қудрат, агарчи дар байни ниҳодҳои иҷтимоӣ тақсим шудааст, вале ҳама ниҳодҳо ба дурустӣ назорат мешаванд ва ҳеҷ кас берун аз қонун нест. Ин аст, ки дар чунин низом шароити мусоид барои кору фаъолияти навоварона фароҳам меояд ва бинобар ин, демократия метавонад ба навовариҳо таъсир расонида, ҷойгоҳи кишварро дар радабандиҳои навоварӣ боло барад. Дар ҷомеаҳои ғайридемократӣ ба эҳтимоли зиёд қудрату дороиҳо дар дасти як гурӯҳи муайян афтида, ба манфиати худи онҳо истифода мешаванд ва онҳо монеи навовариҳое мешаванд, ки метавонанд боиси аз даст рафтани манфиатҳо ва ҷойгоҳашон гардад. Барои тасдиқи ин нуқтаи назар Марк Тейлор додаҳоро аз рӯйи ду тағйирёбанда 1)тағйири сатҳи демократия ва тағйирот дар ҷойгоҳи онҳо дар радабандиҳои мизони навоварӣ дар 40 кишвари ҷаҳон, барои солҳои 1970-2010 мавриди ташхис қарор медиҳад (саҳ. 126-127). Натиҷа нишон медиҳад, ки тағйири сатҳи демократия ба тағйирот дар ҷойгоҳи онҳо дар радабандиҳои мизони навоварӣ таъсири мусбат надорад, баръакс таъсири он каме манфӣ аст. Ташхис нишон медиҳад, ки кишварҳое, ки собиқаи зиёди доштани сатҳи баланди демократияро доранд(Ҳиндустон, Коста Рика, Ямайка) дастоварди болое дар навоварӣ надоранд, ҳатто агар онҳо кишварҳои бо даромади миёна ва боло шинохта шаванд(Италия, Зеландияи Нав ва Австралия). Хулоса, сатҳи болои демократия низ наметавонад фарқияти кишварҳо дар илму технология ва навовариҳоро ба пуррагӣ тавзеҳ диҳад.

**г) Ғайримутамарказии сиёсӣ.** Марк Тейлор менависад, ки ғайримутамарказии сиёсӣ аз демократия фарқ дорад. Баъзе кишварҳои демократӣ низоми сиёсии мутамарказ дошта, баъзеи онҳо хеле зиёд ғайримутамарказии сиёсӣ доранд.

Шояд ин гуногунӣ сабабгори фарқияти зиёди кишварҳо дар илму технология ва навовариҳоро бошад. Ҳукумати ғайримутамарказ, ки ҳар минтақа дар он мухторияти зиёд дорад, метавонад хеле рақобатпазир бошад, самаранок кор кунад ва ҳамин тариқ фазои беҳтареро барои илму навоварӣ ба вуҷуд оварад. Дар баробари ин, дар ҳукумат ва ё ташкилотҳои аз ҳад зиёд марказонидашуда дар бештар ҳолат навовариҳо ва идеяҳои нав рад мешаванд ва ё хеле дер қабул мегарданд. Ин аст, ки чунин кишварҳо ё ташкилотҳо дар ҷодаи навоварӣ дастовардҳои зиёде дошта наметавонанд (саҳ. 127-128). Муаллиф барои тасдиқи ин нуқтаи назар ИМА-ро ҳамчун мисол баррасӣ мекунад. Ин кишвар сатҳи ғайримутамаркази баланд дорад. Ҳатто иёлотҳо байни якдигар дар рақобати шадиди сиёсиву иқтисодӣ қарор доранд. Аз як ҷониб чунин ғайримутамаркази сиёсӣ шумораи сармоягузорони лоиҳаҳои инноватсиониро зиёд намуда, аз ҷониби дигар, рақобатро миёни онҳо ба вуҷуд меорад. Ин рақобат самаранокии манбаъҳои ба илму навоварӣ равонашударо зиёд карда, ҷойгоҳи кишварро дар сатҳи ҷаҳонӣ боло мебарад. Ҳатто гурӯҳҳои манфиатхоҳ наметавонанд дар чунин низомҳо ба осонӣ ворид шуда, ҳаққи дигаронро ғайриқонунӣ соҳиб шаванд.

Бо вуҷуди мантиқӣ будани назарияи ғайримутамаркази сиёсӣ, таҳлили додаҳо ва муқоисаи кишварҳои гуногун нишон медиҳанд, ки баъзе кишварҳои пешсаф дар ҷодаи навовариҳо бо доштани низомҳои марказонидашуда, дар чанд даҳсолаи охир натиҷаҳои мусбат доштаанд (Ҷопон, Кореяи Ҷанубӣ, Тайван, Сингапур), вале баъзе кишварҳое, ки даҳсолаҳо низоми ғайримутамаркази сиёсӣ доранд навовариҳои кам доштаанд(Австралия, Зеландияи Нав, Британияи Кабир) ва дигарон бо чунин низом навовариҳои зиёдеро дар сатҳи ҷаҳонӣ ироа карда натавонистаанд (Белгия, Бразилия, Чили,

Коста Рика, Юнон, Ҳиндустон, Италия, Норвегия, Португалия, Тайланд).

Дар хулосаи ин зербоб муаллиф менависад, ки "такроран таъкид кунам, ман бар он нестам, ки демократия, ғайримутамарказии сиёсӣ ва бозори озод ба сатҳи навовариҳои миллӣ таъсире надоранд. Балки ман муътақидам назарияеҳое, ки ин ниҳодҳоро барои пешрафт ва устувории раванди илмӣ-технологӣ кофиву лозимӣ медонанд, муболиға кардаанду аз ҳад зиёд соддашуда мебошанд ва бояд бозбинӣ гарданд. Онҳо он қудрати пешбиникунандаву тавзеҳдиҳандаеро, ки мо меҳоҳем, надоранд. Ниҳодҳову сиёсатҳои дохилӣ ҷойгоҳ ва самти ҳаракати фаъолияти ихтироъкории миллиро муайян намекунанд. Монанди асбобҳои дуредгар, ниҳодҳову сиёсатҳо ба натиҷаҳо таъсир мегузоранд, аммо онҳо қувваи таҳрикдиҳанда нестанд. Асбобҳои хуб касеро ба як дуредгари соҳибкасб табдил намедиҳанд, ниҳодҳову сиёсатҳои хуб низ як ҷомеаро ба навоварӣ водор намекунанд" (саҳ. 139).

**6. Чӣ тавр миллатҳо муваффақ мешаванд: шабакаҳо, кластерҳо ва стандартҳо.** Дар зербоби 6 (саҳ. 140-180) Марк Тейлор бо назардошти ин ки усулҳои назариявӣ дар ростои илму навоварӣ ё умуман наметавонанд фарқият дар навоварии кишварҳоро тавзеҳ диҳанд ё қисман ин корро анҷом медиҳанд, бештар ба омӯзиши таҷрибаи кишварҳои муваффақ дар ин ҷода пардохта, чанд паҳлуи дигари ин масъаларо (шабакаҳо, кластерҳо ва стандартҳо) мавриди баҳсу баррасӣ қарор додааст. Кишварҳо чӣ кор карданд ва ё чӣ корҳоеро накардаанд, ки дар илму навоварӣ пешсафиро ба даст овcovered, дастовардҳои миёна доштанд ва ё дар ин ҷода шикаст хурданд. Ду кишвар, Исроилу Тайван, ки дар солҳои 1950-ум нисбатан ақибмондаву кишоварзӣ буданд ва дар чанд даҳсола тавонистанд ба гурӯҳи кишварҳои аз ҷиҳати навоварӣ

ва илму технология пешсафиро ба даст овარданд, як кишвар Ирландия, ки дар даҳсолаҳои охир дастовардҳои миёна дошт, як кишвари дигар Мексика, ки қисман шикастхурда маҳсуб меёбад мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтанд.

**а) Исроил.** Исроил дар солҳои аввали истиқлоли худ ба мавҷи муҳоҷирони яҳудӣ аз Африқо, Аврупо ва Шарқи Миёна мувоҷеҳ шуд, ки ин сатҳи умумии саводнокии аҳолии онро хеле поён бурд. Дар ин солҳо илму инноватсияҳо маблағгузории кам мешуданд, неруи давлативу зеҳнӣ барои ба ҳам овардани ин аҳолии аз ҳам фарққунанда масраф мешуд. Дар саҳифаҳои 244-250 вазъияти ногувори Исроил дар солҳои аввали истиқлол мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Ин кишвар маҷбур мешавад илму технологияро канор гузошта, аввал болои ҳувияти мардум кор карда, ваҳдату иттиҳоди умумиро таъмин намояд. Дар баробари зиёд шудани таҳдидҳо аз берун дар охири солҳои 1960-ум ва аввали солҳои 1970-ум ҳувияти миллӣ боло рафта, гурӯҳҳои манфиатдор барои нигаҳ доштани давлат ва пирӯзии миллӣ гузаштҳо намуда, барои рушди илму технологияҳо ва фаъолиятҳои навоварона маблағҳои зиёдро сарф карданд. Давлат дар пайи фишорҳои амниятӣ ба маҳсулоти технологии баланд ниёзи бештар пайдо кард, сиёсати илммеҳварро пайгирӣ карда, фазои мувофиқ барои илму навовариро фароҳам овард ва бо истифода аз робитаҳо бо яҳудиёни кишварҳои аз ҷиҳати илму технологӣ пешрафта ширкатҳои байналмилалиро ҷалб намуд ва низоми миллии навоварии хешро роҳандозӣ кард. Дар ин муддат барои яҳудиён аз Амрикову Аврупо, ки сатҳи баландтари донишу тахассусро доштанд, кӯчидан ба Исроил муфид гардид. Махсусан, яҳудиён аз Иттиҳоди Шуравӣ солҳои 1970-1990 ба ин кишвар зиёд мерафтанд, ки сатҳи баланди донишҳоро дар илмҳои дақиқ доштанд. Муҳити мувофиқи кору фаъолият, сармояву технологияи ширкатҳои

байналмилалӣ ва зиёд шудани захираҳои зеҳнӣ, ҳамчунин фишорҳои амниятӣ дар баробари бад шудани муносибатҳо бо ҳамсояҳои араб, шароите ба миён овард, ки ин кишвар дар як муддати кутоҳ илму технологияи муосирро аз худ карда, навовариҳои зиёд ба даст овард. Ин кишвар бештар ба ширкатҳои хусусӣ ва донишгоҳҳо барои ба даст овардани технологияҳои нав такя мекард ва ба кори онҳо камтар дахолат мекард.

**б) Тайван.** Тайван низ баъди ҷудо шудан аз Чин ҳамчун кишвари ақибмонда аз ҷиҳати илму технология мавҷудияти худро оғоз намуд. Солҳои зиёд ин кишвар танҳо ашёи хом, озуқаворӣ ва маҳсулоти нассоҷии оддиро ба бозори ҷаҳонӣ содирот мекард. "Ба монанди Исроил, ин кишвар низ дар ҳоли дасту панҷа нарм кардан бо масъалаҳои ҳувияти миллӣ ва ташкили давлат буд ва умдатан илму навовариро нодида мегирифт" (саҳ. 250). Чунки баъди сарозер шудани 2 миллион чинӣ аз Чини материкӣ ба Тайван танишҳо миёни онҳо ва маҳаллиҳо ба авҷи аълои худ расида буданд. Ба ғайр аз ин, худи сокинони бумии Тайван аз замони ҳукмронии ҷопониҳо миёни ҳамдигар, аз рӯйи маҳал, биниши сиёсӣ ва шароити иқтисодӣ, мубориза мебурданд. Чиниҳои муҳоҷир низ дар симои як гурӯҳ аз тайваниҳо душман ва ҳамкорони Ҷопонро медиданд. Барои ин кишвар як идеологияи миллӣ ва тақвияти ҳувияти миллӣ лозим буд. Ҳизби миллигарои Чин, ки акнун раҳбарӣ мекард аввалин вазифаро барои хеш тақвияти ҳувияти миллӣ ва таъмини ҳамгироии тамоми қишрҳои ҷомеа мешуморид. Ин вазифаро дар муддати тақрибан 20 сол, тариқи таблиғи забону фарҳанг ва худшиносии чинӣ, ҳамчунин ҳизби худро пуштибони асосии ин фарҳанг эълон намудан, ба анҷом расонида тавонист. Дар ин давра ҳамаи захираҳои барои илму маориф ҷудошуда ба илмҳои гуманитариву иҷтимоӣ сафарбар карда мешуданд (саҳ. 252).

Аз нимаи дуюми солҳои 60-уми асри гузашта дар баробари кам шудани танишҳои дохилӣ, хатарҳои хориҷӣ зиёд шудан гирифтанд. Ҳукумати Тайван вазъияти навро дар назар гирифта, сиёсати худро иваз намуд ва рӯ ба илмҳои дақиқ ва технологияҳои нав овард. Акнун ҳукумат сиёсати илммеҳвари худро роҳандозӣ намуда, тадриҷан ба як кишвари истеҳсолкунанда ва содиркунандаи маҳсулоти инноватсионӣ мубаддал гашт. Фазои муносиб барои соҳибкорӣ сохта шуд ва ба роҳ мондани робитаҳо бо ширкатҳои байналмилалӣ тавассути муҳоҷирони чинӣ дар Аврупову ИМА, айнан ба монанди Исроил, ба ин кишвар низ сармояву технологияҳои навтарини он замонро ворид намуд. Ба тафовут аз Исроил ҳукумати Тайван ба равандҳои иқтисодӣ бештар дахолат карда, лоиҳаҳои бузургро худ интихоб мекард ва барномарезиҳои илмиро дар дасти худ гирифта буд, ки саранҷом навовариҳои бадастомадаро ба бахши хусусӣ интиқол медод. Таҳдидҳои амниятӣ низ ба Тайван ангезаи ба даст овардани технологияҳои навро медоданд. Ин кишвар ҳам ба монанди Исроил хатароти зиёдеро аз берун, махсусан аз Чин эҳсос мекард.

**в) Ирландия.** Ирландия ҳарчанд истиқлоли худро барвақттар ба даст оварда буд (1919-1921), вале даҳсолаҳо ҳамчун кишвари аграрӣ боқӣ монда буд. Танҳо аз соли 1990 содироти маҳсулоти технологии баланд аз ин кишвар оғоз шуд, вале ин маҳсулоти Ширкатҳои байналмилалӣ буданд ва саҳми зеҳнии ирландиҳо дар онҳо ночиз буд. Ба тафовут аз Исроилу Тайван Ирландия ба сохтани марказҳои илмӣ-пажуҳишӣ барои аз худ кардани технологияҳои нав ва навоварӣ кардан таваҷҷуҳи зиёд надошт. Танҳо шароити мусоидро барои Ширкатҳои байналмилалӣ фароҳам оварда, онҳоро ҷалб карда буд. Маҳсулоти ин кишварҳо дар Ирландия истеҳсол шуда асосан ба бозори Иттиҳоди Аврупо ворид карда

мешуданд. Ҳамин тариқ, Ирландия тавонист ҳамчун кишвари нававари сатҳи миёна шинохта шавад, вале ба гурӯҳи кишварҳои пешсаф дар навовариҳо ворид нашуд. Шояд набуди хатари амниятии ҷиддӣ аз берун бошад, ки ин кишвар таҷрибаи Исроилу Тайванро такрор накард.

**г) Мексика.** Бо вуҷуди он ки Мексика дар чанд даҳсолаи охир тавонистааст, ки дар содироти масолеҳи технологии баланд, махсусан санъати автоматикунонӣ, электроника ва телекоммуникатсия, ҷойгоҳи қавӣ пайдо кунад, вале аксари кулли ширкатҳои истеҳсолкунандаи онҳо хориҷӣ ҳастанд (саҳ. 153). Ин кишвар дар солҳои 70-уми асри гузашта дар соҳаи компютерсозӣ каме пешравӣ дошт, вале баъдан он ҳам шикаст хурд ва ҳоло илму навовариро дар ин кишвар танҳо ширкатҳои хориҷӣ дар даст доранд. Инҳо дар бештар ҳолат ҳама таҳқиқоту коркардро дар кишварҳо худ гузаронида, дар Мексика, бо истифода аз қувваи кории арзон, истеҳсол менамоянд ва ба хориҷа, махсусан ИМА ва Канада содирот мекунанд. Аз миёнаҳои солҳои 1980-ум Мексика сиёсати ҷалби Сармояи мустақими хориҷиро ба роҳ монда, ба ширкатҳои хориҷӣ сабукиҳои зиёд додан гирифт. Ин ба умеде буд, ки ин ширкатҳо раванди таҳқиқу коркарди маҳсулоти навоваронаи худро низ дар ҳамин кишвар ба роҳ мемонанд, ки билохира донишу технологияи навин ба аҳолӣ ва ширкатҳои миллии Мексика мегузарад (саҳ. 154). Вале чунин нашуд, ҳукумати ин кишвар ба монандаи ҳукуматҳои Тайвану Исроил ба тақвият додани илмҳои дақиқ, дастгирии давлатии марказҳои таҳқиқотиву коркард ва маблағгузории стартапҳои дохилӣ дар соҳаи технологияҳои баланд таваҷҷуҳи зиёд надошт (саҳ. 155). Дар натиҷа ин кишвар танҳо ба таъминкунандаи қувваи кории арзон ва фазои мусоиди кориву содирот барои ширкатҳои байналмилалӣ табдил ёфт, ки метавон гуфт дар ҷодаи илму навовариҳо шикаст хурд. Албатта, ҷалби сармояи мустақими

хориҷӣ низ кори дурусте буд ва рушди баландсуръати иқтисодиро барои ин кишвар таъмин карда, сатҳи зиндагии аҳолии онро боло бурд, вале он ҳанӯз ҳам дар радабандиҳои байналмилалии навовариҳои илмию технологӣ дар сатҳи поён қарор дорад.

Пас аз таҳлили таҷрибаи ин кишварҳо ва ҷустуҷӯи сабабҳои бурду бохтҳои онҳо Марк Тейлор ба хулосае меояд, ки наметавон як бастаи ниҳодҳо ва ё сиёсатҳоеро таҳия кард, ки ҳар кишвар тавонад бо истифода аз он рақобатпазирии хешро дар илм ва технологияҳо тақвият диҳад. Ҳукуматҳо бояд ниҳодҳои илмӣ-технологӣ ва сиёсатҳои худро мувофиқ ба фарҳанг, таърих ва вазъияти сиёсӣ-иқтисодии худ роҳандозӣ намуда, бастаи барои кишвари худ хосеро интихоб намоянд (саҳ. 156). "Ҳанӯз ягон ниҳод ё сиёсати ягона ва ё маҷмуае аз онҳо, ки барои пешбурди рақобатпазирии илмӣ-технологӣ лозимӣ ё кофӣ бошад, дарёфт нашудааст. Ҳар ниҳоду сиёсати илмӣ-технологӣ паҳлуҳои заифу қавии хешро дорад. Ҳамчунин кишварҳои навовари зиёде вуҷуд доранд, ки бо доштани ниҳодҳову сиёсатҳои муҳими сиёсӣ дар илму технология ва навоварӣ имтиёзи пойинеро касб кардаанд, дар ҳоле ки бисёре аз кишварҳое, ки ниҳодҳои солиме доранд, аслан навовариҳои зиёде намекунанд. Дар воқеъ, чандин кишвар (масалан Тайван, Корея и Ҷанубӣ ва Исроил) танҳо баъд аз он ки ҷойгоҳи худро дар радабандиҳои илму навоварӣ ба таври назаррас боло бурданд, ниҳодҳои "хуб"-ро ба роҳ монданд. (саҳ. 157).

Дар ин зербоб таъсири шабакаҳои иҷтимоӣ, кластерҳо ва стандартҳо мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Шабакаҳои иҷтимоӣ навоварону соҳибкорони дохилиро бо сармоягузорон, бозорҳо ва донишу технологияҳои хориҷӣ пайваст намуда, суръати рушдро дар илму навоварӣ боло мебаранд. Марк Тейлор ба роҳ мондани чунин шабакаҳоро

баҳри ба даст овардани рақобатпазирии илмӣ-технологӣ дар сатҳи ҷаҳонӣ хеле муҳим мешуморад (саҳ. 157). Таҷрибаи Исроил ва Тайван, ки бо истифода аз яҳудиёну чиниҳои муҳоҷири кишварҳои нисбатан пешрафта, тавонистанд шабакаи иҷтимоиро ба роҳ монанд ва маълумоти муҳиме, ки давлату бозор инъикос карда наметавонанд, ба даст оранду низоми миллии навоварии худро созанд, ҳамчун намуна оварда шудааст.

Дар як минтақаи алоҳида ба роҳ мондани таҳқиқот, коркард ва истеҳсоли маҳсулот гуногуни як соҳаи муайян, ки тавонад ҳамчун кластер амал намуда, мутахассисон, сармоягузорон ва соҳибкорон дар ҳамон соҳаро дар як ҷо ҷамъ кунад, метавонад ба илму навоварӣ дар ҳамон соҳа таъсири мусбат дошта бошад. Кластерҳо ба аъзои худ пайвандҳову ҳамкориҳои бештарро ироа намуда, додугирифти технологияҳо, маълумот ва таҷрибаҳоро осон месозад. Ҳарчанд дар асри технологияҳои информатсионӣ ва ҷаҳонишавӣ ба ҳам омадан ва ё пайванди навовар, сармоягузор, соҳибкор ва харидор хеле осон гардидааст ва бе ҷамъ омадани онҳо дар як минтақаи муайян самаранокии корашонро таъмин намудан мумкин аст, вале додаҳо нишон медиҳанд, ки ҳанӯз ҳам кластерҳо ба рушди соҳаҳои зеҳнталаб таъсири мусбат доранд.

Стандартҳо ҳамчун хусусиятҳои техникии равшан таърифшуда ва дуруст ҳуҷҷатшудаи маҳсулот, хизматрасониҳо ва фаъолиятҳо дар арзёбии навовариҳо, мутобиқати маҳсулоти истеҳсолкунандагони гуногун ва татбиқу бозоргир кардани он нақши ҳалкунанда доранд. Дар ҳоле ки ҳама намуди стандарту меъёрҳо дар ҷомеа муҳим ҳастанд, стандартҳои технологӣ дар асри 21 яке аз абзорҳои муҳим барои тақвияти низоми навоварии миллӣ маҳсуб меёбанд (саҳ. 172). Стандартҳо дар соҳаҳои гуногун ҳамчун воситаи муколама ва ҳамкорӣ истифода шуда, аъзои як шабакаи

навовариву истеҳсолиро ба ҳам меоваранд. Ашхоси алоҳида, ширкатҳо, соҳаҳо ва давлатҳо ҳамкориҳои илмӣ-техникии худро тариқи стандартҳои қабулгардида ба роҳ монда, суръати рушди навоварӣ, истеҳсолот ва бозорёбии худро боло мебаранд. "Навоварон як технологияи навро тавлид нахоҳанд кард, магар ин ки мутмаин бошанд, ки бо технологияҳои мавҷуда ё оянда кор карда метавонанд. Дар ҳамин ҳол, истеъмолкунандагон метавонанд аз хариди маҳсулоти нав даст кашанд, агар ба сифат, бехатарӣ ва ё мутобиқати он бо технологияҳое, ки аллакай харидорӣ намудаанд, боварӣ надошта бошанд" (саҳ. 174).

Аз ин рӯ, давлатҳо ниҳодҳои алоҳидаи миллӣ ва байналмилалии арзёбӣ, қабулсозиву роҳандозӣ ва назорати стандартҳоро ба роҳ мемонанд. Ин ниҳодҳо на танҳо стандартҳоро муайянро қабулу назорат мекунанд, балки аз монополия шудани соҳаҳои алоҳида аз ҷониби ширкатҳои бузурге, ки маҳз навоварии онҳо ҳамчун стандарт қабул мегардад, пешгирӣ мекунанд. Хулоса, стандартҳо аз ҷониби давлат ва созмонҳои марбутаи байналмилалӣ арзёбиву қабул гардида, барои навоварону истеҳсолкунандагон ва ҳамчунин истеъмолкунандагон шароити мувофиқ барои навоварӣ, истеҳсол ва истеъмоли маҳсулоти технологиро фароҳам меоваранд.

## Боби 3. Чаро миллатҳо навоварӣ мекунанд: ноамнии офаринанда

**7. Бозандагони технологӣ ва муқовимати сиёсӣ дар баробари навоварӣ.** Ниҳодҳо, сиёсатҳо, шабакаҳо, кластерҳо ва стантартҳо, ки то кунун мавриди баррасии муаллиф қарор гирифтанд, нишон медиҳанд, ки чӣ тавр миллатҳо навоварӣ мекунанд. Дар зербоби 7 Марк Тейлор ба баррасии масъалаи чаро онҳо навоварӣ мекунанд пардохтааст. Дар ин зербоб, бо

овардани мисолҳои зиёд назарияи "ноамнии офаринанда"-и худро мавриди санҷиш қарор медиҳад.

Сабаби ақибмонии миллатҳо дар илму навоварӣ на танҳо ниҳодҳои бесамар ва аҳолии бесаводи онҳо ҳастанд, балки муқовимати сиёсиву иҷтимоӣ низ сабаби камранг шудани фаъолиятҳои навоварона дар як кишвар буда метавонанд. Илму технологияҳои нав барои баъзеҳо манфиат ва барои баъзе дигар зиён меоранд. Онҳо метавонанд дороиву қудратро аз дасти як гурӯҳе, ки бо донишу технологияи куҳна онро ба даст овардаасту нигаҳдорӣ мекунад, ба дигарон гузаронанд. Ниҳодҳову, сиёсатҳо ва шабакаҳои нав низ ҳамин хатарро барои гурӯҳе аз одамон дар ҳар ҷомеа эҷод карда метавонанд. Ин аст, ки ҳамеша ин гурӯҳҳои бозанда ба офаридан, маблағгузорӣ намудан ва татбиқи донишу технологияҳои нав дар ҷомеа бо ҳар роҳу усул муқобилият нишон медиҳанд. Ин дар ҳолест, ки одамон, дар маҷмуъ, худро ҳамчун ҷонибдори илму технологияи нав муаррифӣ мекунанд (саҳ. 187). Ба қавли иқтисодшиноси амрикоӣ Ҷозеф Шампетер: "бозандагон тақдири худро дар хатар мебинанд. Навоварӣ метавонад ба ҷомеа манфиати зиёд оварад, аммо он қурбониёни худро дорад ва ин қурбониён муқовимат мекунанд" (саҳ. 188). Дар ин муқовимати худ гурӯҳҳои бозанда, бештар ба сиёсат рӯ меоранд. Ё дар такя ба мавқеи иқтисодиашон фишангҳои сиёсиро мустақиман дар даст доранд ва ё аз тариқи мутақоид намудани сиёсатмадорон, ки қонунгузориву захираҳои молии ҷомеаро дар даст доранд, сари роҳи паҳншавии навовариҳоро мегиранд ва ё маблағгузориро ба ниҳодҳое, ки ба эҷод ва ё татбиқи навовариҳо машғул ҳастанд камтар мекунанд ё ин ки пурра қатъ менамоянд. Ҳатто камтарин муқобилияти сиёсӣ ба навовариҳо таъсири манфии бузурге дошта метавонад (саҳ. 188). Бо вуҷуди он ки дар ҳама ҷомеаҳо гурӯҳҳои алоҳидае ҳастанд, ки ба илму навоварӣ ошкору пинҳонӣ муқовимат

мекунанд, боз ҳам кишварҳои муайян дар ин ҷода пешравӣ мекунанд ва ҷойгоҳи худро дар илму навовариҳои ҷаҳонӣ боло мебаранд. Чаро? Марк Тейлор мегӯяд, ки хатароти иқтисодӣ ё ҳарбии бештар аз хориҷ метавонад дар дохил муқовиматро ба илму навовариҳо камтар карда, ҷомеаро ба ҳолати "ноамнии офаринанда" ворид созад. Ин "ноамнии офаринанда" барои маблағгузории бештару устувортар ба илму технология ва қабули осонтари онҳо дар ҷомеа шароит фароҳам меоварад. Ҳарчанд ин хатар бузургу дарозмуддат бошад, ҳамон андоза мардум ва давлат бори гарони молиявӣ ва риски фаъолияти илмиву навовариро ба душ мегирад. (214).

**8. Ноамнии офаринанда.** Дар оғози зербоби 8 муаллиф суханро аз рабт доштани раванди рушди илму технологияҳо ба сиёсат оғоз мекунад. "Навоварӣ ба таври табиӣ ба вуҷуд намеояд, балки танҳо баъди сармоягузории қобили таваҷҷуҳ ба сармояи инсонӣ, манбаъҳои моливу моддӣ ва вақт ҳосил мешавад. Ин манбаъҳо бояд ба фаъолиятҳои навоварона, маъмулан дорои риски зиёд ва дур аз барномаҳои иҷтимоиву масрафӣ, ихтисос дода шаванд. Бинобар ин, дар сатҳи миллӣ, тасмими навоварӣ, як тасмими сиёсӣ аст. Он сиёсӣ аст, чунки ҳадафҳои миллии муайяне (илму фановарӣ)-ро ба қимати нодида гирифтани дигар ҳадафҳо (ҳар чизи дигаре) дар авлавият қарор медиҳад. Он талаб мекунад, ки давлат ниҳодҳо, сиёсатҳо ва шабакаҳои гаронарзишро, барои кумак ба навоварӣ, сохта нигаҳдорӣ намояд. Аммо монанди дигар тасмимгириҳои сиёсӣ, гурӯҳҳои манфиатдори гуногун бар сари ҳазинаҳо, даромадҳо ва ҷанбаҳои тақсимотии прогресси илмӣ ва тағйироти технологӣ, бо ҳам мубориза мебаранд. Дар бештари маврид бозандагон аз илму технологияҳои нав дар маҳдуд намудан ё дасткории ниҳодҳову сиёсатҳое муваффақ мешаванд, ки ба манфиатҳояшон хатар эҷод мекунанд.

Паёмад ин мешавад, ки ин ҳамлаҳо метавонанд бо мурури замон боиси дилсардии навоварон, корфармоён ва сармоягузорон шаванд ва дар натиҷа сатҳи навоварии миллиро ба таври куллӣ коҳиш диҳанд" (саҳ. 215).

Ӯ илова мекунад, ки агар рушди илм ва навовариҳо ба сиёсат рабт дошта бошад ва гурӯҳҳои манфиатдор ҳамеша дар пайи маҳдуд кардани он бошанд, пас ҳеҷ миллате наметавонист аз ин варта берун шуда, марзи илму технологияи замони худро убур намуда, навоварӣ кунад. Вале дар таҷриба чунин набуду нест ва миллатҳои муайян дар ҳар давру замон дар илму технологияҳо пешсафӣ намуда, навовариҳои зиёдеро ба ҷомеаи башарӣ ба армуғон овардаанд. Ба қавли Марк Тейлор, яке аз омилҳое, ки ба миллатҳо барои омӯзиши илм ва офаридани технологияҳо ангеза медиҳад ин хатарҳои берунӣ мебошанд, ки онро "ноамнии офаринанда" меномад. "Ноамнии офаринанда вазъияте аст, ки дар он таҳдидҳо аз душманони хориҷӣ нисбат ба хатарҳо аз рақибони дохилӣ зиёдтар ҳастанд. Ин тафовути мусбат байни хатароти рақобати иқтисодӣ ё ҳарбӣ аз берун ва таҳдидҳои рақибони сиёсӣ-иқтисодӣ дар дохил мебошад. Ба ибораи оддитар, мардум сари ин кӣ чӣ тавр бояд кулча тақсим карда шавад, дигар баҳс намекунанд, агар бегонагон таҳдиди пурра гирифтани онро дошта бошанд. Ва дар шароити таҳдидҳои муайян беҳтарин роҳ барои ҳифзи кулча пешрафт дар илму фановарӣ аст." (саҳ. 216).

Дар ин бахши китоб таҷрибаи зиёда аз дусадсолаи ИМА дар ростои муборизаҳои дохиливу хориҷии мардуми ин кишвар, ки ба раванди рушди илму технология ва паҳншавии навгониҳо дар он таъсиргузор буданд, мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтааст. Ин таҳлил нишон медиҳад, ки дар ҳар даврае, ки хатари беруна ба ИМА таҳдиди ҷиддӣ мекард, қувваҳои гуногун ба ҳам омада, барои пешрафти илму

технология қувваҳои зеҳниро сафарбар карда, ба осонӣ маблағҳои зиёдеро барои он ҷудо мекарданд. Вале дар давраҳои кам будани хатарҳои беруна гурӯҳҳои манфиатхоҳ бо ҳам дар рақобати дохилӣ афтида, таваҷҷуҳро ба илму навовариҳо кам мекарданд, ки дар натиҷа ин соҳа маблағгузории кофӣ ба даст намеовард. Хулоса, назарияи ноамнии офаринанда ин нуктаро таъкид мекунад, ки калиди дарки дараҷаи навовариҳои миллӣ на дар ин аст, ки кадом ниҳодҳо ё қонуну қоидаҳоро як кишвар бояд ба роҳ монад, то дар илму технологияҳо пешсаф бошад, балки чӣ сиёсатҳое пушти ангезаҳои як кишвар дар пайгирии инноватсияҳо меистанд. Чӣ шароите ба сиёсатмадорон ва гурӯҳҳои манфиатдор ангеза медиҳад, ки илму навовариро дастгирӣ кунанд ва қисман ё пурра аз манфиатҳои шахсии худ даст кашанд (саҳ. 225). Маълум аст, ки илм гаронарзиш аст ва на ҳама вақт сармояи ҳангуфти ба он сарфшуда натиҷаи мусбат дода метавонад. Барои розӣ шудани ҳама гурӯҳҳои манфиатдор ва равона кардани сармояи миллӣ ба чунин соҳаи рискдору пешбининашаванда, хатарҳои ҷиддии берунаи иқтисодиву иҷтимоӣ барои ҷомеа зарур аст.

**Хулосаи китоб**. Марк Тейлор саҳми ниҳодҳову сиёсатгузориҳои дурустро барои расидан ба рушди босуръати илму технология ва навоварӣ рад намекунад. Вале бо овардани мисолҳои зиёд аз таҷрибаи кишварҳои муваффақу номуваффақ нишон медиҳад, ки ниҳодҳову сиёсатгузориҳо як абзор ҳастанд, ки ҳар кас ё гурӯҳ метавонад онҳоро ба таври худ истифода кунад. Будани низоми демократии ғайримутамарказ ва либералӣ ҳанӯз кафолати пешравӣ дар илму технологияҳо ва зимнан рушди иқтисодии устувор нест. Ин аз нияту бардошти давлатмардон ва гурӯҳе, ки қудрату сарвати миллатро дар даст доранд вобаста аст, ки онҳо дар асл

чӣ мехоҳанд ва чӣ ҳувият доранд. Агар ҳувияти миллӣ доранду меҳанашонро дар баробари дигар кишварҳои ҷаҳон гузошта, рушди онро нақшабандӣ менамоянд ва агар хатарҳои беруна ба давлат зиёд таҳдид мекунанд, пас ҳатман рӯ ба илму технология оварда, маблағҳои зиёдро ба ин соҳа сафарбар менамоянд. Ин аст, ки назарияи "ноамнии офаринанда"-ро пешниҳод карда, мавриди баҳсу баррасӣ қарор медиҳад. "Аслан паёми ин китоб равшан аст: рақобат боиси навоварӣ мешавад, на ниҳодҳо ё сиёсатҳо. Ангезабахштарин шакли рақобат, рақобате аст, ки байни давлатҳо дар арсаи байналмилалӣ рух медиҳад. Бидуни рақобати байналмилалӣ дар шакли таҳдидҳои хориҷӣ ба амнияти дохилии ҷомеа, сатҳи навовариҳои миллӣ тамоил ба поёнравиро дорад. Таҳдидҳои хориҷӣ муҳим ҳастанд, зеро онҳо муборизаҳои дохилӣ сари тақсимоти дороиҳоро, ки ангезаҳову манфиатҳои навовариро кам мекунанд, аз байн мебаранд. Дар ҳолати набудани эҳсосоти ниёз ба навовариҳо, ниҳодҳои дохилӣ ба дурустӣ сохта, истифода ва нигаҳдорӣ намешаванд, то сатҳи навоварии миллиро тақвият диҳанд. Баръакс, онҳо нодида гирифта мешаванд ва ё барои дигар ҳадафҳо истифода мешаванд, бештар ҳадафҳои масрафӣ ё идеологӣ. Бинобар ин, маҳз баланс байни хатароти хориҷӣ ва рақобатҳои дохилӣ аст, ки дар ниҳоят, тариқи таъсиргузорӣ ба самаранокии ниҳодҳову сиёсатҳо, амалкарди илму фановарии миллиро пеш мебарад." (саҳ. 250).

Ҳамчуноне, ки Дарон Осимуғлу ва Ҷеймс Робинсон дар асари худ, бо вуҷуди он ки ниҳодҳоро барои рушду пешрафти як давлат калидӣ медонанд, вале ин назари худро ҳақиқати кул ҳисоб намекунанд ва дари баҳсҳо барои коршиносон кушода мегузоранд, Марк Тейлор низ назарияи ноамнии офаринандаи хешро охири баҳс намедонад. Мегӯяд, ки "дар сатҳи як миллат-давлат ноамнии офаринанда яке аз омилҳои

ангезабахш ҳаст, на лузуман омили ягона. Ман шахсан ҳадс мезанам, ки фарҳанг, идеология, раҳбарии фардӣ, иқлим ва шояд ҳатто равоншиносии иҷтимоӣ низ мумкин аст, нақши муҳиме дар тавзеҳи фарқияти давлатҳо дар сатҳи навоварии миллӣ дошта бошанд. То кунун ҳар яке аз ин омилҳо камтар мавриди таҳлилу омӯзиш қарор гирифтаанд ва шоистаи таваҷҷуҳи бештари муҳаққиқони падидаи навоварӣ мебошанд." (саҳ. 280). Ҳамин тариқ, Марк Тейлор низ дари баҳсро кушода мегузорад, то омилҳои дигари таъсиррасон ба рушду пешрафти илмӣ-технологӣ ва иқтисодӣ-иҷтимоӣ кашф карда шаванд.

## Хулоса

Дар натиҷаи баррасии амиқи нақши ниҳодҳо дар дастовардҳои як кишвар Марк Тейлор ба хулоса меояд, ки ниҳодҳо чизеро муайян намекунанд, онҳо абзор ҳастанд, на қувваи сабабӣ. Ӯ намегӯяд, ки ниҳодҳо дар ин ҷо ҳеҷ аҳамияте надоранд, балки таъкид менамояд, ки "ниҳодҳову сиёсатҳо абзорҳое ҳастанд, ки ҷомеаҳои муосир барои дастёбӣ ба ҳадафҳои технологии худ аз онҳо истифода мебаранд, вале ба монанди ҳар абзори дигаре, ниҳодҳо метавонанд нодида гирифта шаванд, маблағгузории кофӣ нашаванд, суйистифода гарданд ё аз бемасъулиятӣ ба шикаст рӯ ба рӯ шаванд. Нияти корбарони абзорҳо аҳамият дорад. Ҳамон ниҳодҳое, ки метавонанд барои суръат бахшидани навовариҳо истифода гарданд, ҳамчунон метавонанд барои ҳадафҳои дигари берабт истифода гарданд ва ё ба куллӣ нодида гирифта шаванд." (саҳ.17).

Ин дар воқеъ нишон медиҳад, ки сарчашмаи асосии роҳандозии ислоҳоти ҷиддӣ, дар як кишвари нисбатан ақибмонда, ҳадафу иродаи давлатмардон ва гурӯҳҳои таъсиргузор ба сиёсати он мебошад. Агар ин гурӯҳҳо аз хориҷ хатари бештар эҳсос намоянд ба рушди илму технология ва

дар заминаи он ба мустаҳкам кардани пояҳои давлатдории хеш таваҷҷуҳи бештар зоҳир намуда, абзорҳо ё худ ниҳодҳои заруриро ба роҳ мемонанд ва аз онҳо ба дурустӣ истифода мекунанд. Дар китоби мазкур чандин кишварҳо ҳамчун намуна оварда шудаанд, ки дар баробари ба маротиб зиёд шудани хатарҳо аз хориҷ нисбат ба танишҳои дохилӣ онҳо тасмимҳои дуруст гирифта, ба як ҷаҳиши илмӣ-технологӣ даст ёфтанд. Аммо кишварҳоеро, ки хатарҳои берунаи зиёд доранд, вале ҳеҷ ислоҳоти хирадмандонаеро дар тули даҳсолаҳо роҳандозӣ накардаанд ва ҳамоно нисбатан ақибмонда маҳсуб меёбанд, мавриди баррасии амиқ қарор намедиҳад. Танҳо мегӯяд, ки чунин давлатҳо дар дохил низ бо хатару танишҳои зиёд рӯ ба рӯ будаанд. Ҳарчанд дар чанд ҷойи китоби худ нақши фарҳангро дар шаклгирии сиёсатҳо ёдовар мешавад, лекин онро таҳлили ҳамаҷониба намекунад. Танҳо менависад, ки "фарҳанг аҳамият дорад, зеро дар сатҳи болотарин он интизориҳои бунёдиро бобати рискҳо, подошҳо ва имконоте, ки фаъолиятҳои иқтисодиро раҳнамоӣ мекунанд, эҷод мекунад. Ҳамчунин, фарҳанг сатҳи эътимод дар як ҷомеаро муайян менамояд, ки он ба соҳибкорӣ, сармоягузорӣ ва ба вусъату умқи муомилоти иқтисодие, ки навоварии муваффақ ба онҳо вобаста аст, таъсир мегузорад. Чуноне ки як муаррихи навоварӣ менависад: "ҳама ҷомеаҳо ба ғизо ниёз доранд, аммо омилҳои фарҳангӣ муайян мекунанд, ки беҳтарину боҳуштарин афроди як ҷомеа бо мошинолот ё маводи кимиёвӣ сару кор хоҳанд дошт ва ё шамшербозии хешро тақвият дода, Талмуд мехонанд"" (саҳ. 64).

Яъне ба эҳтимоли зиёд нақши фарҳанги миллатҳо дар фароҳам овардани ангезаи меҳансозии ҷиддӣ дар вуҷуди давлатмардону таъсиргузорон ба сиёсати он, хеле ҳалкунанда аст ва ин масъала омӯзиши бештарро талаб мекунад. Ин ҷо нақши ҳувияти миллӣ ва номуси миллӣ бояд амиқтар арзёбӣ

гардад. Чунки маҳз ҳувияти миллӣ аст, ки гурӯҳҳои таъсиргузорро барои ҳифзи давлат мутаҳид намуда, водор месозад, ки барои ҳифзи манфиатҳои умумӣ қисман аз манфиатҳои худ даст кашанд. Вагарна дар ҷаҳони муосир агар ватанро душман ба оташ кашид онҳо метавонанд ба осонӣ ба кишварҳои дигар куч баста, роҳат зиндагӣ кунанд. Аммо ҳувият ва номуси миллӣ онҳоро водор мекунад, ки риску хатарҳоро қабул намуда, ислоҳоти ҷиддиро роҳандозӣ намоянд. Ислоҳоте, ки навоварӣ меорад ва ин навоварӣ барандаву бозандагони худро дорад ва бозандагон ҳатман муқобилият хоҳанд кард.

Дар воқеъ, сиёсату сиёсатмадорон дар бурду бохти давлатҳо нақши асосиро доранд. Онҳо қудрату сарвати миллиро дар даст доранд ва имкон доранд, ки муҳити муайянеро дар кишвар созанд. "Сиёсатгузориҳо, ниҳодҳо ва сиёсатҳои миллӣ шароитеро фароҳам меоваранд, ки дар он навоварӣ рух медиҳад. Яъне агарчи афрод ва ширкатҳо истеҳсолкунандаи бевоситаи навовариҳо мебошанд, баҳраоварии онҳо ба хусусиятҳои давлат-миллате, ки дар он фаъолият доранд, сахт вобаста аст. Муҳити миллӣ барои тавзеҳи ин ки чаро беҳтарину боҳуштарин шаҳрвандон қувваи хешро ба ҷойи дин, ҷанг, санъати тасвирӣ ё фаъолияти ғайриқонунӣ, ба илму фановариҳо равона месозанд, кумак мекунад" (саҳ.27). Агар ҳувияти миллӣ дар як кишвар қавӣ бошад, дар баробари хатарҳои хориҷӣ ҳукумат ҳатман муҳити солим барои рушди илму навоварӣ сохта, давлатро аз ҷиҳати иқтисодиву ҳарбӣ қудратманд месозанд. Агар ҳувияти миллӣ дар сатҳи паст қарор дошта бошад, гурӯҳҳои таъсиргузор дунболи манфиатҳои шахсиву гурӯҳии хеш гашта, муҳити носолим ба миён меоранд, ки ин боиси шикасти миллатҳо мешавад. Чунки чунин гурӯҳҳои таъсиргузори худхоҳ рушди илму

технология ва навовариҳоро омили хатар ба манфиатҳои худ дониста, ҳатман ошкору пинҳонӣ бо он муқобилият мекунанд.

Китоби мазкур дар воқеъ як асари арзишманд буда, баҳси омилҳои рушду ақибмондагии миллатҳоро ба зинаи болотар мебарорад. Агар ниҳодҳо дар ин ҷо ҳамчун абзор барои расидан ба ҳадафҳо хизмат кунанд, хатарҳои хориҷӣ барои роҳандозии ислоҳотӣ ҷиддӣ ангеза медиҳанд. Дар маҷмуъ, паёми Марк Тейлор ин аст, ки ниҳодҳову сиёсатҳо, демократия, ғайримутамарказии сиёсӣ, бозори озод ва дигар роҳкорҳо, ки нишон медиҳанд чӣ тавр метавон ба рушди босуръат даст ёфт, барои расидан ба ҳадаф кофӣ нестанд. Як омили ангезадиҳанда дар ин ҷо лозим аст, то давлатмардонро водор созад, ки дастбакор шаванд. Ин омил ноамнии офаринанда буда метавонад. Мо дар Шуъбаи таҳқиқоти стратегии назди Раёсати АМИТ баъди таҳлилҳо ва баҳсҳои зиёд сари ин мавзуъ ба хулосае омадем, ки ноамнии офаринанда низ бо иловаи тағйирёбандаҳои дигари зикргардида, ҷиҳати ангеза додани миллат ва давлат дар роҳи рушд, кофӣ нестанд. Омили дигари таъсиргузоре бояд бошад, ки давлатмардонро водор созад, то хатарҳо ба давлату миллати хешро ҳамчун мушкили шахсиву гурӯҳии худ дониста, ноамнии офаринандаро ҷиддӣ гиранд. Ин омил ҳувияти миллӣ буда метавонад. Ҳувият ва номуси миллӣ давлатмардонро маҷбур месозад, ки манфиатҳои миллиро дар авлавият гузошта, риску хароҷоти истифода ва пайгирӣ намудани илму технология ва навовариҳоро қабул кунанд ва давлату миллати хешро ба сафи кишварҳои аз ҷиҳати илму технология ва иқтисоду сиёсат пешрафта дохил намоянд. Яъне ворид кардани ислоҳоти ҷиддӣ дар фарҳанги ҷомеа ва тақвияти ҳувияти миллӣ низ дар баробари ноамнии офаринанда ба феҳристи тағйирёбандаҳо ҳангоми таҳлили масъалаҳои иқтисодиёти рушд бояд дар назар гирифта шавад.

**Нурмуҳаммад САФАРЗОДА**
*адабиётшинос*

## ШЕЪРУ ШОИРӢ ДАР КОРГОҲИ ЭҶОДИИ УСТОД БОҚӢ РАҲИМЗОДА

*(мулоҳизоте дар ҳошияи 115-солагии устод Боқӣ Раҳимзода)*

Баъд аз солҳои 60-уми қарни гузашта адабиёт ва фарҳанг аз маҳдудиятҳои сиёсиву мафкуравӣ раҳо ёфта, тадриҷан ба шинохти вазифаҳои аслии худ наздик мешуд. Дар фазои сиёсиву фарҳангии кишвар як муҳити созгор барои баргаштан ба асолати таърихии мардуми бумӣ сар мешуд. Дар саргаҳи ин бедорию талошҳои раҳоӣ аз бандубасти фикрию ҳувиятӣ, пеш аз ҳама, шоирону нависандагон қарор доштанд. Шоири халқии Тоҷикистон Мирзо Турсунзода гарчанде ба сиёсати даврони шуравӣ боварӣ дошт ва дар тарғиби ин сиёсат достону қиссаҳои зиёде бахшидааст, вале дар солҳои мавриди назар дар эҳёи суннатҳои адабиёти гузашта иқдом намуда, ин равандро то охири умр раҳнамоӣ кардааст. Дар паҳлуи устод Мирзо Турсунзода шоироне зиёде қарор гирифта, дар раванди бедории фикрию ҳувиятӣ саҳми муносиб гузоштанд ва дар ин замина, мақому ҷойгоҳи Шоири халқии Тоҷикистон устод Боқӣ Раҳимзодаро метавон махсус таъкид намуд.

Устод Боқӣ Раҳимзода, ҳам дар шеър ва ҳам дар тарбияи насли нави эҷод ҳамеша дар паҳлуи устод Мирзо Турсунзода қарор дошт ва ҳатто баъзе талошҳо ва иқдоми ӯ дар ҷодаи шеър дар сояи ин устоди сухан ношинохта мемонанд. Танҳо барои Боқӣ Раҳимзода имкон нашудааст, ки чун дӯсти ҳамқалами худ ба олами бекарони сиёсати ҷаҳон роҳ ёбад, вале дар дигар ҳама ҷабҳаҳои эҷод ва пешрафти ҳаёти ҷамъиятии он рӯз Боқӣ Раҳимзода аз шахсиятҳои матраҳи

замони худ ба ҳисоб мерафт. Хосатан, Боқӣ Раҳимзода дар тарбияи шоирон ва навқаламони солҳои 60-уми қарни гузашта аз Муъмин Қаноат то Лоиқ, Бозор Собир, Қутбӣ Киром, Гулрухсор, Гулназар ва садҳо дигар қаламкашон саҳми бевосита дорад ва ҳатто аксари ин суханваронро устод Боқӣ Раҳимзода аз курсии донишҷӯӣ пайдо намуда, ба майдони сухан ва шеър раҳнамоӣ кардааст. Лоиқ Шералӣ аз зумраи шоиронест, ки аз мактаби эҷодиии устод Боқӣ Раҳимзода сабақҳо омӯхта, ҳанӯз соли 1970 дар ҳаққи ҷонфидоиҳои ин марди сухан, ки дар тарбияи ҳамзамонони суханвараш саҳми бузург дорад, бо самимияти беандозаи шоирона чунин мегӯяд:

*Ҳар он марде, ки озод аст, ёри ҳамниҳоди мост,*
*Ҳар он к-ӯ раҳшинос афтод, ҳамроҳи ҳаёти мост,*
*Тавонад ҳар ки омӯзад ду-се ҳарфи савод, аммо*
*Чу Боқӣ ҳар ки қадри мард донад, устоди мост[12.79].*

Қутбӣ Киром соли 1975 ба маҷмуаи ашъори Боқӣ Раҳимзода сарсухан менависад ва зимни муаррифии муаллифи ин китоб аз роҳнамоии устод Боқӣ Раҳимзода хеле бо муҳаббат ҳарф мезанад: "Дар китоби ҳаёти мо, шоирони ҷавон, Боқӣ Раҳимзода ҳамчун як шеъри дилошӯб сабт гаштааст, мо бе ӯ худро ҳеҷ вақт пурра тасаввур карда наметавонем. Ӯ аз мисраъҳои аввал сар карда, то имрӯз (соли 1975 дар назар аст) ҳамроз, ҳамдард, ҳамдам, ҳамдӯш ва ҳамкори мост"[6.5].

Ин меҳрномаҳо дар замони зиндагии шоир навишта шуда буданд ва аз реҳлати устод Боқӣ Раҳимзода наздик ба 50 сол мегузарад ва то ҳол аз дили шоироне, ки дар оғози қалам аз мактаби ин роҳнамои мактаби шоирӣ баҳравар шудаанд, оҳанги меҳру садоқат садо медиҳад. Шоири халқии Тоҷикистон Муҳтарам Ҳотам шояд аз ҷавонтарин суханвароне буд, ки аз сабақҳои устод Боқӣ Раҳимзода баҳравар гардидааст

ва имрӯз ӯ ба синни мубораки 75 расида, аз ин шоири бузург бо меҳру муҳаббат чунин сухан гӯяд:

*Дӯш Боқӣ буду меҳри дилу шеъру суханаш,*
*Дар раҳи шеър ба мо раҳбари устод буд ӯ.*
*Сактаи мисраи мо дар дили ӯ сакта шуда,*
*Зи яке мисраи рангин чӣ қадар шод буд ӯ"[11.5].*

Агар ба маҷмуаи шоирони солҳои 60-ум то 80-уи қарни XX дақиқ назар афканем, ҳатмӣ меҳрномаҳое барои устод Боқӣ Раҳимзода нигоштаи суханварони ояндаро вохӯрдан мумкин аст. Худи устод Боқӣ Раҳимзода аз шогирдони мактаби шоирии худ ифтихор дошт ва дар шеърҳояш гоҳо аз кароматти шоирии худ хоксорона ёд менамуд:

*Навпарастиҳо намеояд зи дастам дӯстон,*
*Лек андар шеъри нав таъсири ашъори ман аст.*
*Шодам ин ки тозагулҳои баҳори орзу,*
*Ҳар яке бо зеби нав зеби чаманзори ман аст[6.97].*

Мактаби шоирии устод Боқӣ Раҳимзода фақат аз шеърхонию сухангӯӣ иборат набуда, балки дар он устоди сухан ҳамеша дар пайи омӯзишу пажуҳиш ва ҷустуҷӯҳои эҷодию илмӣ будааст. Дар ин мактаби эҷодӣ шоири азизи мо масъалаи шеъру шоириро ба миён мегузорад ва бад-ин васила суннати шоирони соҳибмактаб чун устод Рӯдакӣ, Ҳаким Низомӣ, Унсурмаолии Кайковус, Амир Хусрав, Абдурраҳмони Ҷомӣ, Сайфии Бухороӣ барин мутафаккирони шеъру шоириро дар замони худ эҳё менамояд. Зеро ин шоирони соҳибтариқат ҳар гоҳ суннатҳои шеър коста мегардиданд, рисолаҳои махсуси илмӣ дар бобати шеъру шоирӣ нигошта, аҳли суханро ба риояи меъёрҳои шеъру шоирӣ мехонданд.

Яке аз муҳаққиқони шеъри суннатии ниёгон Сайфии Бухороӣ дар рисолаи "Арӯз"-и худ ба шеър чунин назар дорад: "Бидон, ки шеър дар луғат донистан ва дарёфтан аст ва

дар истилоҳ, суханест мавзун, ки далолат кунад бар маънӣ ва қофия дошта бошад ва қоили қасди мавзунии он сухан карда бошад"[9.24].

Агар ба ин тавзеҳот таваҷҷуҳ намоем, Сайфии Бухороӣ дар таърихи шеър бештар майл ба фаҳмиши аҳли адаб мекунад ва аз талаботи аҳли мантиқ дар шинохти илми арӯз сарфи назар накарда бошад ҳам, ҷонибдорӣ аз онҳоро таъқид намекунад. Агар ба унсурҳои ба шеър нисбат додаи Сайфӣ таваҷҷуҳ намоем, маълум мегардад, ки ӯ ба таърифи аҳли адаб қоил аст. Масалан, аҳли адаб (Ватвот, Родуёнӣ, Шамс Қайс ва Ҷомӣ) бештар мавзуниро, пеш аз ҳама, таъкид карда, маъниро дар қатори қофия нишон додаанд. Сайфӣ дар тавзеҳоти минбаъдаи шеър "қоили қасди мавзунии он сухан"-ро махсусан тавзеҳ дода, чунин менигорад, ки: "суханро ба мавзун қайд карда бошад аз он ки сухани номавзунро шеър нагӯянд ва сухани мавзунро ба далолат бар маънӣ қайд карда шуд, аз он ки сухани мавзуни бемаъниро шеър нагӯянд ва қофия дошта бошад, гуфта шуд "[9.24]. Дар ин замина, Шоири халқии Тоҷикистон Боқӣ Раҳимзода ҳам шеърро аз назари шоирон мавриди баррасӣ қарор медиҳад ва назари мутафаккирони мантиқиро аз муҳимоти иловагии шеър медонад. Аз ҳамин рӯ, устод Боқӣ дар баррасиҳои минбаъдааш ба меъёр ва шинохти шеърии Ҳаким Низомӣ, Амир Хусрав, Абдурраҳмони Ҷомӣ барин устодони шеъру шоирӣ такяву пайравӣ мекунад ва ин талаботро аз ҳама шоирони дигар тақозо дорад. Агар Боқӣ Раҳимзода назари худро дар пажуҳише дар масъалаи шеъру шоирӣ баён менамуд, бешак, рисолаи ӯ дар радифи тадқиқотҳои беҳтарини шеъру шоирӣ қарор мегирифт.

Устод Боқӣ Раҳимзода, аввалан дар назди шеър масъалаҳоеро муҳим мешуморад, ки замон ба шинохти онҳо таваҷҷуҳ дорад ва шоир дар ҳалли ин масъалаҳо мебояд

таъсиргузор бошад. Яъне дар масъалаи шеъру шоирӣ Боқӣ Раҳимзода масъулияти щоирро дар назди ҷомеа муҳим медонад. Дар шеъри "Қалам", ки манзур шоирони суханвар мебошад, Боқӣ Раҳимзода тарғибу тараннуми "дастони пурэҳсон", "талотумҳои дилҳои хурӯшон", "нуктаҳои ҳикмати соҳибхиёлон", "мӯшикофиҳои зеҳни аҳли ирфон" ва соири масоили дигарро ба миён мегузорад ва аз масъалаҳое, ки дар шеъри гузашта такрор ба такрор омадааст, худдорӣ карданро таъкид кардааст:

*Чашми ҷоду пурфану хунхорҳо гуфтан бас аст,*
*Аз нигоҳи гарму аз лабҳои хандон менавис.*
*Васфи маҳрӯён, хиромонсарвҳо аз ҳад гузашт,*
*Аз барои шавқи ҷонҳои муҳибон менавис.*
*Оламе пур гашта аз ташбеҳу тавсифҳои нек,*
*Офаринишҳои даврон дидаву он менавис.*
*Захми мижгон аз камони абру чандон хӯрдаам,*
*Сер аз ҷон гашта, Боқӣ, як дам ин сон менавис[6.103-104].*

Шоир чун дигар шоирон ба шеъри худ назари хеле нек дорад ва онро "олами орзу" ва "наззораи гулшани латофат" медонад, ки чунин баҳои баланд ба шеъри худро дар дигар шоирон камтар дидан мумкин аст. Профессор Аскар Ҳаким дар пажуҳиши "Тимсоли шеър ва шоир дар шеъри ғиноӣ" симои шахсияти шоирро мавриди омӯзиш қарор медиҳад[10.79]. Боқӣ Раҳимзода дар "Шеър" ном нигоштаи хеш аз аввал то охир ба шеър бо як меҳри беандоза назар медӯзад. Дар ашъори шоир таносуби унсурҳои муҳимтарини шакл ва мазмун ба мақсади фароҳам омадани ҷавҳари маънӣ дорои аҳамияти ҷудогона мебошад. Устод Боқӣ Раҳимзода дар пайкараи шеъри худ мутобиқати шакл ба мавзуъ, таносуби образҳо ба муҳити мавриди тасвир, истифодаи мақсадноки калимаю ибораҳои мардумӣ, ибораҳои маҷозӣ ва фразеологӣ барин мушаххасоти эҷодию ихтисосиро хеле устодона ба

эътибор гирифтааст. Ҳамзамон дар ин нигошта, ки ҳамагӣ 5 байтро дар бар мегирад, шоир як оҳанги ифтихор ва шукргузорӣ аз онро баён мекунад, ки ин тарзи нигориш дар адабиёти гузашта ва имрӯза камтар иттифоқ меафтад.

*Эй нури чароғи маҳфилам, шеър,*
*Созандаи ҳалли мушкилам, шеър,*
*Ҳамрози қалам туӣ ҳамеша,*
*Воқиф туӣ аз ғами дилам, шеър[6.172]...*

Масоили муносибати лафзу маънӣ дар адабиёти гузаштаи мо мавриди мубоҳисаи муҳаққиқон буда, гоҳо ин ду мақулаи шеърро муҳим донистаанд ва гоҳо ҳузури якеро дар пайкари сухан аз дигаре бартар донистаанд. Вале дар шеъри бедилӣ ин масъала хеле доман паҳн мекунад ва ҳатто то ба яке аз мавзуҳои муҳими шеъри даврони Ҷомӣ мерасад. Муносибати лафзу маънӣ ҳамеша мавриди гуфтугӯи муҳаққиқону суханварон қарор доштааст, зеро аз таносуби ин ду мақулаи шеър сухани мавзун ва писандида ба вуҷуд меояд.

Донишманди шаҳри эронӣ устод Абдулҳусайни Зарринкӯб аҳамияти таносуби лафзу маъниро дар пайкараи шеър таъкид намуда, бар алайҳи фаҳмиши нодуруст, ки якеро аз дигаре бартарӣ медонистанд, ибрози назар менамояд: «Дар шеър аҳамияти лафз, ки ҷомае беш нест, аз аҳамияти маънӣ, ки сурат ва ҷавҳари воқеии шеър аст, камтар нест ва ин дуро аз якдигар ҷудо наметавон кард. Бо ин ҳама аз қадим ин масъала пеш омадааст, ки дар шеъру дар адаб ба таври куллӣ лафз муҳимтар аст ё маънӣ? Дар ин ҷо баҳс бисёр шудааст, аммо ҳақиқат он аст, ки дар шеър лафзу маънӣ ҳамтарозанд ва ҳамсанг»[4.52]. Муҳаққиқони асримиёнагии тоҷик низ ба ин масъала таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуда, таносуби лафзу маъниро аз омилҳои асосии бунёди шеър медонанд. Донишманди бузурги илму адаби тоҷик, муаллифи рисолаи «Ал-муъҷам» Шамс Қайси Розӣ таносуби лафзу маъниро аз

меъёрҳои муҳими шеър медонад: «Ва ҳамчунин бояд, ки дар алфозу маъониии ҳар байт дақоиқи танаавуқ (некбинӣ) ба ҷой орад, то агар лафзе ракик (қабеҳ) афтад, азбе (сухани ширине) ба ҷойи он биниҳад ва агар маъние қасир (халал) ёбад, тамом кунад»[2.330].

Аз ҷумла мутафаккири бузурги тоҷик Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ дар масоили муносибати лафзу маънӣ чунин менигоранд:

*Гар бувад лафзу маънияш бо ҳам:*
*Ин дақиқу латифу он маҳкам,*
*Сити ӯ роҳи осмон гирад,*
*Номи шоир ҳама ҷаҳон гирад[8.300].*

Дар ҳолати мутобиқ наомадани лафзу маъниро Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ як нишони шеъри паст ва бемоя медонад:

*В-ар бувад аз табиати торик:*
*Маънии ӯ касифу лафз ракик,*
*Наравад аз бурути ӯ боло*
*Пеши риш бимонад ин коло[8.300].*

Боқӣ Раҳимзодаро ҳам таносуби ин ду муҳимоти шеър ҳамеша дар андеша нигоҳ медорад, зеро дар замони шоир таъсироти равияҳои гуногун ба адабиёт хеле зиёд гардида, шоирон дониставу надониста дар қолаби шеър ҳар гуна дигаргуниҳои вазнию қолабиро месанҷиданд. Шоирро ин вазъ ором намегузорад ва мехоҳад шеърро аз ин гуна суннатшиканиҳои бемаврид ҳимоя кунад. Аз ҳамин назар, чун салафи худ таносуби лафзу маъниро дар шеъри худ мехоҳад таъкид намояд, то меъёрҳои шеъри ниёгонро амонат нигоҳ дорад:

*Маънист, бурун зи қолаби лафз,*
*Резад шакуру майм аз лаби лафз.*
*Фаҳму сухану рамузу маънӣ,*
*Чун рӯз намояд аз шаби лафз.*

*Ҷуз маънии худ намудам изҳор,*
*Бар халқ набуда матлаби лафз...*
*Эй Боқии толиби маонӣ,*
*Чун тифл бихон аз мактаби лафз[6.172].*

Шоир ҳам аз қолабшиканиҳои шеър дар канор набуд ва шояд барои ҷавонон чандин шеърҳоеро дар қолаби нав бо мисраҳои шикаста, вале мавзун бо риояи меъёрҳои ванни арӯз меорад, то ҷавонон суннатҳои муҳими шеъри ниёгонро таз пайи тақлид ба дигарон шуда фаромӯш насозанд. Масалан, шеъри "Дар лаби обе" дар пайи ҳамин гуна навҷӯиҳои шоир ба вуҷуд омада бошад, вале мавзунӣ ва равониро дар пайкари умумии ин шеър пурра эҳсос менамоем:

*Дӣ шабе буд, ки ранҷида нигорам омад,*
*Дар лаби обе,*
*Шаби маҳтобе.*

*Бахт хандида хиромон ба канорам оиад,*
*Дар лаби обе,*
*Шаби маҳтобе[6.122].*

Тасвир ва тасвиргароӣ дар шеъри замони Боқӣ Раҳимзода тоза ба рангу ҷилоҳои тоза рухнамоӣ мекард. Насли Муъмин Қаноат ва Лоиқ бо бахрабардорӣ аз шеъри ниёгон ва назми муосири ҳамзабонон ба пайкари шеър бо мушоҳидаҳои сабзи худ ҳусни тоза мебахшиданд. Устод Боқӣ дар ин ҷода ба насли навсозу тозаҷӯ аз ин шоҳкориҳои гузаштаву имрӯза дар мактаби шоирии худ, мужда медод. Аз ҷумла, тасвири зебоиҳои табиат, ҳусну тарвати баҳори зебо, гулҳои нотакрори шаҳри Душанбе аз он тароватҳои диларome буданд, ки дар мактаби шоирии Боҷӣ Раҳимзода роҳ ёфта, тадриҷан ба як адабиёти тасвирӣ расиданд. Шоир шеъре дар ин ҷода менависад, бо номи "Гилембоф"(ба духтарони шаҳри Қурғонтеппа), дар солҳои 70-ум дар тасвири манзараҳои зебои

ин диёр ва ба ҷилва овардани манзараҳои минётурӣ бесобиқа мебошанд. Агар бам 80 мисраи ин шеър таваҷҷуҳ намоед, дар назар танҳо манзараву лаҳзаҳои зебои табиат ба ҷилва меоянд. Агар гӯем, ки дар он солҳо бо чунин тарзи тасвир шеъреро кам метавон пайдо кард, шояд муболиға нахоҳем кард. Дар ин шеър ашёҳои мавриди тасвир чун одамон ба зебоиҳо бо ҳавас менигаранд ва гули садбарг пагоҳии барвақт бо оби шабнам рухи зебои худро мешӯяд. Ин манзараҳо дар шеъри мазкур таровати зебо пайдо кардаанд, ки басо дилнишину зебо мебошанд:

*Шохи олу ба хона кард нигоҳ,*
*Гашт мабҳут аз таронаи ӯ.*
*Рехт гулҳои хешро ногоҳ,*
*Рӯи қолин ба пеши дасти накӯ.*

*Гули садбарг чун назар афканд,*
*Ранги рухсораш аргувонӣ шуд.*
*Шуст рухро ба оби шабнам чанд,*
*Шуъла зад,и дар шарарфишонӣ шуд[6.15].*

Дар ин шеър мо ба ифодаҳои шоиронае рӯ ба рӯ меоем, ки офаридаи табъи баланди шоиронаи устод Боқӣ Раҳимзода мебошанд, ки дар пайкари шеъри ӯ чун бозёфтҳои қиматбаҳо ба ҷилва меоянд: аз даҳ ангушт чакидани ҳунар, оҳ кашидани насим, гилем чу боғи гул, гулхани лолаҳо фурӯзон, дасти нозук кашад ба риштаи меҳр, риштаҳо медаванд чу оби равон, дили ту махзани вафодорӣ ва ғайра.

Дар ҳар шеъри шоир метавон шоҳкорию бозёфтҳои шоиронаро пайдо намуд, ки ин аз завқи баланду ҳунари волои суханварии ӯ гувоҳӣ медиҳад. Дар зер мо аз шеърҳои шоир байтҳоеро интихоб намудем, ки хонандаи имрӯз дар ҳар сатри он метавонад зебоию тароватҳои тозаи табиати кишвари азизамонро дарёбад.

*Нигористони шеърам гулшани эҷоди маъниям,*
*Баҳористони шавқам сад дабистон дар бағал дорад.*
****

*Ҳилол абру намояд аз нигоҳаш дида мепӯшам,*
*Ки дар авҷи талаб ҷуз авҷи абрӯят намехоҳам.*
****

*Бо умеде, ки бинам навбаҳори кӯи ҷонон,*
*Саҳобосо зи барқи оҳи дил оташфикан рафтам.*
****

*Хам шуда рӯи бистарам, ранг бубину ҳол пурс,*
*Пуртабу тоб пайкарам, сухта чун шарар марав.*
****

*Сар бирасад ба пойи ӯ ҳалқа, ки зуд чу моҳи нав,*
*Мӯй чу моҳи зиндагӣ дар қадамаш нисор шуд.*
****

*Даст зи остин бурун ҳамчу кабутари сафед,*
*Бол фишонда гирди сар, замзамаи ҳазор шуд.*
****

*Дар шишаи тирезаи мо нақш кашида,*
*Борони баҳор аз пайи осори нав омад.*
****

*Андалеби хомаам бесавт дорад сад наво,*
*Ин таҳайюр аз нигоҳи чашми дилдори ман аст.*

Дар ин байтҳо чанд бозёфти шоиронае аст, ки дар саҳифаи адабиёти тоҷик бо номи Боқӣ Раҳимзода сабт гардидаанд, ба мисли "даст чу кабутари сафед", "андалеби хома", "авҷи абру", "мӯй чу моҳи зиндагӣ", "ҳилоли абру" ва ғайра.

Вале ҳар гоҳ шоир масоили иҷтимоию сиёсии замон, дӯстии халқҳо ва мушкилоту мувммоҳои рӯзгори шахсии худро ба қолаби шеър даровардан мехоҳад, суханаш дар таҷассуми зебоиҳои зиндагӣ оҷиз мемонад. Масалан, шеъри "Кош биёртар бошанд духтарон"-ро хонда, дар он аз назокати

ҳунари шоирӣ бӯе бурда намешавад, шояд ин қабил шеърҳоро дар дафтари ҳаҷвии шоир ҷо додан беҳтар мебуд. Бо вуҷуди ин шинохт ва таҷассуми муҳит ва вазъи иҷтимоии ҷомеа аз вазифаҳои муҳимтарини адабиёту фарҳанг буда, шоирон ва нависандагон тавассути омӯзиш ва таҳқиқи ин масъала нуқсу норасоиҳои замони худро баён намуда, дар ислоҳ ва дигаргунсозии он иқдом менамоянд. Устод Боқӣ Раҳимзода дар ин радиф ҳамеша дар тарғиб ва тараннуми шукуфтанҳои ҷомеаи мадании тоҷикон буд ва ҳамаро ба бунёди муҳити солими фарҳангасос мехонд. Тоҷикистонро ӯ бо ифтихори баланд дар шеъраш васф мекунад ва ба ояндаи неки он боварӣ дорад:

*Навбаҳори нозанинам, Тоҷикистонам,*
*Меҳрпарвар сарзаминам, Тоҷикистонам.*
*Дарду доғатро набинам, Тоҷикистонам,*
*Модари бахтоваринам, Тоҷикистонам[6.87].*

Боқӣ Раҳимзода на фақат андешаву бардоштҳои худ, балки ифтихору муҳаббати худро нисбати Ватан дар асоси таҷрибаи эҷодӣ ва мафҳумҳои саҳеҳи адабӣ баён намудааст. Ӯ ба шеър ва шоирӣ натанҳо ҳамчун эҷодкор аз рӯи шавқу ҳавас, балки дар айни ҳол ҳамчун суханшинос ва шоири раҳнамо ва соҳибмактаб асосҳои назариявӣ ва илмии шеъри имрӯзро возеҳу равшан намуда, бо шеъри пурмазмун ва пурмуҳтаво дар таърихи адабиёти муосири тоҷик ҷойгоҳи муносиби худро дарёфтааст.

## Адабиёт


1. Акбарзод Юсуф. Таҳқиқи шеър аз нигоҳи нав. - Душанбе, 2004.
2. Ал-муъҷам фӣ маоири ашъор ал-Аҷам. Таълифи Шамсиддин Қайс ар-Розӣ, бо тасҳеҳи аломаи фақид саиди

марҳум Муҳаммад Абдулваҳҳоби Қазвинӣ, бо муқобила бо шаш нусхаи хаттии қадимӣ ва тасҳеҳи Мударриси Разавӣ. Теҳрон,1320.

3. Дастғайб, Абдуалӣ. Таҳлил аз шеъри нави порсӣ.- Теҳрон, 1370.

4. Зарринкӯб, Абуҳусайн. «Шеъри бедурӯғ, шеъри бениқоб»- Теҳрон: Амири Кабир, 1344.

5. Қодиров Ғиёсиддин. Чашмандозе бар шеъри дарии Афғонистон ва таҳаввулоти он дар садаи XX.- Душанбе, 2020.

6. Раҳимзода, Боқӣ. Асарҳои мунтахаб, ҷилди 1.- Душанбе: Ирфон, 1975.

7. Раҳимзода, Боқӣ. Шеърҳо ва достонҳо.- Душанбе: Маориф, 1983.

8. Маснавии «Ҳафт авранг», таълифоти устод Нуриддин Абдурраҳмон бинни Аҳмади Ҷомии Хуросонӣ.., бо тасҳеҳ ва муқаддимаи оқои Муртазо Мударриси Гелонӣ.- Теҳрон, 1337.

9. Рисолаи Арӯзи Сайфӣ ва қофияи Ҷомӣ. Теҳрон, 1372.

10. Ҳаким, Аскар. Сухан аз шеъру адаб.- Душанбе, 2017.

11. Ҳотам, Муҳтарам. Халқро ҳеч чу ӯ шоири дигар насутуд! //Адабиёт ва санъат.-2025, 10-уми апрел.

12. Шералӣ, Лоиқ. Куллиёт, ҷ.1.- Душанбе: Адиб, 2008.

# ОБУНА БА МАҶАЛЛАИ «ИЛМ ВА ҶОМЕА»

Хонандагони муҳтарам!

Соли 2016 бо ташаббуси Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Раёсати Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон як маҷаллаи дигари илмию оммавӣ бо номи «Илм ва Ҷомеа» арзи ҳастӣ кард. Ҳадаф аз он нашри мақолаю маводҳои илмии олимону донишмандони тоҷик, бозтоби дастовардҳои илмии ҷаҳониён, ошкор кардани мушкилоти ҷаҳони муосир ва аз ин роҳ, ба донишомӯзӣ ҷалб намудани ҷавонон ва мусоидат кардан ба ҳалли мушкилоти мубрами Тоҷикистон, минтақа ва ҷаҳон ба шумор меравад.

Бо ин мақсад, ҳайати таҳририяи маҷаллаи «Илм ва Ҷомеа» Шумо – хонандагони гиромии ин маҷалларо даъват мекунад, ки ба он обуна шавед. Шумо метавонед ба маҷалла фардӣ, гурӯҳӣ ва ё аз ҳисоби ташкилоту муассисаи худ обуна шавед. Нархи солонаи маҷалла бидуни хизматрасонии почтавӣ **109 сомонию 68 дирам** мебошад.

**Индекси обуна**: 77759
**Нишонӣ**: 734025, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33
**Сомонаи мо:** www.ravshanfikr.tj
**Телефон**: 221-53-97, 918-67-79-13, 935-26-62-95
**E-mail**: ilm-jomea@ravshanfikr.tj

**Суратҳисоби Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон**

РМА (ИНН): 010009529
Суратҳисоб (р\сч): 20204972712010100002
БИК (МФО): 350101800
Ҳисоби бонкӣ (к\сч) 22402972000002
Сарраёсати хазинадории марказии
Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон

*Ба матбаа супорида шуд 18.02.2025*
*Барои нашр имзо шуд 11.03.2025*
*Чопи офсети. Ҷузъи чопӣ 19,6. Андоза 70x100¹/₈.*
*Адади нашр 150 нусха. Супориши №93.*

*Муассисаи нашриявии "Дониш"- АМИТ*
*ш. Душанбе,734063, кӯчаи С. Айнӣ 299/2*

*www.ravshanfikr.tj*

**Илм ва** ________________________________